**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ:373.8:681.3 (373+37.035.9)**
**ББК74.261+73+74.200.52 (2 тоҷик.)**
**Р-52**

**РИОЕВ АКОБИР МИРЗОЕВИЧ**

# САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)-И МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Ғиёсиев Меҳриддин Илёсидинович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедра педагогика, психология ва методикаи таълими ДҶТИБКСМ**

**ДУШАНБЕ - 2025**

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО..........................................................3**

**МУҚАДДИМА............................................................ 4-10**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.............................. 10-19**

**БОБИ 1. ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ................................................................. 20-91**

1.1. Мафҳум, моҳият ва мазмуни таълими технология (таълими меҳант) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................. 20-44

1.2. Таҷрибаи таърихии истифодаи усулҳои педагогӣ дар омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ......................... 45-67

1.3. Кабинети технология ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ..................................................................................... 67-88

Хулосаи боби якум 88-91

**БОБИ 2. РОҲУ УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР ШАРОИТИ МУОСИР....... 92-163**

2.1. Истифодаи технологияи инноватсионӣ, усулҳои фаъол ва интерактивӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат)....................................................................... 91-108

2.2. Асосҳои таълими проблемавӣ ва истифодаи он дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)....................................... 108-125

2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба рушди фаъолияти эҷодии хонандагон дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва арзёбии натиҷаҳои он.............................................. 125-154

Хулосаи боби дуюм........................................................ 154-159

**ХУЛОСА.......................................................................... 160-164**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО................................................................... 164-168**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.169-184**

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ................................................................. 185-189**

# ИХТИСОРАҲО

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ТИ** – технологияи иттилоотӣ.

**ГО** – гурӯҳи озмоишӣ.

**ГН** – гурӯҳи назоратӣ.

**ТИК** – технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

**ТНИ** – технологияҳои нави иттилоотӣ.

**ТИТ** – технологияҳои иттилоотии таълимӣ.

**ЗТР** – захираҳои таълимии рақамӣ.

**ЗЭТ** – захираҳои электронии таълимӣ.

**ВМТИ** – воситаҳои маҷозии таълимии институтсионалӣ.

**МТМЭ** – маҷмуаи таълимӣ-методии электронӣ.

**МТМУ** – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пойдории ҷомеа ва дастёбӣ ба дастовардҳои байлалмилалӣ бевосита ба рушди устувори соҳаи маориф марбут аст. Сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба мақсадҳои олии рушди таҳсилоти ҷаҳонӣ ва рушди босуръати нерӯи ақлию зеҳнии ҷамъият нигаронида шудааст.

Аз ин ҷост, ки борҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёби намуд, қайд менамоянд, “ки ба рушди маориф таваҷҷуҳи хоса бояд зоҳир кард ва дар ин раванд аз васоити таҷҳизоти муосир (техникаву технологияи нав) ва усулҳои навини таълим ба таври шоиста истифода намудан, мувофиқи мақсад аст, ки ба пешрафти соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар ин самт, истифодаи дурусти воситаҳо ва таҷҳизоти муосир, аз қабили техникаву технологияҳои нав ва усулҳои инноватсионии таълим, хеле муҳим ва ба мақсад мувофиқ мебошад”.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосӣ, инчунин, мақсаду вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 муайян шудаааст. Онҳо барои таъмини рушди устувори соҳаи маориф, беҳтар намудани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани дастрасии он ба ҳамаи шаҳрвандон равона шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо вазифаҳои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат муқаррар шудаанд.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 самтҳои афзалиятнок, аз қабили таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими иқтидори кадрӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани низомҳои идоракунии муассир муайян гардидаанд.

Мақсад аз татбиқи Стратегияи мазкур аз он иборат аст, ки системаи маорифи кишвар ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад, рақобатпазирии кадрҳо дар бозори меҳнат таъмин гардад ва шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият фароҳам оварда шавад. Дар ин раванд, нақши омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таълимӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Вазифаҳои асосии Стратегия аз таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии муосир, такмили ихтисоси омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим, таъмини шаффофият ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, инчунин, таҳкими ҳамкориҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ иборат мебошанд. Татбиқи босамари ин вазифаҳо имкон медиҳад, ки соҳаи маориф ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори кишвар табдил ёбад.

Пеш аз ҳама Стратегия ба рушди сифати таҳсилот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ баробар намудани он нигаронида шуда, такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ва амалӣ намудани тарзҳои нави таълим аз вазифаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб мешавад. Дар ин росто, яке аз омилҳои рушди баланд бардоштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмилу таҷдиди мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, муносибат ба таълим, маҳорати касбии омӯзгорон, аз ҷумла омӯгорони фанни технология (таълими меҳнат), тарғибу татбиқи усулҳои инноватсионии таълим ва технологияи муосири педагогӣ мебошад.

Шароити муосир тақозо менамояд, ки омӯзгорон бояд дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз унсурҳои таълими рушдёбанда, проблемавӣ ва пешрафта мунтазам истифода баранд. Истифодаи унсурҳои якчанд технологияҳои нави таълим имкон медиҳанд, ки қобилияти дарсомӯзии хонандагон баланд бардошта шавад.

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ, махсусан дар дарсҳои амалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои эҷодии хонандагон равшан зоҳир мегардад. Дар ҳама гуна кори амалӣ ва ҳатто бештар дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо

хонандагон бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки роҳи ҳалли онҳоро омӯхтан зарур аст.

Талабот ва таваҷҷуҳ ба омӯзиш ва донистани ғоя, тарҳ ва моделҳои нав ё аллакай маълум, яъне зарурати истифодаи манбаъҳои иловагии иттилоот (адабиёти бадеию техникӣ, технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ, интернет ва ғайра) торафт афзоиш меёбад.

Ташкили раванди таълим дар асоси технологияҳои навини таълимӣ аз масоили муҳимми таҳсилот буда, ин раванд дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълими рушддиҳанда дар сатҳи баландтар ҳал карда шаванд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим омӯзгор бояд дониш ва методикаву технологияҳои муосири таълимро дар сатҳи баланди муносибати босалоҳият аз худ намояд, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу таҳия карда тавонад,  бо ёрии компютер баҳогузорӣ намояд, аз уҳдаи коркарди иттилооти графикӣ барояд ва ҷадвалҳои электрониро истифода бурда тавонад.

Бо истифода аз компютер ва асбобҳои мултимедиявӣ метавон такроран усулҳои иҷрои амалҳои технологӣ ва пайдарҳамии онҳоро намоиш дода, раванди тағйир додани объект, кашидани расму нақша ва ғайраҳоро пайгирӣ намуд. Тавассути кор бо компютер хонанда метавонад равандҳои муайянро дида, баъдан ин падидаҳоро таҳлил ва азхуд  кунад.

Гузашта аз ин, истифодаи воситаҳои нармафзор, аз қабили китобҳои электронӣ ва энсиклопедияҳои мултимедиявӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба миқдори зиёди иттилооти нав дастрас бошанд ва бо ёрии компютер раванди иҷрои ин ё он фаъолиятро омӯзанд. Намунаҳои монанди китобҳои рақамӣ ва донишномаҳои дорои васоити гуногун ба хонандагон қудрати гирифтани маълумоти фаровонро медиҳанд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд тавассути компютер тарзи иҷрои корҳои мушаххасро азхуд намоянд., ҷустуҷӯ кунанд ва барномаҳоро дар амал татбиќ намоянд.

Дар замони муосир, талабот нисбат ба кормандони эҷодкор, ки дорои тафаккури техникии пешрафта ҳастанд ва метавонанд дар беҳтар намудани

таҷҳизот ва технология саҳм гузоранд, мунтазам афзоиш меёбад. Ҷустуҷуи роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо бевосита ба усулҳои инноватсионии таълим ва омодасозии мутахассисони баландихтисос вобаста аст. Ин раванд аз дониш ва малакаҳои касбии онҳо вобаста буда, дар ҷомеаи имрӯза накши муҳим мебозад.

Андешаҳои иброзшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дарси муосир, алалхусус дарсҳои технология (таълими меҳнат)-ро бидуни истифода аз технологияҳои муосири таълим тасаввур кардан ғайриимкон аст ва он асоси дастёбӣ ба сифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир мебошад, ки аз мубрам ва муҳим будани мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи мо далолат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Технологияи таълим дар илми педагогикаи муосир самти нисбатан нав ба шумор меравад. Олимону муҳаққиқон ба он андешаанд, ки тасаввуроти аввалия оид ба технологияи педагогии таълимро истифода аз воситаҳои муосири техникӣ дар амалияи ҷараёни таълим муайян мекунад.

Омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла Т.А. Шукуров [166], Ш.А. Шаропов [160], Д.Я. Шарипова [159], А. Миралиев [114], Н. Қодиров [130], Н.Н. Шоев [163], Н.М. Юнусова [170], А.Н. Мирзоев [89], М. Лутфуллоев [107] ва дигарон инъикос ёфта, онҳо равишҳои консептуалии тарбияи меҳнатӣ ва маънавии хонандагони муассисаҳои таълимиро пешбинӣ кардаанд.

Таҳқиқотҳои олимони рус, аз қабили В.И. Андреев [23], Л.С. Виготский [76], Ж. Гурова [79], О. Дудина [83], В.В. Давидов [77], О.Ю. Ефремов [86], Н.Д. Никандров [120], Г.В. Рогова [126], В.А. Сластенин [132], Т.И. Фролов [157], И. Федоров [110], Л.М. Фридман [155], Д.Б. Элконин [168] ва дигарон ба даст овардани таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ, ба сатҳи муайяни мустақилият ноил гардидани хонандагонро пешбинӣ мекунад.

Назарияи татбиқи технологияҳои муосири таълим дар адабиёти педагогӣ ва психологӣ бо мафҳумҳои раванди таълим ва раванди педагогӣ якхела аст, ки мо дар асарҳои Ю.К. Бабанский [38], М.А. Данилов [81], И.Ф. Харламов [158] вомехӯрем.

Масъалаи татбиқ кардани технологияҳои муосири таълим дар шароити иттилоотикунонӣ ва комютерикунонии ҷомеа дар асарҳои олимон Е.П. Велихов [73], Н.Н. Моисеев [115] ва дигарон баррасӣ гардидаанд. Муаллифон имкониятҳои ҷомеаи иттилоотиро таҳлил намуда, дурнамо ва оқибатҳои компютеркунониро пешгӯӣ ва хусусиятҳои фаъолияти инсонро бо истифода аз компютер, технологияҳои нав ошкор ва мушкилоти рушди шахсият дар шароити тағйирёбандаро то андозае баён менамоянд. Масъалаи методология ва назарияи технологияҳои муосири таълим дар корҳои В.П. Беспалко [47], Б.С. Гершунский [78], В.М. Монахов [116], Н.Д. Никандров [120], Н.Ф. Тализина [139], О.К. Тихомиров [144] ва дигарон ҷой доранд. Корҳое, ки имкониятҳои дидактикии компютерро равшан сохтаанд, ба иҷро расидаанд.

Олимон В.С. Беспалко [47], Т.В. Габай [140], Б.П. Есипов [84], В.И. Загвязинский [87], Л.В. Занков [88], И.К. Зотова [113], В.С. Леднев [103], Д.С. Лихачев [106], М.И. Махмутов [111], В.А. Поляков [116], Г.К. Селевко [131], В.А. Сластенин [132], Н.М. Шахмаев [162] ва дигарон масъалаҳои ташкилу мукаммал намудани ҳайати омӯзгорон ва такмили идоракунии дохилимуассисавии ҷараёни таълиму тарбияро таҳқиқ намудаанд.

Асарҳои олимони тоҷик А.А. Азизов [15], Н.С. Салимов [128], Т.А. Шукуров [166], Н.Н. Шоев [163], М. Муллоҷонов [93], Ф.С. Комилиён [92], Б.Ф. Файзализода [150], А.Р. Додихудоев [95], Х.М. Ахмедов [37] ва дигарон ба масъалаҳои тарбия кардани омӯзгорон барои компютерикунонии ҷараёни таълим ва истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ бахшида шудаанд.

Омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳқиқоти илмии ба масъалаи мазкур бахшидашуда ва вазъи кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар замони ҷаҳонишавӣ гувоҳ бар он аст, ки масъалаи мазкурро бояд бештару беҳтар омӯхт. Ин дар ҳолест,

ки масъалаи омӯзиш ва такмили маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ ва бозомӯзии касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуда, ин самт андешидани тадбирҳои мушаххаси амалиро тақозо дорад.

Омӯзишу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз теъдоди омӯзгорони ғайриихтисос фаъолияткунандаи фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар хеле зиёд буда, дар ин самт як қатор норасоӣ ва мушкилот ҷой доранд, ба монанди:

–то ҳол дар муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (минбаъд - МТМУ) мавҷуд будани теъдоди зиёди омӯзгорони ғайриихтисоси фанни технология (таълими меҳнат);

–ба талабот ҷавобгӯй набудани сатҳи тахассусии омӯзгорон ва паст будани сифати дарсҳои технология (таълими меҳнат);

–ҳанӯз ҳам ба таври анъанавӣ гузаронидани дарсҳо;

–фаъол набудани низоми худомӯзии омӯзгорони фаннӣ;

–таҳлил ва арзёбӣ нагардидани дарсҳои омӯзгорон;

–пурра таъмин набудан бо таҷҳизоту технология ва воситаҳои айёнии таълим, хеле кам истифода бурдани онҳо дар раванди дарсҳо;

–такмили дониши омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар мабнои инкишофи бовусъати техникаву технология ва зарурати ҷорӣ намудани технологияи навин дар раванди таълим;

–мавҷуд набудани итиллоъ роҷеъ ба ҳар як омӯзгор.

Масоилу мушкилоти зикршуда проблемаи таҳқиқотро ошкор сохта, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти моро муайян карданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи технологияҳои инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-солаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Технологияҳои муосири таълим ва нақши онҳо дар баланд бардоштани

сифати таълим» ва тадбирҳое, ки ҷиҳати ноилшавӣ ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои Барномаи давлатии амалӣ намудани ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №443), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №227) нигаронида шудаанд, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методӣ асоснок намудани имкониятҳои педагогии ба кор бурдани усулҳои нави таълим дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти ноилшавӣ ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Омӯзишу таҳқиқи асосҳои илмии истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.
2. Ошкор ва муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзондани фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;
3. Баррасии ҳолати корбурди усулҳои нави таълим дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;
4. Мушаххас намудани равияҳои афзалиятнок ва шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;
5. Таҳияи маводи методӣ оид ба маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим ва мураттабсозии маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон.

6. Аз тариқи ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муайянсозии самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и МТМУ.

**Объекти таҳқиқот - ф**аъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ дар истифодаи технологияҳои муосири таълим.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот -** истифодаи технологияҳои муосири таълим дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и МТМУ.

**Фарзияи таҳқиқот: и**стифодаи технологияҳои нави таълимӣ дар МТМУ натиҷаҳои хуб хоҳад дод, дар сурате ки:

–агар заминаҳои таълимӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ фароҳам оварда шаванд;

–дар рафти дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ технологияҳои пешрафтаи таълим дар асоси мафҳуми таълимии ба шахс нигаронидашуда татбиқ гардида, усулҳои тарбия мушаххас карда шаванд;

–дар асоси мафҳуми таълим, ки ба рушди шахс равона шудааст, бояд усулҳои тарбия муайян карда шаванд. Мавқеъ ва аҳамияти воситаҳои муосири таълим дар ташаккул ва инкишофи шахсияти эҷодии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ бояд дақиқ ва мушаххас бошад;

–бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) маводи методӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосиру инноватсионии таълим таҳия карда шавад. Инчунин, маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон коркард ва пешниҳод карда шавад, ки барои азхудкунии методҳо ва ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар МТМУ фазои мусоид фароҳам оварад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2018-2024) дар се марҳила иҷро гаридааст:

*Дар марҳилаи якум (2018-2019)* таҳлили назариявии адабиёти илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқ анҷом шуда, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ муайян, моҳият ва роҳҳо оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омӯхта шуд; шароитҳои раванди фаъолияти таълимии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши онҳо дар истифодаи технологияи инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт; фарзияи тадқиқот пешниҳод шуд; хусусият ва унсурҳои алоҳидаи ҷузъҳои таркибии технологияи муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таҳсилоти умумӣ аниқ карда шуд.

*Дар марҳилаи дуюм (2019-2020)* сатҳи тайёрии омӯзгорон барои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шуданд, озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуд. Тавассути усули пурсишнома тасаввуроти омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосири педагогии таълим ва роҳҳои татбиқи он, нақши технологияҳои муосири педагогӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон ва мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар донишандӯзии хонандагон муайян карда шуданд. Дар ин марҳила ба таҳияи маводи методӣ оид ба маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҷиҳати истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим шурӯъ карда шуд.

*Марҳилаи сеюм (2021-2022)* корҳои озмоишӣ амалӣ карда шуданд, ки ҳадафи онҳо санҷиши самаранокии истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ, воситаҳои татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим ва ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорон ҷиҳати истифодаи технологияҳои муосири таълим буд. Дар ин замина шароити педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

аниқ карда шуда, оид ба роҳу усул ва технологияҳои муосири истифодаи технологияҳои инноватсионӣ хулоса ва тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** назарияи фалсафии маърифат, назарияи идрок, муқаррароти фалсафӣ оид ба ҷанбаҳои тарбияи ҳаматарафаи инсон, донисташавандагии олам, таълимоти педагогика ва психологияи рушди таълиму тарбия, ягонагии фаъолияти муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, моҳияти иҷтимоии шахс, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ташаккули шахсияти хонанда, муқаррарот оид ба рушди мутаносибу ҳаматарафаи инсон ва муносибати бонизом ҳамчун методи фалсафии дарки олам ташкил дод.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар таҳқиқот асарҳои файласуфон, педагогҳо, психологҳо, осору афкор ва ақидаҳои олимони тоҷику рус ва кишварҳои дигар дар соҳаҳои илми педагогика, психология ва ғайраҳо оид ба масъалаи густариши истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ истифода бурда шуданд.

Дар таҳқиқот, ҳамчунин, мо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳои директивӣ дар соҳаи маориф ба таври васеъ истифода намудаем.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро бо объекти таҳқиқшаванда омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ба мушоҳида гирифтани раванди истифодаи технологиҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни таълими фанни технология (таълими меҳнат), ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ-омӯзишу таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон,

баргузории корҳои озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада, таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди самараноки онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар Муассисаи таҳсилоти умумии №55-и н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва Муассисаи таҳсилоти умумии №3-и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд. Дар таҳқиқоти озмоишӣ 12 нафар омӯзгорон ва 300 нафар хонандагон иштирок карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– махсусият ва шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ ошкор ва муайян карда шуданд;

– меъёрҳо, роҳҳо ва тарзҳои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) муайян ва роҳҳои самараноки ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи муосири таълим ошкор карда шудаанд;

– мавод оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркард, маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон, ки шароитҳои педагогиро фаро мегиранд ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷида муайян карда шуд;

– технологияҳои педагогӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди ҷорисозии технологияҳои муосир дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таълими умумӣ муайян карда шаванд;

– шароитҳои педагогии муосир ва самарабахши тарбия кардани омӯзгорон барои омӯхтан ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ муайян карда шаванд;

– усули ташхиси самаранокии технологияҳои инноватсионии таълими фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуда, дар ин замина, як қатор равишҳои фаъоли таълим коркард шуданд, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон мусоидат менамоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳо аз омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти умумӣ донистани меъёрҳои зеринро талаб мекунад:

–мафҳум, тарзу намудҳои истифодаи технологияи муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат);

–мавқеи технологияи муосиру инноватсионии таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон;

–мақсадноку бо низом истифода карда тавонистани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни дарси технология (таълими меҳнат).

2. Тайёрии босалоҳияти омӯзгор дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳо ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

–донистани мазмун ва зарурати татбиқи усулҳои технологияҳои навин дар замони ҷадид;

–вазъи мувофиқи педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои навин дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;

–донистани технологияи муосири педагогӣ барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ.

3. Ҷиҳати ташаккули муваффақона ва рушди салоҳияти касбии омӯзгорон дар барномаи курсҳои такмили ихтисос ворид кардани мавзуъҳои марбут ба технологияҳои муосири педагогӣ, инноватсионӣ ва тарзҳои муосиру мақсадноки истифодаи онҳо зарур аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи педагогика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуқтаҳои зерин муаррифгари он аст:

–асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ;

–муайян кардани асосҳои педагогӣ ва озмоиши самарабахшии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо;

–таҳлил карда шудани адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ;

–таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ ва нақши онҳо дар истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ;

–амалӣ намудани корҳои озмоишӣ ба манзури санҷиши маҷмуи шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули истифодаи технологияҳои муосири педагогии таълим;

–муайян кардани хусусиятҳои педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

–дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим аз тариқи озмоиш асоснок карда шудаанд;

–меъёр, дараҷаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ошкор ва коркард шудаанд;

–восита ва шаклҳои фаъолияти омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар татбиқи технологиҳои

муосири педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон муайян карда шуд;

–тавассути роҳу усулҳои мухталиф тасаввуроти мутахассисон, омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосири педагогӣ ва моҳияти он дар донишандӯзии хонандагон муайян карда шудаанд;

–тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти омӯзгор оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгор коркард ва пешниҳод шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълим дар МТМУ, олии равияи педагогӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот:

–*банди 3* – Антропологияи педагогӣ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот);

–*банди 4* – Назария ва консепсияи таълим (навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо, технологияҳои таълим, консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим);

*–банди 6 –* Консепсияҳои таҳсилот (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим, равандҳои инноватсионӣ дар таълим, таҳсилоти замонавӣ ва иловагӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар амри иҷрои фаъолиятҳои зерин зуҳур меёбад:

- таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;
- мӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;
- муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва моҳияти истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- таҳия ва пешниҳоди дастури методӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат);
- гузаронидани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, семинар-машваратҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои тахассусии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, дар ҷаласаҳои васеи шуъбаи технологияҳои инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-солаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа ва баррасӣ гардида, дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумии ҷумҳурӣ, ки корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар муассисаҳои мазкури таълимӣ гузаронида шуданд, амалӣ карда шудаанд.

Дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ: «Тадбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оиди методологияи рушди муттасили касбии омӯзгор» (Душанбе, 2023), «Нақши такмили ихтисоси омӯзгорон дар амалигардонии бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», (Душанбе, 2023), «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона», (Душанбе, 2024), «Тавсифи умумии фаъолияти омӯзгорӣ», (Душанбе, 2024), «Рисолати омӯзгор ва мавқеи он дар ҷомеа» (Душанбе, 2024) натиҷаҳои таҳқиқ ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 27 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 16-тояшро монографияҳо, дастурҳои таълимию методӣ, 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 184 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 14 расму диаграмма ва 14 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 197 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1. ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва мазмуни таълими технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соҳаи маориф аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, аҳамияти хосса медиҳад. Ин соҳа омили муҳимтарини рушди миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ гардида, яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, таълиму тарбияи насли наврас ҳамчун рукни асосии ғояи давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: *«Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон, ки рӯй ба муносибатҳои нави иқтисоди бозоргонӣ овардааст, ба хотири мутобиқати таълим ва тарбияи насли наврас талаб мекунад, ки таҳсилот бо дарназардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба низоми таҳсилоти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мутобиқ кунонида шавад»*.

Вусъати бемайлони иқтисоди мамлакат ба комёбиҳои маорифи кишвар бевосита рабт дорад. Аз ин дидгоҳ, дар шароити муосир, навсозӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар бидуни ноил шудан ба пешравиҳо дар соҳаи илму маориф, имконнопазир аст. Моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз масъалаҳои ҷорӣ намудани меъёрҳои ҷаҳонӣ дар низоми таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд. Сатҳи тараққиёти ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста буда, заминаи онро соҳаи маориф ташкил медиҳад. [2, С. 242-247].

Дар замони навини таҳсилот технологияи муосири таълим ҷанбаи меҳварӣ дорад, аз ин дидгоҳ олимони соҳаи илмҳои педагогикаю психология роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар шарҳу тавзеҳи истилоҳи мавриди назар андешаҳои аниқу баҳсбарангез изҳор кардаанд.

Муддате истилоҳи *«технология»* аз доираи баҳси мафҳумҳои педагогӣ берун буд ва он дар таъбиру ибораҳо ва дар маҷмуъ дар забони технократӣ истифода мешуду халос, бо вуҷуди он ки тарҷумаи таҳтулафзии истилоҳи *«технология»* - таълимот дар бораи маҳорат ва малака буда, ба вазифаҳои илми педагогика аз қабили пешбинӣ ва тарҳрезии равандҳои педагогӣ мухофилат надорад [7-М].

Ҳамзамон, дар адабиёти педагогӣ ба истилоҳҳои зиёде, аз ҷумла, технологияи таълим, технологияи тарбия, технологияи дарс додан, технологияи таҳсилот, технологияи анъанавӣ, технологияи барномасозии таълим, технологияи таълими проблемавӣ ва амсоли ин бархӯрд мекунем, ки баёнгари ин ё он таъбирҳои технологияи педагогианд.

Мавриди тазаккур аст, ки дар ибтидо бештари маврид миёни мафҳумҳои *«технологияи педагогӣ»*, *«технологияи таълим»* ва ғайра тафовут намегузоштанд ва истилоҳи *«технологияи педагогӣ»* мутобиқ ба таълим додан истифода шуда, калимаи технология ҳамчун воситаи техникӣ дарк мешуд. Аммо имрӯз бошад, технологияи педагогӣ, ҳамчун системаи мантиқии фаъолияти педагог дарк шуда, равандҳои педагогиро мунтазам дар амал татбиқ менамояд [71, С. 36-40].

Роҷеъ ба тафсири мантиқии истилоҳи технологияи педагогӣ андешаҳои мутахассисони соҳа мухталифанд. Ба гунаи мисол, Е.Г. Андреева дар таҳқиқоти худ бо номи *«Педагогика творческого саморазвития»* (Казань, 1998), мувофиқи таърифи пешниҳодшуда, технологияи педагогӣ ҳамчун низоми тарҳрезӣ ва татбиқи мутобиқ ба қонуниятҳо, мақсадҳо, принсипҳо, мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таълиму тарбия муайян шудааст, ки сатҳи кифояи самарабахшӣ ва имкони таҷдиду интишори васеи ҷараёни таълимро таъмин менамояд. Соли 1979, Ассосиатсия оид ба педагогикаи

коммуникативӣ (иртиботӣ) ва технологии ИМА, бо таваҷҷуҳ ба муайян кардани мафҳуми *«технологияи педагогӣ»* чунин тадбирро пешниҳод намудаанд: *«Технологияи педагогӣ ин маҷмуи равандҳои интерактивии ҷалби одамон, ғоя, восита ва усули ташкили фаъолият барои таҳлили проблема ва идораи ҳалли масоилест, ки фарогири кулли ҷанбаҳои азхудкунии дониш мебошад»* [38, с. 558].

Аз қавли Л.П. Крившенко, технологияи педагогӣ ин истилоҳи соф илмии тарҳрезишуда ва дақиқан таҷдиду кафолати муваффақшавии амалиёти педагогист. Дар ин росто, мавриди таъкид аст, ки мафҳуми *«технологияи педагогӣ»* ин истифодаи усулҳои фаъолият дар соҳаи таълиму тарбия буда, аз ин дидгоҳ доираи фаҳми он васеътар аз мафҳумҳои «технологияи таълим» ва *«технологияи тарбиявӣ»* мебошад.

Татбиқи *«технологияи педагогӣ»* (аз шарҳи бештари истилоҳҳои *«технологияи таълим»*, *«технологияи тарбия»*, *«технологияи таҳсилот»*, *«технологияи таълими барномавӣ»*, *«технологияи проблемавии таълим»* ва ғайра даргузашта) ба сатҳи дарки маҳорати педагогӣ аз ҷониби сарвар ва дар маҷмуъ омӯзгорон марбут аст.

Ба назардошти тавзеҳи иҷмолии баъзе таъбирҳо мегузарем, ба баёни матлаби *«технологияи педагогӣ»*.

Технологияи нави илмӣ, ба монанди биотехнология, нанотехнология ва ТИ, таҳаввулоти амиқро дар соҳаи тиб, энергетика ва муҳити зист ба вуҷуд меорад. Ин равандҳои нав боиси ислоҳоти методология ва рушди платформаҳои таълимӣ ва рақамӣ, таҳқиқотӣ ва истеҳсолотӣ мегардад.

Технологияи педагогӣ ин унсури муттасил ва амалиёти мушаххаси педагогист, ки дар раванди ташкили корҳои тарбиявию таълим дар муассисаи таълимӣ, идоранамоӣ дар мабнои ҷанбаҳои педагогию психологӣ ҷараён гирифта, хонандагонро мутобиқ ба талаботи замони муосир ба самти натиҷаҳои мусбати тарҳрезишуда ҳидоят менамояд.

Технологияи таълим равандест, ки дараҷаи фарогирии дониш, малака, маҳорат ва ахлоқи инсонро муайян месозад.

Технологияи тарбия раванди иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хазмат мекунад [18-М].

Дар шароити прогресси ҳозираи илмӣ-техникӣ вазифаҳои таълими технологии хонандагон вусъат ёфта, хонандагон ба принсипҳои ҷараёнҳои технологӣ ва истеҳсолот шинос мешаванд, ки иҷрои вазифаҳои ба мақсад мувофиқи технологӣ, графикӣ, конструктивӣ ва ғайра ба онҳо даст медиҳад.

Принсипҳои асосии таълими технологии хонандагон инҳоянд: якпорчагӣ, мутобиқати табиӣ, мутобиқати фарҳангӣ, маҳсулнокӣ, бисёрфарҳангӣ, фаъолнокӣ, иттилоотӣ, интерактивӣ, тамоюли касбӣ ва ғайра.

Масъалаҳои дарки худшиносӣ, муносибати шахс дар ҳаёти воқеӣ, фаҳми амиқи арзишҳо, ормонҳои миллӣ ва дар ин замина арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарии инсонӣ дар шароити кунунӣ аҳамияти махсус доранд. Ҳадафи ниҳоии таълими хонанда дар ин вазъият ташаккули шахсе мебошад, ки на танҳо соҳиби дониши фаннӣ дар соҳаи муайян бошад, балки ба дарки ҳамаҷонибаи ҷаҳон ва фаҳмиши он омода шавад [101, с. 82].

Тарбияи меҳнатӣ, ки на танҳо ба касбомӯзӣ, балки ба муносибат бо муҳити атроф ва рушди маҳорати иҷтимоӣ равона шудааст, метавонад ба ташаккули шахсият ва қобилиятҳои муфид барои ҷомеа кӯмак расонад.

Дар натиҷа, равандҳои таълим ва тарбият бояд ба талабот ва арзишҳои замони муосир мутобиқат кунанд, то хонандагон на танҳо дониш, балки фарҳанг, масъулият ва қобилиятҳои иҷтимоиро низ дарёфт кунанд.

Муоширам ин мубодилаи афкори байни ду шахс ё шахс бо гурӯҳ мебошад.

Самти *«кори техникӣ»* аз ду қисмат иборат мебошад: 1) коркарди масолеҳи конструктивӣ  (чӯб, фулузот): 2) эҷодиёти техникӣ ва бадеӣ (эҷодиёти техникӣ, коркарди бадеии мавод). Омӯзиши қисмати мундариҷаи *«эҷодиёти техникӣ ва бадеӣ»*. Барномаҳои таълимӣ дар қисмҳои тағйирёбанда бо дарназардошти сатҳи омодагии касбӣ-педагогӣ ва махсуси омӯзгор, ҳолати базаи моддию техникии устохонаҳои муассиса, шароиту

анъанаҳои маҳаллу минтақа ва хоҳиши хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Хизматрасонии меҳнатӣ аз панҷ самти асосӣ иборат аст: асосҳои коркарди хӯрока, коркарди маводи нассоҷӣ, хоҷагии деҳот; асосҳои парвариши растаниҳо; асосҳои бадеӣ ва ҳунармандӣ.




**Расми 1. – Амсилаи мавзуъҳои таълимӣ ва таҷрибавӣ самтҳои ҳунарҳои мардумӣ**

Тибқи талаботи барномаи технология-и (касбу ҳунар), ки соли 2003 таълиф шудааст, чор самтро омӯзгорон интихоб намуда, вобаста ба шароити худ мутобиқ гардонида меомӯзонданд: 1) коркарди хӯрока: 2) коркарди матоъ; 3) коркарди чӯб ва 4) коркарди фулузот.

Ҳамзамон, вобаста ба баланд гардонидани маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ва гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос пешниҳод менамоем, ки бо дарназардошти собиқаи кории омӯзгорон се барнома таҳия карда шавад. Аз ҷумла, барои омӯзгороне, ки соли чорум ба кор шуруъ мекунанд, аз 3 то 10 сола; барои омӯзгорони собиқаи кории аз 10 то 20 сола дошта ва барои омӯзгороне, ки аз 20 сол собиқаи кории зиёд доранд. Ин барномаҳо ба он хотир роҳандозӣ мешаванд, ки омӯзгорон аз техника ва технологияи муосири педагогӣ ва методу усулҳои замони муосир

бохабар гарданд.

Дар ин масир пешниҳоди мо чунин аст: баҳри рушди дониш, малака ва маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) бояд аз 12 самт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ истифода кард.




**Расми 2. – Амсилаи рушди дониш, малака ва маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)**

Барои рушди маҳорати педагогии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) истифодаи технологияҳои зерин аҳамияти меҳварӣ доранд: технологияи муосири педагогӣ, технологияи таҳсилот, технологияи таълим, технологияи тарбия, технологияи таълими проблемавӣ, технологияи ба лоиҳагирӣ.



**Расми 3. – Амсилаи маҳорати педагогии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) истифодаи технологияҳо**

Муҳақиқ В.И. Андреев дар бораи технологияи педагогӣ чунин гуфтааст, ки мафҳуми “Технологияи педагогӣ ин низоми тарҳрезӣ ва татбиқи комилан мувофиқ ба қонуниятҳо, мақсадҳо, принсипҳо, мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таълиму тарбия мебошад, ки кафолати сатҳи кофии самарабахшии чараёни таълиму тарбияро таъмин менамояд” [23, с. 236].

Л.П. Крившенко ин матлабро чунин тавзеҳ додааст: “Мафҳуми технологияи педагогӣ ин чараёни равандҳои тарҳрезишуда ва таҷдиду кафолати муваффақшавии амалиёти педагогист” [137, с. 448].

Дар мабнои тафсилоти болозикр мафҳуми технологияи педагогиро чунин тавзеҳ медиҳем: технологияи педагогӣ ин унсури муттасил ва амалиёти мушаххаси педагогӣ бо фарогирии кафолати сифати раванди таълиму тарбия аст, ки хонандагонро ба дарку фаҳми аслии масоили таҳсилот, ба самти натиҷаҳои мусбати тарҳрезишуда ҳидоят менамояд.

Мавриди тазаккур аст, ки мафҳуми *«технологияи педагогӣ»* равишҳои фаъолиятро дар мабнои маҳорати ҳирфаии педагогӣ дар бахши таълиму тарбия ифода мекунад. Аз ин нуктаи назар, мафҳуми *«технологияи педагогӣ»* нисбат ба мафҳумҳои *«технологияи таълим»* ва *«технологияи тарбия»* васеътар аст. Ва бо ҳамаи гуногуншаклӣ технологияи педагогӣ ду роҳи эҳё дорад: дар як маврид тавассути назария ва дар мавридҳои дигар технология аз таҷриба сарчашма мегирад.

Ғояи пайванди таълим ба технология нав нест. Ҳанӯз Я.А. Коменский роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда буд. *Ӯ дар асари худ нигоштааст. Барои дастгоҳи дидактикӣ зарур аст, ки мақсадҳоро бояд қатъӣ муқаррар кард; воситаҳои мушаххасро ҷиҳати муваффақ шудан ба ин мақсадҳо бояд муайян намуд; барои истифодаи воситаҳои мазкур қоидаи устуворро таҳия кардан амри воқеист, ки ҳадафи расиданро ба мақсадҳои таълим таъмин менамояд»* [90, с. 112].

Технология педагогӣ тибқи ақидаи олими машҳури соҳа В.П. Беспалко

чунин тавсиф мешавад:

– *«таҳияи маводҳои дидактикӣ барои омӯзгорони ҷавоне, ки соли аввал ба кор шуро мекунанд;*
– *таҳлил, танзим ва пурра намудани иттилое, ки мутааллиқ барои аз худ кардан аст;*
– *дар раванди таълим истифодаи маҷмуи воситаҳои дидактикӣ, техникӣ, аз ҷумла компютерӣ ва дигар васоили таълим ва назорат;*
– *пурқувват намудани вазифаҳои ташхисии таълим ва тарбия ва кафолати сатҳи баланди сифати таълим муҳим аст»*.

В.П. Беспалко дар асарҳои худ чунин мегӯяд: *«Пурқувват намудани вазифаҳои ташхисии таълим ва тарбия ва кафолати сатҳи баланди сифати таълим муҳим аст»* [49, С. 52].

Пеш аз он ки ин фарқиятро баррасӣ намоем, зарур аст, ки мафҳум ва маъноҳои таҳтуллафзии истилоҳҳои *«метод»*, *«методика»* ва *«методология»*-ро тавзеҳ диҳем.

Метод калимаи юнонӣ “methodos” буда, тарзи дарк кардан, таҳқиқи зуҳуроти табиат ва ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин, усул ва ё системаи усулҳо дар ягон соҳаи фаъолият мебошад.

Методҳои таълим ин тарз, усули муштараки (якҷоя, ҳамроҳ) фаъолияти омӯзгор ва хонандагон аст, ки ба раванди муваффақшавии мақсадҳо дар таълиму тарбия нигаронида шудааст. Ҳамзамон ба василаи методҳои таълим омӯзгор аз барномаҳои таълимӣ, донишҳо нав, маҳорат, малака ва инчунин ташаккули сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифатии хонандагонро таъмин менамоянд [52, С. 529].

Методика ин маҷмуи методҳо, усулҳои амалии иҷрои ягон мақсад, таълимот оид ба методҳои таълими ин ё он фан мебошад.

Методология ин таълимот дар бораи методҳо. Асосҳои бунёдӣ ё маҷмуи усулҳост, ки дар таҳқиқи ягон илм истифода мешавад.

Аз ин нуқтаи назар, олимону муҳақиқон бартарии технологияи педагогӣ аз методикаи таълимро дар он дидаанд, ки дар технологияи педагогӣ аз нав

ба вуҷуд овардан, таҷдид кардани сифати баланди таълим дар раванди таълиму тарбия ва иҷрои муттасили вазифаҳои педагогӣ, бештар муяссар мегардад.

Мавриди тазаккур аст, ки дар бисёр мавридҳо методика имкони беҳтаршавии сифати таълиму тарбияро намедиҳад. Бинобар ин, бояд афзуд, ки дар ҷараёни тарҳрезии дарс методикаро мумкин аст, ки ба дараҷаи технология тавассути маҳорати педагогӣ расонд. Масалан, агар методикаи муайяни арзёбии дониш ба обективият, эътимод ҷавобгӯ бошад, пас онро метавон технологияи педагогӣ эътироф кард.

Технологияи педагогӣ ба маҳорати педагогӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар сатҳи баланд донистани технологияи педагогӣ ин аз маҳорати баланди ҳирфаи вобаста аст [50, С. 69].

**Технологияи таълими анъанавӣ**. Адабиёти илмии педагогию психологӣ ба исбот расондааст, ки технологияи таълими анъанавӣ бо вуҷуди ба замон мутобиқ буданаш хонандагонро аз пайи таҳлил намебарад.

Технологияи анъанавӣ такя ба додани дониш, маҳорату малака мекунад. Ин навъи технология азбар намудани мазмуни таълим, тафтиш ва ё арзёбии (баҳогузорӣ) сифати таълимро дар сатҳи ба ёд доштан таъмин менамояд.

Ин навъи технологияи қадимӣ буда, дар шароити феълӣ низ иштирок дорад, махсусан дар МТМУ. Моҳияти он дар таълим ба тарҳи зерин аст: омӯхтани дониши нав – мустаҳкам кардан – назорат – арзёбӣ (баҳогузорӣ). Асоси технологияи анъанавиро парадигмаи таълим ташкил медиҳад, ки тибқи он кифоягии дониш барои ҳаёти баъдии хонанда муайян карда мешавад.

Методи асосии таълими ин технология – мувофиқатии мазмуни айёният бо мавзуъ; навъи фаъолияти хонанда – гӯш кардан, дар хотир нигоҳ доштан; талаботи асосӣ такрор кардани маводи омӯхташуда мебошад [97, С. 304].

<u>**Бартарӣ:**</u> фаҳми маводро то андозае таъмин менамояд.

<u>**Норасоӣ:**</u> зарфияти фикронии хонандагон ба таври зарурӣ инкишоф намеёбад.

**Технологияи рушдкунандаи таълим**. Ин технология дар миёни технологияҳои таълим яке аз технологияҳои эътирофшуда аст. Асосгузори назарияи фарҳангӣ – таърихи инкишофи психикии инсон Л.С. Выготский тавассути таҳқиқоти арзишманди худ ба технологияи рушдкунандаи таълим таъсири амиқ гузоштааст.

Педагоги рус Л.С. Виготский ба ин назар аст, ки *«инкишофи кӯдак, аз ҷумла рушди интеллект аз пайи таълиму тарбия меравад. Ӯ ба исбот расонд, ки педагогика бояд дар рушди инкишофи интеллектуалии ояндаи кӯдак бевосита таъсир расонад. Танҳо дар ҳамин ҳолат педагогика дар раванди таълим метавонад унсурҳои инкишофро, ки дар ин масир дар минтақаи наздиктарини инкишоф қарор дорад, комёбӣ ба даст орад. Мафҳуми «минтақаи наздиктарини инкишоф» дар он зоҳир мегардад, ки дар як давраи муайян, рушди кӯдак метавонад вазифаҳои таълимро бо ёрии калонсолон ва дар ҳамкорӣ бо рафиқони нисбатан донотар ҳаллу фасл намояд»* [76, С. 479].

**Технологияи давра ба давра ташаккули амалҳои зеҳнӣ.** Тибқи ақидаи Н.Ф. Тализина, *«асоси назарияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дониш, маҳорату малака бе фаъолияти босуботи педагог азхуд ва ҳифз карда намешаванд»* [142, С. 346].

Технологияи педагогӣ ҳамчун усули мунтазами эҷод, ба андешаи Л.В. Занков, *«технологияи ҳамкории коллективӣ аз ду компонент иборат аст: таҳия ва омода намудани маводи таълимӣ; тамоюли хонандагон, технологияи рафти машғулияти таълимӣ»* [88, С. 176].

Дар ин радиф, барои баланд бардоштани маҳорати касбӣ омӯзгорони ҷавони МТМУ бояд ба умқи ҷанбаҳои фаъолияти педагогӣ мутаваҷеҳ шаванд.

Маҳорати педагогӣ ин хулаи дониш, маҳорати ҳирфаӣ, сифатҳои шахсият ва таҷриба аст, ки ба василаи қобилиятҳои таълимии касбӣ аз ҷониби омӯзгор амалӣ мегардад.

Маҳорати педагогӣ пеш аз ҳама натиҷаи меҳнати пурсамари эҷодии

омӯзгор, саъю кӯшиш, такмили мунтазами кори таълиму тарбия ва усули корбарии омӯзгор мебошад.

Омӯзгоре, ки маҳорати педагогии суст дорад, усули аз худ кардани донишро ба хонанда фаҳмонда наметавонад, гузашта аз ин, андеша ронданро аз хонанда талаб намекунад.

Агар хонанда фикр кунад, ҳавасаш бедор мегардад ва зарурати донишро фаҳмида, бо завқ мехонад. Барои ин усулҳои таълимро иваз кардану мисолҳои шавқовар овардан кифоя аст.

Маҳорати педагогӣ, санъати таълиму тарбия ва тавоноии ҳирфаист, ки барои ҳидояти анвои корҳои таълимую тарбиявии хонандагон ба самти рушди ҳамаи ҷанбаҳои дониш, аз ҷумла ҷаҳонбинию қобилиятҳо равона мешавад.

Омӯзгор тавассути маҳароти ҳирфаӣ бояд вазифаҳои раванди таълимро машаххас намуда, ба василаи қобилияти таълимӣ онҳоро татбиқ намояд, аз ҷумла:

– роҳҳои фарогирии дониши хонандагон;
– қонеъ намудани талаботи маънавии онҳо;
– ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон ҷиҳати аз худ кардани донишҳои илмӣ;
– инкишофи қобилиятҳои азбар намудани дониш ва эҷодӣ;
– ташаккули маҳорату малакаи таълимӣ барои худомӯзӣ ва фаъолияти эҷодӣ;
– ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагон.

Ҷиҳати иҷрои муваффақонаи вазифаҳои таълим зарурат пеш меояд, ки дар фаъолияти педагогӣ аз маҳорати ҳирфаӣ ва таълими инноватсионӣ истифода намоем.

Манбаи боэътимоди маҳорати педагогӣ техникаи педагогӣ маҳсуб мешавад, ки тавзеҳи он чунин аст. Техникаи педагогӣ ин маҷмуи маҳоратҳои вижаи педагогист, ки ба василаи сифатҳои ҳирфаӣ ва шахсӣ ба хонанда таъсир расонида мешавад.

Дар умум, роҷеъ ба фаҳмиши маҳорати педагогӣ аз сӯйи олимони машҳури соҳа Ю.П. Азаров ва А.С. Макаренко фарзияҳое матраҳ шудаанд, ки шарҳи матлабро саҳеҳ менамоянд: *«Маҳорати педагогии омӯзгор пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки ӯ тавонад раванди омӯзишро дар такя ба таҷрибаи касбӣ, дар шароити гуногун, ҳатто ниҳоят душвор дар сатҳи хеле баланд ташкил намояд»* [6, С. 448; 109, С. 19-23].

Ба ақидаи Ю.П. Азаров: *«Маҳорати расонидани иттилоот аз ҷониби омӯзгор, маҳорати пайдо намудани роҳҳои нави таълим ва кор кардани усулҳои нави азхудкунии донишҳо ҷанбаҳои дигари фаъолияти мусбати педагоганд»* [6, С. 448; 109, С. 19-23].

Дар ин радиф, ба андешаи инҷониб роҳҳое, ки барои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) кӯмак мерасонанд аз хондани китоб, рӯзнома ва дигар маводҳои ёрирасон. Асосан таҷриба, омӯзиш дар соҳаи педагогика, истифодаи интернет ва иштирок дар курсҳои такмили ихтисос барои ба даст овардани дониш ва малакаи навин риоя мешавад. Омӯзандаи муосир бояд метод ва технологияи нави педагогиро бишносад ва таҷрибаҳои кӯдакҳоро, ки тавассути семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конфронсҳо ба даст омадаанд, истифода барад.

Илова бар ин, истифодаи методҳои саволу ҷавоб, ҳуҷуми ақлӣ, хаттӣ пешниҳодҳои савол, имову ишора, истифодаи ҷадвали ММД, истифодаи бозиҳои нақшӣ, истифодаи энерҷайзерҳо, робитаи мутақобила, омӯзиши таълими проблемавӣ, истифодаи методҳои таҳқиқот дар таълим, методи ба лоиҳаигирӣ (эҷодкорӣ), кор дар гурӯҳҳои хурд, асбобҳои аёнии таълимӣ, маърузаи хурд (презентатсия), маводҳои тақсимотӣ, санъати фасалитаторӣ, истифодаи маводҳои дидактикӣ, воситаҳои аудио-визуалӣ, истифодаи компютер, наворҳои видеоӣ, слайдҳо ва тахтаи интерактивӣ-электронӣ раванди таълимро вусъат мебахшад.

Ҳангоми таълим омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) бояд аз пешравиҳои технологияи муосири педагогӣ бохабар бошанд, чунки он барои баланд бардоштани сифати таълим таъсири амиқ расонда, раванди

таълим густурдатар мешавад.

Рушди фикрронии хонандагон раванди бошууронаи такмилдиҳии дониш, малака ва маҳорат буда, имконият медиҳад, ки хонандагон объекти омӯхташавандаро хамчун натиҷаи таҳқиқоти маводи таълимӣ айнан тасаввур намоянд [6, С. 448; 109, С. 19-23].

Дар амалияи педагогии собиқ шуравӣ истилоҳи *«технологияи таълим»*-ро соли 1989 В.П. Беспалко ворид карда буд, ки тибқи он *«технологияи таълим»* раванди таълими мунтазам ва пай дар пай пеш таҳрезишуда мебошад [50, С. 52-69].

Ба андешаи И.П. Волков, *«технологияи педагогӣ тавсифи раванди ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи таълим мебошад»* [75, С. 514].

В.М. Монахов, низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда менависпд, ки *«технологияи педагогӣ намунаи фаъолияти муштараки педагогӣ мебошад, ки дар тарҳрезӣ, ташкил ва гузаронидани раванди таълим бо ҳар як ҷузъиёт андешидашуда бо фароҳам овардани шароити мусоид барои хонандагон ва омӯзгорон»* [117, С. 44-50].

Технологияи педагогӣ усули мунтазами эҷод ва татбиқи раванди таълим бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ мебошад. Фанни технология (таълими меҳнат) донишҳоро вобаста ба фанҳои математика, физика, химия, биология, санъати тасвирӣ, ТИ ва истифодаи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон талаб мекунад. Омӯзиш бояд бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд бошад. Дар муассисаҳои таълимӣ навъҳои гуногуни фаъолиятро бо мақсади таълиму тарбия истифода бурдан мумкин аст.

Технологияи педагогӣ дар таълим метавонад усулҳои муосири таълимро, аз қабили истифодаи таҷҳизоти компютерӣ, нармафзори таълимӣ ва захираҳои онлайнӣ дар бар гирад. Ин усулҳо ба муаллимон имкон медиҳанд, ки раванди таълимро ҷолибтар ва барои хонандагон фаҳмотар баргузор намоянд. Инчунин, технологияи педагогӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки мустақилона омӯзанд ва малакаҳои худро инкишоф диҳанд.

Технологияи педагогӣ аз гузоштани ҳадафҳои ташхисшаванда оғоз

меёбад, ки дар он ҳадафҳо бояд дар амал ё стандартҳои ин амалҳо ифода карда шаванд [117, С. 52].

В.М. Монахов ба ин назар аст, ки *«Технологияи педагогӣ як модели фаъолияти муштараки педагогӣ мебошад, ки барои тарҳрезии раванди таълим бо фароҳам овардани шароити мувофиқ барои хонандагон ва омӯзгорон ташкил ва гузаронида мешавад. Ин усул барои беҳтар кардани сифати таҳсилот ва дар назар доштани ақидаҳои нав мувофиқ аст»* [117, С.61].

Дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ дониш, малака ва маҳорати инсонӣ ба таври доимӣ инкишоф меёбад. Тавассути меҳнат шахс на танҳо маҳсулот истеҳсол мекунад, балки инчунин худро ҳамчун шахсият такмил дода, ҷаҳонбинии худро васеъ менамояд. Омӯзиши меҳнат дар муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки хонандагон ба ҷаҳони касбҳо шинос шаванд, малакаҳои амалӣ ба даст оранд ва барои интихоби касби оянда омода гарданд.

Дар раванди таълими замони муосир истифодаи маводи дидактикӣ-воситаҳои аудио-визуалӣ, истифодаи компютер, наворҳои видеоӣ, слайдҳо, тахтаи электронӣ, маводи тақсимотӣ, роҳҳои баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодӣ, истифодаи супоришҳои кор дар гурӯҳҳои хурд, корҳои дунафара дар таълим ва дигар воситаи дидактикӣ, ки барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) муфид ва самарабаш мебошанд, аҳамияти махсус доранд.

Барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, омӯзгоронро зарур аст, ки аз имконоти замони муосир – технологияи таҳсилот истифода намоянд. Таълим дар замони муосир тақозо мекунад, ки бештар дар рафти таълими фанҳо усулҳои фаъол ва интерактивиро истифода барем.

Дар МТМУ фанни технология (таълими меҳнат) фаннест, ки мутобиқати донишҳоро вобаста ба фанҳои математика, физика, химия, биология, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, ТИ ва истифодаи онҳоро дар саноат, сохтмон, энергетика, коммуникатсия, кишоварзӣ ва дигар самтҳои фаъолияти инсон

талаб мекунад.

Ҳама чизе, ки омӯхта мешавад, бояд бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд бошад, то зарурати омӯзишро тавассути истифодаи дониш дар таҷрибаи касбӣ исбот намояд. Донишҳои назариявӣ бояд бо таҷрибаи касбӣ алоқаманд бошанд ва омӯзиши амалӣ бояд асоси дониши назариявӣ дошта бошад.

Пайвасти ҷанбаҳои назариявию амалиро дар ҳамаи илмҳо коркарди технологияи таҳқиқоти илмӣ таъмин менамояд. Дар ин росто шарҳи мухтасари мафҳуми *«технология»* чунин аст.

Технология (аз калимаи юнонии технос-ҳунар, маҳорат, тавоноӣ, санъат ва логос – илм) таркиб ёфта, маҷмуи донишҳо, усулҳо, воситаҳо ва методҳое мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва беҳтар кардани ҷараёни истеҳсолот ва зиндагии инсон истифода мешавад. Он метавонад дар соҳаҳои гуногуни инсон, аз ҷумла дар саноат, илм, иқтисод, тиб, маориф ва дигар бахшҳо мавриди истифода қарор гирад [16-М].

Дар муассисаҳои таълимӣ навъҳои гуногуни фаъолият, аз қабили бозӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, варзишӣ ва бадеӣ истифода мешаванд. Татбиқи ҷараёнҳои лоиҳакашӣ ва истеҳсоли маҳсулот дар омӯзиши соҳаи таълимии технология намунаи хоси истифодаи фаъолияти меҳнатӣ ба мақсадҳои таълиму тарбия мебошад.

Истифодаи усулҳои муосири таълим дар якҷоягӣ бо фаъолияти меҳнатӣ ба баланд бардоштани самаранокии таълим мусоидат мекунад. Омӯзгорон метавонанд аз технологияҳои иттилоотӣ, моделсозӣ, тарҳрезӣ ва дигар усулҳои пешқадам барои ҷалби хонандагон ба раванди таълим истифода баранд. Дар ин ҳолат, хонандагон имконият доранд, ки донишҳои назариявиро дар амал татбиқ намуда, бо усулҳои муосири истеҳсолот шинос шаванд.

Барои муайян кардани нақши меҳнат дар системаи таълими умумии ҷавонон моҳияти онро аз ҳамин нуқтаи назар дида баромада, механизми таъсири меҳнатро ба рушди шахсият ошкор кардан лозим аст. Дар мафҳуми умумӣ, меҳнат ин ҳама гуна амалиёти судманди ҷамъиятӣ аст, ки ба қонеъ

намудани эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии инсонҳо равона шудааст.

Дар таърифи дақиқтари илмӣ, меҳнат ҳамчун раванди мутақобилаи инсон ва табиат барои ноил шудан ба манфиатҳои ҳаётан зарурӣ шинохта мешавад. Ин мафҳум чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад. Худи меҳнат ё фаъолияти меҳнатии инсон, абзорҳои меҳнат ва предмети меҳнат. Фаъолияти меҳнатӣ ин амалест, ки дар он шахс бо истифода аз абзорҳои гуногун ба предмети меҳнат таъсир расонида, ба натиҷаи мушаххас ё маҳсулоти меҳнатӣ ноил мегардад. Абзорҳои меҳнат маъмулан асбобҳои корӣ, дастгоҳҳо ва дигар воситаҳои меҳнатӣ мебошанд.

Ба воситаи меҳнат инсон талаботи худро қонеъ мегардонад. Дар баробари ин, талаботи инсони дигар, яъне умуман эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ низ ба василаи меҳнат қонеъ гардонда мешавад.

Меҳнат фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ буда, бо қонеъ гардондани талаботи моддӣ ва маънавии инсонҳо алоқаманд аст. Меҳнат раванди ҳамкории байни инсон ва табиат бо мақсади ба даст овардани манфиатҳо буда. Меҳнат унсурҳои худи меҳнат, воситаҳои меҳнат ва объекти меҳнатро дар бар мегирад. Фаъолияти меҳнатӣ фаъолиятест, ки дар он шахс дар объекти меҳнат бо ёрии воситаҳо амал карда, натиҷаи муайян ба даст меорад. Воситаҳои меҳнат асбобҳои корӣ, дастгоҳ ва дигар асбобҳои меҳнат мебошанд.

Бо мақсади татбиқи босифати раванди таълим ва тарбия, муассисаҳои таълимӣ бояд бо таҷҳизоти замонавӣ ва маводҳои зарурӣ таъмин карда шаванд. Ҳамчунин, муҳим аст, ки омӯзгорон доимо малака ва маҳорати худро такмил диҳанд, то ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон дар муҳити мусоид ба воя расида, барои зиндагии мустақилона ва фаъолият дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт омода шаванд.

Дар татбиқи ҷараёни меҳнат маҳорати назорат кардан ба пешравӣ ва натиҷаҳои фаъолият нақши муфид мебозад. Дар баробари ин, иҷрои ҷараёни меҳнат маҳдудияти муайян, қобилияти бартараф намудани душвориҳои

объективӣ ва субъективӣ, яъне зуҳури сифатҳои ихтиёрии шахсро талаб мекунад. Дар навбати худ, зуҳури сифатҳои ихтиёрӣ бо муносибатҳо, ангезаҳои дохилии меҳнат, яъне ангезаҳои фаъолияти меҳнатӣ зич алоқаманд аст.

Меҳнат қариб ҳамеша, дар ин ё он шакл фаъолияти якҷояи инсон мебошад. Дар ҷараёни меҳнат фаҳмида мешавад, ки меҳнати баъзе одамон ба меҳнати дигарон вобаста буда, дар навбати худ барои меҳнати дигарон шароит ба вуҷуд меоварад.

Меҳнат, аз як тараф, бо амалҳои ҷисмонӣ, аз тарафи дигар бо амалҳои фикрӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, меҳнат дар ҳар маврид фаъолияти фикрӣ ё ҷисмонӣ мебошад.

Дар ҳаёти инсон меҳнат нақши меҳварию роҳбарикунанда дорад. Фаъолияти меҳнатӣ асоси рушди тамоми навъҳои дигари фаъолияти инсон: бозӣ, варзиш, бадеӣ, тарбиявӣ ва маърифатӣ, таҳқиқотӣ ва ғайра мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти меҳнатӣ барои ташаккули шахсияти инсон аҳамияти калон дорад. Иштироки хонандагон дар меҳнат барои мустаҳкам намудани саломатӣ ва рушди муътадили ҷисмонии онҳо зарур аст.

Меҳнат барои хонандагон на танҳо ҷиҳати мустаҳкам намудани саломатию рушд додани қобилияти меҳнатӣ, балки барои камолоти иҷтимоӣ ҳам зарур аст.

Бинобар ин, ба мо на танҳо таҷрибаи меҳнатии хонанда, балки амалияе лозим аст, ки ба шароити иҷтимоии ҳаёт таъсир расонад, ки он амалияи васеътари иҷтимоӣ маҳсуб мешавад.

Меҳнат воситаи амалии ба муносибатҳои иқтисодӣ ворид намудани хонандагон мебошад, ки барои таълими иқтисодӣ аҳамияти вижа дорад. Меҳнат фаъолияти амалист, ки барои омӯзиши илмҳои физика, математика, химия ва биология мусоидат мекунад. Дар меҳнат диққат ва донишҳои гуногун истифода мешаванд. Мисоли меҳнати истеҳсолӣ он аст, ки дар он ҷанбаҳои химия, физика, математика ва таърихи иҷтимоӣ инъикос меёбанд. Меҳнат ҳамчунин воситаи ташаккули муносибат ба фаъолияти таълимӣ ва

маърифатӣ мебошад, зеро хондан низ як навъи меҳнат аст.

Меҳнат, ҳамчунин, заминаи муҳимме барои рушди тафаккури техникӣ ва малакаҳои амалӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки назарияҳои илмӣ дар амал татбиқ шаванд ва хонандагон таҷрибаи воқеӣ ба даст оранд. Тавассути меҳнат, шахс қодир аст маҳсулотро эҷод кунад, мушкилотро ҳал намояд ва дар ҷараёни истеҳсолот саҳм гузорад. Ин на танҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад, балки ҳисси масъулият ва ватандӯстиро тақвият мебахшад.

Илова бар ин, меҳнат дар ташаккули шахсият нақши муҳим мебозад. Он ба инкишофи сифатҳои муҳими инсонӣ, аз қабили интизом, сабр, дақиқӣ ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Дар раванди меҳнат, шахс бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, ки барои ҳалли онҳо саъю кӯшиш ва ҷиддияти зиёдро талаб мекунад. Ин таҷриба ба шахс имкон медиҳад, ки устувор гардад ва барои муваффақият дар соҳаҳои дигари ҳаёт омода бошад.

Меҳнати эҷодӣ, бахусус, на танҳо барои истеҳсоли маҳсулот, балки барои кашфиётҳои нав низ мусоидат мекунад. Он имконият медиҳад, ки шахс фикрҳои худро амалӣ созад, ихтироъ кунад ва технологияҳои навро таҳия намояд. Ҳамин тариқ, меҳнат омили муҳим дар пешрафти илм ва техника ба ҳисоб меравад. Инчунин, ҳар як намуди меҳнат вобаста ба пешрафти ҷомеа бояд баҳогузорӣ карда шавад ва мавриди омӯзиш қарор гирад.

Бинобар ин, сифатҳои меҳнатӣ ба ҳалли вазифаҳои тарбиявию маърифатӣ мусоидат мекунанд. Ба ҳамин тариқ, дар бораи алоқаҳои меҳнатӣ бо варзиш, санъат ва ғайра сухан рондан мумкин аст.

Бояд хулоса кард, ки қувваи пешбарандаи рушди маънавии хонанда дар таҳсилот ба меҳнати босамари ӯ дорад вобастагӣ дорад. Барои ошкор намудани ин робита, мафҳуми меҳнат ва мазмуни таълимро таҳлил кардан лозим аст. Ба онҳо аз мавқеи васеи фалсафӣ муроҷиат бояд кард, то ки умумияти ин ду падида ошкор карда шавад.

Дидгоҳи фалсафӣ ду шакли раванди объективии табдили воқеияти моддиро ба назар мегирад:

**Якум**, раванди табиии табодули воқеияти моддӣ, ки кулли тағйироти воқеиро дар бар гирифта, бидуни таъсири инсон ба амал меояд:

**Дуюм**, меҳнат, ки раванди истеҳсолии он аст. Дар ин ҷо мо соҳаҳои табдили воқеияти моддиро баррасӣ мекунем, ки аз ҷониби шахс мақсаднок амалӣ карда мешавад. Шакли дуюми тағйир ёфтани воқеияти моддӣ ё меҳнат дар баробари ба вуҷуд омадани инсоният арзи вуҷуд кардааст.

Умумияти ин ду шакли табдили воқеият дар объективияти мазмуни онҳост. Ҳам ҷараёни табиӣ ва ҳам ҷараёни меҳнат мувофиқи қонунҳои табиӣ амал мекунанд. Инсон, агар кирдораш ба ин қонунҳо мухолиф бошад, дар меҳнат ба мақсади худ намерасад.

Бо таҳлили ин навъҳои дигаргуниҳои воқеият метавон ба хулосаи муҳиме расид. Агар равандҳои табиӣ ва меҳнатӣ шаклҳои ягонаи объективии табдили воқеияти моддӣ бошанд, омӯзиши табиат дар айни замон таҳқиқи моҳияти истеҳсолоти меҳнат аст. Ин маҷмуи дониш ва маҳоратеро дар бар мегирад, ки хонандагон бояд аз худ кунанд. Пойгоҳи ин маҷмуи дониш, малака ва маҳоратро шинохти қонунҳои табиӣ ва қонунҳои объективии табдили воқеият ташкил медиҳад [13-М].

Мазмуни меҳварии фанни технология (таълими меҳнат)-ро навъҳои зерини меҳнат ташкил медиҳанд. Вазифаи таълимии хонандагон меҳнати фикрӣ ва ҷисмониро фарогир аст. Меҳнати фикрӣ аз ҳама пуршиддат буда, ирода, сабру тоқат ва матонати бузургро талаб мекунад. Одати кори ҳаррӯзаи фикрӣ барои ҳамаи навъҳои фаъолияти меҳнатӣ аҳамияти калон дорад. Дар нақшаҳои таълимии муассисаҳо дар машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат), дар устохонаҳои муассисаи таълимӣ ва майдончаҳои он меҳнати ҷисмонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҷараёни меҳнати ҷисмонӣ барои зуҳури сифатҳои ахлоқӣ аз тарафи хонандагон, коллектив, ёрии ҳамдигарӣ, эҳтиром нисбат ба инсон ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо шароит фароҳам оварда мешавад [5-М].

Кори фоиданоки ҷамъиятӣ ба манфиати аъзои тамоми коллектив ва ҳар як хонанда алоҳида ташкил карда мешавад. Ба он кори худхизматрасонӣ дар

муассиса ва хона (тоза кардани синфхона, ҳудуди муассиса, кори хоҷагӣ дар хона, нигоҳубини ниҳолҳо ва ғайра), кори тобистона дар саҳро дар давраи таътил, кор дар сохтмонҳо ва ҷангалпарварӣ дохил мешавад.

Меҳнати истеҳсолотии хонандагон иштироки онҳоро дар офаридани сарватҳои моддӣ пешбинӣ мекунад. Дар рафти иҷрои ин кор хонандагон унсурҳои муносибатҳои истеҳсолиро дарк карда, маънои мафҳум ва категорияҳои экологиро меомӯзанд, дар онҳо шавқу ҳаваси касбӣ, майлу эҳтиёҷоти меҳнатӣ рушд меёбад. Ба меҳнати пурмаҳсул ҷалб намудани хонандагон ҳеҷ гоҳ аҳамияти худро гум намекунад.

Вазифаҳои пешбари меҳнат. Вазифаи амалӣ ба эҷоди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, шароити иҷтимоию ҳаётӣ ва фаъолияти инсон нигаронида шудааст. Тамоми сарватҳои инсон бо меҳнати эҷодкорона ба вуҷуд оварда мешавад. Бо ин мақсад, К.Д. Ушинский чунин таъкид кардааст: *«Худи тарбия, агар ба инсон хушбахтӣ оварад, бояд ӯро на барои бахту саодат, балки ба ҳаёти оянда омода созад»* [146, С. 208].

Вазифаи рушддиҳандаи меҳнат аз он иборат аст, ки ҳангоми ба ҷараёни меҳнат дохил шудани инсон нерӯи асосии ӯро ба ҳаракат медарорад. Интеллект, мушакҳо, маҳорати ҳаракати дасту пойҳо, самтҳои эҳсосотӣ ва ихтиёрӣ рушд меёбанд. Вобаста ба ин масъала К.Д. Ушинский навишта буд: *«Таъсири ҳаётбахш, тароватбахши меҳнатро ба ҳиссиёт кӣ надидааст? Кӣ надидааст, ки чӣ тавр пас аз меҳнати пурҷӯшу хуруш, ки муддати дароз тамоми қувваи инсонро ба худ мекашид, осмон равшантар менамояду офтоб тобонтар ва инсонҳо меҳрубонтар мешаванд?»* [146, С. 211].

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро бо таълими политехникӣ, азхуд намудани касбҳои ба ҳам алоқаманд, бо афзоиши эҳсоси меҳнати эҷодии фикрӣ аз рӯи ихтисосҳои коргарӣ зич алоқаманд менамояд. Ҳамаи ин шавқу ҳаваси хонандагонро ба меҳнат зиёд мекунад, тану вуҷуди онҳоро ба ҳолати амалиёти фаъолона, рушди босуръати диққат ва тасаввурот, дарк ва тафаккур ҷалб менамояд [146, С. 220].

Бо мақсади нав кардани муносибатҳои истеҳсолӣ дар асоси гуногуншаклӣ, навъҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва хусусигардонии олот ва воситаҳои истеҳсолот, вижагиҳои хислатҳои психологияи коргар, муносибати моҳирона нисбат ба замин, корхона, фабрика, ширкат, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, муташаккилӣ, масъулият барои сифати баланди маҳсулоти моддию маънавӣ ба манфиати ҷамъият, инсонҳо рӯйи кор омаданд [146, С. 227].

Иҷрои бомуваффақияти фаъолияти меҳнатӣ иштироки тамоми вуҷуди шахс: равандҳои руҳӣ, ҳолат ва хосиятҳои вайро талаб мекунад. Масалан, бо ёрии равандҳои равонӣ шахс худро ба шароити меҳнат равона мекунад, ҳадафро ташаккул медиҳад ва рафти фаъолиятро назорат мекунад. Шароити меҳнати ҷамъиятӣ нисбат ба инсон талабҳои мушаххас ба миён мегузорад. Дар иттиҳодияҳои гуногун меҳнати наврасон хусусияти коллективӣ дошта, татбиқи он ба системаи васеъ ва мураккаби истеҳсолӣ, ахлоқӣ ва ба муносибатҳои дигар дохил шудани хонандагон алоқаманд аст.

Ба меҳнати коллективӣ ҷалб намудани хонанда ба азхуд намудани муносибатҳо, аз зоҳирӣ ба дохилӣ табдил ёфтани онҳо мусоидат мекунад. Ин дар зери таъсири меъёрҳои ҳукмфармоӣ рафтор, афкори ҷамъиятӣ, ташкили ёрии ҳамдигарӣ, серталаб будан ба ҳамдигар ва ҳодисаҳои иҷтимоию психологӣ, ба монанди рақобатпазирии дохили гурӯҳ ба амал меояд. *«Танҳо иштирок кардан дар кори коллектив,* - қайд кардааст А. Макаренко - *имкон медиҳад, ки дар инсон муносибати дурусту ахлоқӣ нисбат ба инсонҳои дигар, меҳру муҳаббати хешутаборӣ ва дустӣ нисбат ба ҳар як шахс, хашму ғазаб нисбат ба танбал ва нисбат ба шахсе, ки аз меҳнат саркашӣ мекунад, ташаккул ёбад»* [109, С. 19-23].

Афзоиши сарбории равонӣ барои хонандагон дар раванди таълим моро водор мекунад, ки дар бораи чӣ гуна нигоҳ доштани таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзишии технология (таълими меҳнат) фикр кунем. Пӯшида нест, ки бисьёр хонандагон ба душвории ҷараёнҳои технологӣ дода намешаванд ва баъзан барои азхуд кардани дониш дар дарсҳои технология кӯшиши муайян кардан

намехоханд, зеро онро барои таълим зарур намешуморанд [109, С. 19-23].

Имрӯз Стандарти давлатии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз хонандагон талаб мекунад, ки ба ҳаёти бошууронаи ояндаи худ ҷиддан омода бошанд.

Дар барнома ташаккули малакаҳои умумии таълимии хонандагон, усулҳои универсалии фаъолият ва салоҳиятҳои асосӣ пешбинӣ шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш хонандагон бояд салоҳиятҳои зеринро азхуд кунанд:

–дониш ва малакаи меҳнатию технологӣ оид ба табдил додан ва истифодаи масолеҳ ва иттилооте, ки барои сохтани маҳсулоти меҳнат мувофиқи нишондиҳандаҳои пешбинишудаи функсионалию эстетикӣ заруранд;

–қобилияти самтгирӣ дар олами касбҳо, баҳодиҳии шавқу рағбат ва майлҳои касбии онҳо ба намудҳои кор, тартиб додани нақшаҳои зиндагӣ ва касбӣ;

–маҳорати истифода бурдани асбобу анҷоми умумии дастӣ, асбобҳои барқии рӯзгор; банақшагирии ҳисоби хоҷагӣ;

–фарҳанги меҳнат, муносибати бо эҳтиром ба меҳнат ва натиҷаҳои меҳнат. Ҳамаи инро дар сурати набудани шавқу ҳавас ба фан аксар вақт бояд омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) ташкил кунад. Аз ин рӯ, ба даст овардани дониши дурусти технологӣ ниҳоят мушкил аст.

Вазифаи муҳимтарини омӯзгор дар он аст, ки дар дили хонандагон шарораи шавқ ба донишро афрӯхта, онҳоро ба ҷавҳари таълим ошно созад. Зеро равшании илму дониш на танҳо афқи тафаккуру тасаввуроти онҳоро густариш медиҳад, балки ба сӯйи одамгариву некӯкорӣ ҳидоят намуда, роҳи шинохти қонунмандиҳои табиат ва истифодаи самарабахши сарватҳои онро равшан месозад.

Фанни технология (таълими меҳнат) чароғи дониш аст, ки ҷаҳони андешаи хонандагонро равшан сохта, ба сӯйи қуллаҳои баланди маърифат ҳидоят мекунад ва шавқи бепоёнашонро нисбат ба ҳунаромӯзӣ ва касбу кори

амалӣ бедор месозад. Он фаннест, ки дар роҳи омӯзиши худ хонандагонро водор месозад, ки фанҳои математика, химия ва физикаро омӯзанд, ҳамзамон, барои ҷустуҷӯҳои мустақилона ҳидоят мекунад ва ба дунёи муосир бо диди дигар нигоҳ карданро талқин месозанд. Вай ба хонандагон меомӯзад, ки чӣ гуна донишҳои назариявиро дар амал истифода бурда тавонанд.

Бартарии фанни технология (таълими меҳнат) дар он аст, ки онро дар дигар фанҳо наметавон ёфт, зеро дар ин фан фаъолияти амалӣ фаровон аст. Хусусан, лаззате, ки хонанда аз иҷрои мустақилонаи кор мебарад, беҳамтост ва эҳсоси қаноатмандии ӯро афзун мегардонад.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар ҳар зинаи синнусолӣ ранги худро дорад. Чуноне ки дар мактабҳои миёна барои синфҳои ибтидоӣ санъати меҳнат ва барои хонандагони синфҳои болоӣ технология (таълими меҳнат) пешбинӣ шудааст, толибилмон қабл аз оғози дарсҳо аз тариқи китобҳо, радиову телевизион ва ҷаҳони интернет маълумоти фаровонеро ғун намудаанд. Ҳадафи омӯзгор он аст, ки ин донишҳои парокандаро ҷамъоварӣ ва ба як маҷро ворид созад. Зеро дар оғози дарс аксари хонандагон бо суолҳои гуногун ва ҷудогона ба омӯзгор муроҷиат мекунанд.

Омӯзгор бояд аз мақсад, вазифа ва хусусиятҳои фарққунандаи фанни технология (таълими меҳнат) огоҳ бошад ва дар бораи сохти табиат, таърихи таҳаввулоти технология ва дастовардҳои навини он маълумоти умумӣ дошта бошад. Баъдан, дарсҳои минбаъда ба омӯзиши мавзуъҳои мушаххас ва дақиқ равона карда мешаванд. Хонанда дар асоси далелҳо ва қонуниятҳо дар бораи олами атроф, табиат ва сохтори он маълумот мегирад.

Омӯзгор бояд роҳу усулҳои наверо ҷустуҷӯ намояд, ки хонанда нисбат ба омӯзгор фаъол шуда, дар раванди омӯзиш дар онҳо чунин арзишҳои иҷтимоии комилан арзишманд: *«Дар хонанда серталабӣ ба донишандӯзӣ, мустақилона азхудкунии донишҳо, интихоби роҳҳои нисбатан муносиб дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, банақшагирӣ дар омӯзиш, худбаҳодиҳии мусбат ва ғайра ташаккул ёбанд»* [18, С. 443].

Дар муассисаи таълимӣ бояд меҳнати бесамар, хунукназарӣ нисбати дониш кам гардида, ҳавасмандию дилгармӣ ба хониш афзун гардад.

Мутаассифона, имрӯз омӯзгорон ба ин падида кам эътибор медиҳанд. Раванди таълим мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир ба дониш ва салоҳиятнокӣ асос ёфтааст. Салоҳият, ин маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои бо ҳам алоқамандест, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад.

Муассисаи таълимии муосир аз омӯзгор дониши васеъ, маҳорати баланди педагогӣ, салоҳияту маърифатнокиро тақозо мекунад. Хонандагонро омӯхтану омӯзонидан вазифаи муқаддаси ҳар як омӯзгор аст. Аз ин рӯ, мебояд таълимро тавре ба роҳ монем, ки хонанда ба натиҷаҳо бештар ноил гардида, ба монеа дучор нашавад. Дар ин сурат нақши хонанда дар омӯзиш эҷодкорона буда, натиҷааш барои ӯ самарабахш аст.

Замони муосир тақозо мекунад, ки хатмкунандагони муассисаҳо ба оянда - амалияи ҳаёт мутобиқ шаванд. Барои ин ба омӯзгор лозим аст, ки хатмкунандаи муассисаро на танҳо бо маҷмуи дониш мусаллаҳ намояд, балки чунин хислатҳои шахсият, монанди ташаббускорӣ, қобилияти тафаккури эҷодӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ғайристандартиро ташаккул диҳад. Фанни технология (таълими меҳнат) бояд чӣ гуна донишҳои амалӣ диҳад? Комилан равшан аст, ки технология ба хонанда тамоми умр дониши инфиродӣ дода наметавонад: чӣ тавр муайян кардани навъҳои олудашавии муҳити зисти маҳсулоти озуқаворӣ, чӣ тавр ҳисоб кардани нақшаи тиҷорат барои фаъолияти соҳибкории худ, ҳисоб кардани пардохтҳои коммуналӣ ва ғайраҳо, вале бояд ӯро бо усулҳои дарсгузарӣ мусаллаҳ созад ва мустақилияти маърифатиро дар ӯ ташаккул диҳад.

Дар дарсҳои технология хонандагон на танҳо донишу малакаи технологӣ, балки мубоҳиса кардан, исбот кардан, дарёфти роҳҳои оқилонаи иҷрои супоришҳо, хулосаҳои дахлдор баровардан, хулоса, фикр карданро низ меомӯзанд. Дар асоси ин амалу равандҳо тафаккури хонандагон ҳамчун як

шакли фаъолияти равонӣ дар асоси инъикоси амиқ, таҳлил, синтез, муқоисаи ассотсиативӣ, умумӣ ва сохтори системавии донишҳо дар бораи ҷаҳони атроф, мушкилот ва расидан ба ҳақиқат, ки ба ҳалли онҳо нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир дар фаъолияти таълимӣ бояд ба рушди фаъолияти маърифатӣ, мустақилияти хонандагон, ташаккули малакаҳои фаъолияти проблемавию ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ таваҷҷуҳ кард. Ин масъаларо бо усулҳои куҳнаи анъанавӣ ҳал кардан мумкин нест.

Чӣ тавр шавқу ҳаваси хонандагонро нисбат ба маводи омухташаванда нигоҳ дошта, онҳоро дар тамоми дарс фаъол кардан мумкин аст. Вазифаи омӯзгор на танҳо аз он иборат аст, ки маълумоти заруриро нисбат ба китоби дарсӣ равшантар ва рангорангтар таъмин намояд, балки ташкилотчии фаъолияти маърифатӣ гардад, ки дар он хонанда ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дар баробари ин, омӯзгор фаъолияти тарбиявиро ташкил ва роҳбарӣ мекунад. Ҳамаи ин моро водор мекунад, ки технологияи педагогии мувофиқро ҷустуҷӯи карда, дар фаъолияти омӯзгории худ истифода барем.

Ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар низоми таълими фанни технология тағйироти куллиро ба вуҷуд меорад: агар пештар омӯзгор накши асосиро мебозид, ҳоло хонанда. Ин ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки бо суръат ва дар сатҳе, ки ба қобилияташ мувофиқ аст, дониш омӯзад.

Дар таҷриба, метавон гуфт, ки дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассиса ташаккули фарҳанги хонандагон: технологӣ, конструкторӣ, экологӣ, муносибатҳои инсонӣ, корӣ, хонаводагӣ (ҳаёти ҳаррӯза) аҳамияти асосӣ дорад.

Мақсади асосии таълими технология (таълими меҳнат) омода намудани хонандагон ба кори мустақилона, ташаккул ва тарбияи шахсияти бомаърифат, фарҳангӣ, эҷодкор, ташкилотчӣ ва ташаббускор мебошад. Мундариҷаи ҳадди ақали таълими технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз як ҷузъи умумӣ барои ҳама сатҳҳои таълими хонандагон иборат аст.

## 1.2. Таҷрибаи таърихии истифодаи усулҳои педагогӣ дар таълими фанни технология

Дар замони муосир рушди техника ва технология мартабаи қонеъшавӣ ва талаботи ҳар инсонро муайян мекунад. Ҳар қадар, ки онҳо мукаммал бошанд, ҳамон қадар маҳсулоти боэътимод ва босифат мумкин аст ба даст овард. Ба ин нигоҳ накарда, рушди ҳамаи соҳаҳои саноатӣ ва мустақил зиндагонӣ кардани ҳар як шаҳрванд ва давлат ҳамон қадар хубтар мешавад. Барои ҳамин дар замони муосир рушди ҷомеа дар мукаммалкунии техника ва технология мақсади асосӣ ба шумор меравад.

Дар давраҳои рушди инсоният техника ва технология бисёр як давраи мураккаберо аз сар гузаронидааст. Ва роҳҳои аз ҳама сабук ин кор кардан ба воситаи олотҳои меҳнат буд. Дар оянда дар истилоҳи техника мошинаҳо, механизмҳо ва дигар мувофиқкуниеро, ки барои сохтани чизҳои лозимӣ манфиатбахш аст, ба назар гирифта мешавад [7-М].

Дар зери мафҳуми чизҳои самаранок маснуоте, ки инсон барои қаноаткунии талаботи шахсии худ тайёр ва истифода мекунад, дар назар аст. Ҳамаи ин чизҳо дар натиҷаи ҷидду ҷаҳд ва устуворонаи меҳнати инсон сохта шудаанд. Фаъолияти меҳнатии инсон ҳамеша ба истеҳсоли чизҳои самаранок ва иҷрокунии корҳои боманфиат равона шудааст.

Дар корхонаҳои саноатӣ фаъолияти техникии шахс ба пайдокунии маҳсулотҳои маҳсулбарорӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳо равона шудааст. Масалан, аз мағзи чӯб маҳсулотҳои гуногуни конструксионӣ: тахтаи синф, релс (молҳои оҳанини роҳи оҳан), зинҳо ва дигар чизҳои лозима барои одамон тайёр мекунанд.

Бо пайдо кардани маъдани оҳан, нефт, газ маҳсулотҳои муайянеро коркард ва истеҳсол мекунанд. Аз маъдани оҳан металҳоро об мекунанд, аз нефт бошад бензин ва равғанҳои гуногунро истеҳсол мекунанд. Аз газ бошад, масолеҳи полимерӣ, яъне пластмассаҳо истеҳсол карда мешаванд.

Маҳсулотҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, ашёҳои хом барои таъмини

ғизои одамон мебошанд.

Корхонаҳои саноатӣ ба истеҳсоли маснуот аз чӯб, коркарди нефт, коркарди маъдани оҳан, об кардани фулузот, истеҳсоли таҷҳизоту ашёҳо барои корхонаҳо, истеҳсоли дигар молҳои талаботи рӯзгор ва ғ. машғуланд.

Дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон чизҳои гуногуне, ки дар натиҷаи меҳнати худи он ба даст омадааст, барои сабук кардани корҳои хонагӣ бисёр қулай аст ва самаранок истифода бурда мешавад, аз ҷумла мошинаҳои ошхонагӣ, гӯштқимакунак, чангкашак, мошинаҳои либосшӯй ва дарздӯзӣ ва дигар техникаҳои ҳаётӣ. Барои қулай ва муносиб истифодабарии чизҳои гуногуни ҳаётӣ мутахассисон ҷевонҳо ва мизҳоро тайёр мекунанд. Он чизҳои техникие, ки инсон дар рафти зиндагии ҳаррӯзаи худ истифода мебарад.

Барои тайёр кардани ёдгорӣ бояд аз болои расм кор кард, чи дар гирифтани маҳсулот барои тайёркунӣ, иҷро кардани нишонагузории тайёркунӣ, тайёр кардан ва зеб додани маснуот ва ғайраҳо.

Ҳама намуди фаъолияти техникӣ ба корҳои муайяне, ки онҳоро амалиётҳои техникӣ меноманд, равона шудааст.

Фаъолияти техникӣ на танҳо дар истеҳсолот, балки дар зиндагӣ ҳам ба кор бурда мешавад. Қариб ҳар рӯз мо дар хона маҳсулотро барои тайёр кардани ғизо ба даст меорем. Баъзеҳо бо шавқу завқ бо духтан машғул мешаванд, баъзеҳо бо бофтан машғул мешаванд, мебелҳоро дуруст мекунанд, ки ҳамаи ин фаъолияти техникӣ буда, дар натиҷаи он мо аз маҳсулот маснуотро ба даст меорем.

Барои тайёр кардани маснуот ё ин ки дуруст иҷрокунии кор болиға, қайчӣ, винттоб, калиди мурuваттобӣ, пармаи электродҳо, мошинаҳои дарздузӣ, анҷоми ҷуроббофӣ, чанголакча ва ғайраҳо истифода бурда мешавад.

Бояд хулоса кард, ки қувваи пешбаранда, ба сарфи қувва, маҳсулот ва истифодаи таҷҳизотҳо эҳтиёҷ дорад. Барои сохтани маснуот харҷи гуногуни қувва ва ҳар гуна маҳсулотҳоро мумкин аст, истифода бурд. Ҳама намуди технология аз чунин элементҳо: молҳои меҳнат (он чи ки барои тайёр кардан

лозим аст), маблағи махсус барои кор кардан (чизҳои техникӣ барои сохтани маснуот), намояндае ки аз уҳдаи корҳои техникӣ мебарояд ва маҳсули меҳнат иборат аст.

**Маҳсули меҳнат** – объекте, ки дар он инсон таъсири худро дар ҷараёни фаъолияти меҳнатиашон бо сохтан ва коркарди маснуот сарф мекунанд.

Агар инсон хамир тайёр кунад, хамир моли меҳнат ҳисобида мешавад. Молҳои меҳнат низ аз тайёркунии чизҳои фулузӣ иборатанд, ки ҳарорат ҳангоми кор кардан дар дастгоҳ истифода бурда мешавад [2-М].

Новобаста аз иҷрокунии вазифаҳо дар ҷараёни кор аз ҳама чизи муайяне, ки ба мо хизмат мекунад, ин ашёҳо ва василаҳои меҳнат мебошанд. Ҳамчунин мошинаи дарздузие, ки бо ёрии он либос медӯзанд бо воситаҳои меҳнат ва он чизе, ки дар дохил аст, ба ашёи меҳнат тааллуқ дорад. Натиҷаҳои меҳнати моддии инсон ин маҳсули меҳнат мебошад.

Дар адабиёти педагогӣ истилоҳоти гуногун вуҷуд доранд, ки технологияҳои педагогиро, аз қабили таълимӣ, анъанавӣ, тарҳрезии раванди таълим, таълими ба проблема асосёфта ва муаллифиро тавсиф мекунанд. Таълими муаллифӣ равишест, ки дар он хонандагон имконият доранд, ки дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, маводҳои таълимӣ таҳия кунанд ва усулҳои таълимро пешниҳод намоянд. Ин равиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки масъулияти бештарро барои таълими худ ба дӯш гиранд ва малакаҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Технологияи таълим ин маҷмуи усулҳо, асбобҳо ва стратегияе мебошад, ки барои беҳтар кардани раванд ва натиҷаҳои таълим истифода мешавад. Ин метавонад ба таҳияи барномаҳои таълими интерактивӣ, истифодаи воситаҳои электронии омӯзиш, усулҳои навини таълим шомил бошад. Технологияҳои таълимӣ кӯмак мекунанд, ки дарсҳо ҷолибтар ва самараноктар гарданд.

Технологияи таълим ин системаи васеи усулҳо ва асбобҳоест, ки барои беҳтар кардани таҷрибаи таълимӣ ва омӯзиш истифода мешавад. Он тавассути истифодаи технологияҳои гуногун, аз ҷумла:

- воситаҳои электронӣ, компютерҳо, планшетҳо ва смартфонҳо, ки барои

дастрасӣ ба маълумот ва манбаъҳои таълимӣ истифода мешаванд.

- платформаҳои рақамӣ (онлайн), системаҳое, ки ба монанди Moodle, Google Classroom ва Zoom, ки барои таълим омӯзиши омехта истифода мешавад. Ин платформаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки дарсҳо, тестҳо ва маводҳои таълимиро осон ва сода гардонд.

- маводҳои интерактивӣ, видеоҳо, аниматсияҳо, симуляторҳо ва барномаҳои интерактивӣ ба ҳисоб меравад.

Технологияи таълим ин натанҳо барои ба роҳ мондани раванди таълим, балки барои беҳтар кардани таҷрибаи омӯзиш ва расидан ба ҳадафҳои таълимии хонандагон кӯмак мерасонад.

Технологияи педагогӣ, ҳамчун асоси раванди таълим, барои такмили малакаҳо ва донишҳои хонандагон муҳим аст ва воситаест, ки метавонад раванди омӯзишро ҷолибтар, самараноктар ва муассиртар гардонад.

Дар ибтидо, педагогика байни маҳфумҳои *«технологияи педагогӣ»* ва *«технологияи таълим»* фарқ намегузошт. Истилоҳи *«технологияи педагогӣ»* танҳо дар робита ба таълим истифода мешуд ва худи технология ҳамчун таълим бо ёрии воситаи техникӣ фаҳмида мешуд. В.И. Андреев чунин мешуморад, ки *«технологияи педагогӣ системаи таҳия ва татбиқи қонунҳои педагогӣ мебошад, ки ба ин технология мақсадҳо, принсипҳо, мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои таълиму тарбия дар таълим мувофиқанд ва сатҳи кофии баланди самараноки онро кафолат медиҳанд, аз ҷумла ҳангоми таҳлиду такрори минбаъда»* [26, С 608].

Соли 1979 таърихи технологӣ ҳамчун як самти педагогӣ, аз ҷониби Ассотсиатсияи робита ва технологияҳои педагогӣ дар ИМА расман қабул шудааст. Ҳамин тариқ, технологияи педагогӣ тарҳрези дақиқи илмӣ ва таҷдиди дақиқи амалҳои педагогӣ мебошад, ки муваффақиятро таъмин мекунад.

Инчунин, бояд ба он диққат дод, ки маҳфуми *«технологияи педагогӣ»* усулҳои коркард дар соҳаи таълиму тарбияро нишон медиҳад. Бинобар ин, ҳангоми баррасии маънои *«технологияи педагогӣ»* васеъ будани тавофути

маъноии онро нисбат ба маънои *«технологияи таълим»* ба эътибор гирифт.

Муҳаққиқи рус Я.А. Коменский ба масъалаи технологияи таълим таваҷҷуҳ зоҳир карда буд ва тибқи таълимотӣ ӯ таълим бояд ҷанбаҳои технологию техникӣ дошта мешавад, ки аз замони Я.А. Коменский *«Дар педагогика кушиши тағйиротҳои зиёд ба вуҷуд омадааст, то омӯзишро ба як механизми мукаммал монанд кунанд. Баъдтар ғояҳои зиёде дар бораи рушди технология таъмин такмил дода шудааст. Татбиқи васеи технологияҳои таълимӣ аз ибтидои солҳои 60-ум оғоз меёбад. Дар асри 20 онҳо аввал бо ислоҳоти амрикоӣ ва баъд ба мактаби аврупоӣ робита доштанд»* [90, С. 288].

Муҳаққиқони машҳури хориҷии соҳа технологияҳои муосири педагогӣ: Л.П. Крившенко [137, с. 488], Дж. Брунер [66, с. 147] ва дигарон мебошанд. Дар корҳои илмии А.В. Брушлинский [68, С. 94-145], Н.Н. Букина [70, С. 154] назарияи илми амалияи истифодаи технологияи таълим инъикос ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки технология барқӣ тавлид, интиқол, табдилдиҳӣ ва истифодаи нерӯи баркро фаро мегирад. Тақсимкунии классикии технологияи барқӣ пуршиддат ва камшиддат мешавад. Ба технологияи барқии пуршиддат технологияи барқӣ ва технологияи ҳаракатовар тобеъ аст. Аз технологияи камшиддат технологияи алоқа пайдо гардидааст. Пас аз он самтҳои дигар, монанди технологияи барқии ченкунанда, технологияи батанзимории автоматикӣ, электронӣ, танзимории автоматикӣ ва электроника ихтироъ шудааст. Дар тамаддуни имрӯзаи мо қариб тамоми равандҳои ҳаёт бо барқ ба танзим даровaрда мешавад ё онҳо бо иштироки асбобҳои муҳимми барқӣ идора карда мешаванд.

Нерӯи барқ дар замони мо навъи асосии нерӯи истеъмолшаванда мебошад. Ҳар як инсон бо нерӯи барқӣ сарукор дорад ва ба мақсадҳои гуногун аз он истифода менамояд. Нерӯи барқ дар баробари фоиданок будан хатарнок ҳам мебошад.

Энергияи барқӣ барои инсон яке аз навъҳои муҳими энергия ба ҳисоб

меравад. Дар навбати худ энергия ин маҳсулоти протсесси технологӣ мебошад.

Бо дарназардошти бунёди мақсаднокии раванди таълим он ба қонунҳои айнии рушди табиат итоат мекунад. Дар иртибот бо ин нукта, ҳангоми баррасии раванди ташаккули шахсияти хонанда қонунияте возеҳу равшан мегардад, ки ба ин мақсад функсияҳои нисбатан сода кофианд, ки дар онҳо усули маҷбурсозӣ асосёфта, самарабахш мебошанд.

Маҳз ҳамин нукта зарурати ташаккули идроки ботинӣ ва эътимод ба дониши андӯхта, омодагии муҳофизат ва ба ҳаёт татбиқ кардани онро тезу тунд мекунонад. Бояд тазаккур дод, ки асосҳои коркарди масолеҳ, ин риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва муносибати дуруст дар кабинетҳои технология (таълими меҳнат), таърихи пайдоиш ва аҳамияти қоғаз, истеҳсоли қоғаз ҳамчун раванди технологияи қадима, истифода ва аз нав коркарди қоғаз, истеҳсоли матоъ аз нах, истифодабарии матоъ ва аз нав кор кардани он, матоъ аз масолеҳҳои табиӣ, сунъӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки асосҳои коркарди матоъ аз 4 самт иборат буда, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, беҳдошт ва муносибати оқилона дар устохонаи таълимӣ корҳои нассоҷӣ, таърихи корҳои нассоҷӣ ва аҳамияти он, абзорҳо барои духтан ва истифодаи онҳо, техникаи дастии духтан, қоидаҳои дигари он махсуб мешаванд.

Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, беҳдошт ва муносибати оқилона дар устохона, корҳои нассоҷӣ оид ба хатарҳо, навъҳои хатар ва пешгирии он дар устохона, нассоҷӣ ва қоидаҳои кор дар ин утоқ, инчунин, истифодаи қоидаи техникаи бехатарӣ дар муассиса ва хона баён шуда, тарзи расонидани ёрии аввалин зимни ҳодисаи фавқулода зикр гардидаанд.

Таърихи корҳои нассоҷӣ ва аҳамияти он, ба таърихи либос аз замонҳои қадим то имрӯз, навъҳои, ҳамзамон, оид ба рушди иқтисодӣ ва соҳаҳои корҳои нассоҷӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, қолинбофӣ, пойафзолдӯзӣ, трикотажӣ иттилоъ муфассал дода мешавад. Ҳамчунин тарзи банақшагирии либос, сохтани қолаб ва бурридани маснуот, интихоби матоъ, сохтани харитаи

технологӣ, ихтисосҳои соҳаи нассоҷӣ баён шудаанд.

Техникаи дастии дӯхт, инчунин, тарзи дуруст дӯхтани чок, андоза ва ҳаҷми он, тарзҳои нишонагузорӣ, бурриш, часпонидан, дӯхтан ва тоза кардани матоъ тарзи часпонидани матоъпора бо роҳи гулмонӣ (аппликатсия) (сохтани нақш аз қоғаз ё матоъ) зикр карда шудааст.

Духтани нақши сӯзанӣ, ки амалӣ аст, тарзҳои гузаронидани нақши матоъ, дӯхтани нақши сӯзанӣ, пурра дӯхтан ва ороиши сӯзанӣ, интихоби ранг, тарзи тайёр кардани рангҳои табиӣ низ баён гардидаанд.

Механика дар бораи техника ва технологияи таърихи пайдоиши дучарха, ихтирои муҳаррикҳои дарунсӯз, истифодабарии онҳо дар мошинҳои гуногуни хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад, ки мошинсозӣ пас аз кор кардани фулузот аз ҷониби оҳангарону заргарону челонгарон пайдо шудааст. Он ҳамчун фанни муҳандисӣ дар алоқамандии зич ва муносибатҳои физикаи классикӣ якҷоя бо илмҳои замонавӣ рушд ва тараққӣ ёфт. Ҳоло бошад, мошинсозӣ доираи васеи масъалаҳои бахшида ба лоиҳагирӣ, конструкторӣ ва истеҳсоли мошинҳои соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Дар пешрафти соҳаи мошинсозӣ мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногун, аз қабили муҳандисон, техникҳо, технологҳо ва устодони касбӣ ҳамовоз фаъолият менамоянд. Онҳо, вобаста ба ҳаҷм ва самти фаъолияти корхона, дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот, аз ҷумла лоиҳакашӣ, ҳисоббарорӣ, тарроҳӣ, таҳқиқоти илмӣ, конструкторӣ, истеҳсол ва фурӯши тамоми навъҳои мошин ва қисмҳои эҳтиётии он, бо масъулияти том кор ва фаъолият мебаранд.

Конструксиякунонии мошин ва таҷҳизот дар асоси стандартҳои техникии давлатӣ бо дарназардошти стандартҳои байналхалқӣ тартиб дода сохта мешавад. Баробари тараққӣ ёфтани техникаи муосир, болоравии автоматикунонии таҷҳизоти техникӣ, муҳандисони мошинсоз омодасозии техникаи идоракунии автоматикунонидаро бо дастгоҳҳои ба танзимдарорӣ низ амалӣ месозанд.

Инсонҳо ҳоло дар ҳаёт мунтазам бо мошинҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ба

монанди бозичаҳои барқии бачагона, асбобҳои рӯзгори барқӣ, воситаҳои нақлиёти гуногун, тайёра ва ғайраҳо. Ҳамаи мошинҳо аз ҷузъиёти алоҳида сохта, истеҳсол карда мешаванд.

Яке аз санъатҳои коркарди қоғаз, ки бо усулҳои гуногуни тобдиҳӣ ва ҳалқабандӣ иҷро карда мешавад, квиллинг номида мешавад, ки барои ташаккул ва тараққӣ додани хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ, фикрронӣ, зебопарастӣ ва тоқатфарсоӣ дар тарбияи руҳияи насли наврас таъсирбахш аст.

Ин маҳсулоти оддӣ ба воситаи коркарди усулҳои санъати квиллинг тарафҳои ғайриодии худро ошкор мекунад. Санъати квиллинг дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда омӯзонда мешавад.

Санъати квиллинг ба хонандагон гуногунии рангҳо ва ҳамоҳангкунии онҳоро меомӯзонад. Фанни технология (таълими меҳнат) дар ташаккули шуурнокии хонандагон бо омӯзгорон санъати (дизайнери) тарроҳӣ низ кӯмак мерасонад.

Мақсади асосии квиллинг ин пеш аз ҳама инкишоф додани корҳои дастии хонандагон аст, зеро бо дастон иҷро кардани амалиётҳои мушкил ба фикрронии майнаи сар таъсири мусбат мерасонад. Ин амал дар шуури кӯдакон хусусиятҳои эҷодкориро бедор мекунад.

Рӯзгордорӣ, маҳсулоти қаннодӣ ва булкагӣ барои ғизои инсон аҳамияти калон дорад. Ин гуна маҳсулот ҷолиб, таъм ва бӯйи хуш дошта, организми инсон онҳоро сабук ҳазм мекунад. Маҳсулоти хамирӣ ба туфайли доштани ангиштобҳо, чарбҳо, сафедаҳо, моддаҳои маъданӣ ва витаминҳои гурӯҳи B, PP, A серғизо мебошад.

Дар ҷараёни коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ мо масъалаи ҷойгоҳи технологияҳои муосири педагогӣ дар педагогикаи халқиро таҳлил ва баррасӣ намудем. Педагогикаи халқӣ қисми асосӣ ва ҷудонопазири фарҳанги умумии маънавии мардум ба шумор меравад. Пайдоиши педагогикаи халқӣ ба замонҳои дури таърихӣ рост омада, ба ташаккули педагогикаи илмӣ ва навъҳои аввалини он таъсири мусбат расонидааст. Муҳаққиқони педагогикаи халқӣ К.Д. Ушинский [147, С. 233], А.С. Макаренко [109, С. 19-23], В.А.

Сухомлинский [136, С. 176-180], М. Лутфуллоев [108, С. 40] ва дигарон дар таълифоти хеш таъсири мутақобилаи педагогикаи илмӣ ва педагогикаи халқиро, ки боиси такмил ва ғановати ҳамдигарӣ гардидаанд, қайд намудаанд. Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки тарбия ҳамчун усули педагогӣ бо мазмуни осори педагогикаи халқӣ, фолклорӣ: зарбулмасалу мақолҳо, афсонаву ҳикояҳо алоқаманд аст.

Омилҳои асосии педагогикаи халқӣ тарбияи мардумӣ, бозӣ, муоширaт, фаъолият, муносибат, анъана, маишат, санъат мебошанд. Яке аз унсурҳои муҳимтарини педагогикаи халқӣ – табиат на танҳо ҳамчун муҳит, балки ҳамчун замини аҷдодӣ-Ватан маҳсуб меёбад. Он ба инсон таъсири калон мерасонад.

Муаммоҳои илмии педагогикаи халқӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалӣ ҳамчун падидаи ҷолиб дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ рушд ёфтааст. Онҳо таваҷҷуҳи доираҳои илмӣ муҳаққиқон – омӯзгорони гузашта ва ҳозираро ҷалб кардааст. Педагоги бузурги рус К.Д. Ушинский ба иқтидори тарбиявии педагогикаи халқӣ аҳамияти бузург додааст: *«Таҳлили таҳқиқоти олимону педагогҳои барҷаста, ки пажуҳишҳои хешро ба мушкилоти тарбияи меҳнатӣ бахшидаанд, моро муътақид месозад, ки онҳо пеш аз ҳама ба талаботи педагогикаи халқӣ такя намуда, ба сарчашмаҳои пайдоиши педагогикаи халқӣ ва фаҳмиши амиқи анъанаҳои мардум бештар диққат дода, таҷрибаи мардумро дар таълими насли оянда дар рӯҳияи муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба меҳнат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд»* [147, С. 233].

Муҳақиққон ва олимони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ П.П. Блонский [56, с. 314], Л.С. Виготский [74, С. 60-67], А.А. Леонтев [104, С. 34-39], Б.М. Теплов [143], К.К Платонов [124, С. 92-93], А.А. Смирнов [134, С. 544], Д.Б. Элконин [168, С. 243-285] ва дигарон дар таълифоти худ оид ба *«омӯзиши равоншиносии синни кӯдакон, ду принсипи асосӣ дар рушди кӯдак: фарҳангӣ-таърихӣ ва рушди фаъолият» тавaққуф намудаанд.*

Мувофиқи ақидаи Л.С. Виготский, рушди шахсият аз муҳити иҷтимоӣ

вобаста аст, дар ҳоле, ки А.Н. Леонтев таъкид мекунад, ки рушди кӯдак ҳамчун шахсият танҳо дар фаъолияти якҷоя бо дигарон имконпазир аст. В.В. Давидов фаъолияти иҷтимоии наврасонро омили пешбаранда медонад. В.А. Слободчиков, эҳтиёҷоти насли наврасро барои ташаккули асосӣ муҳим мешуморад ва А. Поливанов, таҷрибаи ҷуғрофӣ ва тарҳрезиро рукни муҳим медонад. Равоншиносон тағйири вазъи иҷтимоӣ, шакли фаъолият ва муҳити психологиро омилҳои мусоидаткунанда ба рушди давраи наврасӣ медонанд ва ин давраро бинобар ноустувории ҳолати равонӣ марҳилаи бухронӣ меҳисобанд. Дар робита ба ин, масъалаи муносибати наврасон бо калонсолон ва ҳамсолон аҳамияти хоса пайдо мекунад. Муошırати муассир ва созанда бо калонсолон барои инкишофи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин қабули қарорҳои оқилона мусоидат мекунад. Ҳамзамон, муносибатҳои солим бо ҳамсолон имконият медиҳанд, ки наврасон малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва рақобатро азхуд намоянд.

Дар ин маврид, фаъолияти меҳнатӣ, пеш аз ҳама барои касбинтихобкунӣ ҷавононро ҷалб менамояд. Дар мамлакатҳое, ки истеҳсолот пеш рафтааст, равандҳои омӯзиши касбии насли нав бо сатҳи рушди техника ва технология муайян карда мешавад. Дар ин замина зарурати тарбия намудани мутахасисони тамоми системаи таълимӣ, ҳатто таҳсилот ба миён меояд.

Баъзан дар фаҳмиш вазифаҳои дидактикаи тахассусӣ танҳо *«вазифаи илмӣ мутобиқгардонӣ»* нисбат ба илмҳои технология (таълими меҳнат) муайян карда мешаванд. Бо вуҷуди он, дидактикаи тахассусӣ ба таври истисноӣ ба масъалаҳои коркарди донишҳои илмии ихтисос то дараҷаи баназаргирии фанҳои мактабӣ машғул аст.

Мутобиқати бевоситаи байни илмҳои ихтисос ва фанҳои мактабӣ вуҷуд надорад, яъне бо ҳамин тарз мувофиқати бевосита байни гузоштани мақсадҳои дидактикаи тахассусӣ ва илмҳои ихтисос имкон надорад.

Дар маҷмуъ, бунёд кардани дидактикаи тахассусӣ ва илмҳои ихтисос дар баробарии дедуктивии муносибати ҳамдигар ғайрииимкон аст. Таҳияи вазифаҳои илмҳои ихтисос бештар комплексӣ мебошанд.

Дидактикаи тахассусӣ бояд муҳимтари мундариҷаро вобаста ба ҷанбаи субъективӣ аз нав созмон диҳад ва он фардияти хонандаро дар ягон вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ ба назар гирад. Мазмуну мундариҷаи илми ихтисос наметавонад аз маънои аслӣ барои хонандагон ҷудо бошад.

Мутахассис оид ба дидактикаи тахассусӣ бо донишҳо дар маҷмуъ машғул нест, балки ба масъалаи чӣ тавр ташаккул додани ин донишҳо сарукор дорад. Вай донишҳои ихтисосро дар алоқамандии махсуси иҷтимоӣ ташаккул медиҳад. Объектҳо бояд мувофиқан ба таври нав аз ҷониби мутахассиси дидактика таҳия карда шаванд.

Объекти таҳқиқоти дидактикаи тахассусӣ-банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, таҳлили он аз рӯйи фанни муайян мебошад ва он чунин вазифаҳоро анҷом медиҳад:

–муайян кардани мақсад, интихоби мазмун, шаклҳои ташкил ва амалигардонии равандҳои омӯзишу таълими маъмул ҳангоми машғулиятҳо оид ба фанни таълимӣ;

–таҳлили равандҳои омӯзиш ва таълими мавҷуда ё имконпазир;

–таҳлил ва инъикоси заминаҳои иҷтимоӣ ва таъсири фан\соҳаи таълим дар алоқамандии умумии мактаб ба шахсият;

–таҳлил ва инъикоси шароитҳои таърихии фанни муассиса ё соҳаи омӯзиш;

–муайян намудани муносибати фанни муассиса ё соҳаи омӯзиш ба илмҳои\донишҳои бунёдӣ.

Муассисаи таълимии имрӯза дар раванди гузариш қарор дорад. Омӯзгор бояд, роҳу усулҳои наверо ҷустуҷӯ намояд, то ки хонанда нисбат ба омӯзгор фаъол буда, дар раванди омӯзиш дар онҳо чунин арзишҳои иҷтимоии комилан арзишманд, ба монанди серталабӣ ва донишандӯзӣ, мустақилона азхудкунии донишҳо, интихоби роҳҳои нисбатан муносиб дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, банақшагирӣ дар омӯзиш, худбаҳодиҳии мусбат ва ғайра ташаккул ёбанд.

Аз ҳамин лиҳоз, омӯзишро бояд ба гунае суръат бахшид, ки хонанда дар

масири таълим ба комёбиҳо муваффақ шавад. Аз ин дидгоҳ, хонанда ба эҷодкорӣ майл намуда, фаъолияташ самарабахш мегардад.

Барои омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) донистани технологияҳои нав ва истифодаи онҳо дар ҷараёни дарс зарур аст, зеро бо воситаи технологияҳои инноватсионӣ тамоми падидаҳои марбут ба раванди таълимро ба таври содда ва фаҳмо намоиш додан мумкин аст. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим имкон медиҳад, ки хонандагон ба таври амиқтар ва бо шавқи бештар мавзуъҳоро аз худ кунанд.

Зарур аст, ки ҳангоми омӯзиш, омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) аз дастовардҳои ТИ огаҳ бошанд ва аз уҳдаи шарҳи онҳо ба хонандагон бароянд. Чунин амал ҷиҳати рушди фаъолияти омӯзгорон ва беҳдошти таълим таъсири амиқ мерасонад.

Айни замон ба омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-ро зарурат пеш меояд, ки ҷиҳати беҳдошти кори таълим ва муваффақшавӣ дар ин самт шароити беҳтар фароҳам оваранд.

Технология (таълими меҳнат) мисли дигар фанҳо ба қувваи дониш такя карда, ҷаҳонбинии хонандагонро афзун менамояд ва завқи онҳоро ба ҳарчи бештар ба омӯхтани корҳои амалӣ такон мебахшад. Хусусияти вижаи фанни технология (таълими меҳнат) дар он зоҳир мегардад, ки хонандагонро ба бештар омӯхтани фанҳои математика, химия ва физика водор месозад. Инчунин, хонандагон ба ҷустуҷӯҳои мустақилона бештар майл пайдо карда, василаҳои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявиро меомӯзанд.

Омӯзгор бояд муҳтаво ва ҷанбаҳои хоси фанни технология (таълими меҳнат)-ро донад, перомуни сохти табиат, таърихи инкишофи технология ва комёбиҳои ниҳоии он ахбор дошта бошад. Дар ин раванд, сипас дар дарсҳо ба омӯзонидани мавзуъҳои аниқу мушаххас гузарад. Дар натиҷа, хонанда дар ин заминаҳо ба олами атроф, табиат ва сохтори он иттилои васеъ пайдо мекунад.

Омӯзгор бояд роҳу усулҳои наверо ҷустуҷӯ намояд, ки хонанда нисбат ба омӯзгор фаъол шуда, дар раванди омӯзиш дар онҳо чунин арзишҳои

иҷтимоии комилан арзишманд: дар хонанда серталабӣ ба донишандӯзӣ, мустақилона азхудкунии донишҳо, интихоби роҳҳои нисбатан муносиб дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, банақшагирӣ дар омӯзиш, худбаҳодиҳии мусбат ва ғайра ташаккул ёбанд.

Дар муассисаи таълимӣ бояд меҳнати бесамар, хунукназарӣ нисбати дониш кам гардида, ҳавасмандию дилгармӣ ба хониш афзун гардад.

Мутаассифона, имрӯз омӯзгорон ба ин падида кам эътибор медиҳанд. Раванди таълим имрӯз мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир ба дониш ва салоҳиятнокӣ асос ёфтааст. Дар он сурат нақши хонанда дар омӯзиш эҷодкорона буда, натиҷааш барои ӯ самарабахш аст.

Фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро бо донишҳои политехникӣ мусаллаҳ намуда, онҳоро бо таҷҳизоти муосири техникӣ ва технологияҳои замонавии коркарди масолеҳҳо ошно месозад. Ҳангоми омӯхтани фанни мазкур, хонандагон касби ояндаи худро дониста интихоб менамоянд ва гузашта аз он, ба меҳнати истеҳсолӣ бештару беҳтар ошно мегарданд. Меҳнат дар инкишофи фарҳангӣ ахлоқӣ, зебопарастӣ ва экологии хонандагон мавқеи меҳварӣ дорад. Дар замони ҳозира, эҳтиёҷ ба ташкили раванди таълим дар асоси ТИК, ки дар онҳо манбаъҳои иттилоотӣ асосан воситаҳои электронӣ, бахусус шабакаи ҷаҳонии телекоммуникатсионии интернет, истифода мешаванд, ба вуҷуд меояд.

Истифодаи ТИК дар дарсҳои мактабӣ як қисми таркибии иттилоотии раванди таълимро ташкил медиҳад. Истифодаи ТИК дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) на танҳо азхудкунии маводи таълимиро осон мегардонад, балки барои рушди маҳорати эҷодии хонандагон имкониятҳои гуногун фароҳам меорад. Масалан, омӯзгор метавонад дар ҷараёни машғулият бо хонандагон бо истифода аз компютер дарси назариявии худро нишон диҳад ва ҳамзамон, ба таври амалӣ кор кунад.

Сатҳи кофии кафолатнокии таълим ва сифати таълими технологияи педагогӣ бояд аз усулҳои таълим фарқ карда шавад. Фарқият дар он аст, ки технологияҳои педагогӣ метавонанд дубора такмил дода шаванд ва ҳамзамон

сифати баланди раванди таълим ё ҳалли он вазифаҳои педагогиро, ки ба технологияи педагогӣ дохил карда шудаанд, кафолат диҳанд. Дар айни замон, методикаро ба сатҳи технологӣ расонидан мумкин аст.

Масалан, методи муайян барои арзёбии дониш мавҷуд аст. Агар он ба воқеият, эътимоднокӣ ва эътибор ҷавобгӯ бошад, онро технологияи педагогӣ номидан мумкин аст. Такмил додани технологияи педагогӣ ба маҳорати педагогӣ вобаста аст. Ҳамзамон, як технологияро омӯзгорони гуногун метавонанд татбиқ кунанд, аммо дар хусусиятҳои татбиқи он маҳорати педагогии онҳо ба таври хос зоҳир мешавад.

Нахустин назарияҳои дидактикӣ ҳамчун илм дар асри XVII пайдо шуданд. Асосгузори дидактика педагоги олмонӣ Вофгенг Редтке (Wolfgang Radtke 1571-1635) барои дидактика вазифаҳои асосиро таҳия карда, савол гузошт: *«Чӣ тавр таълим додан лозим аст, ки хонанда зуд, бомуваффақият ва амиқ маводи таълимиро аз худ намояд?»*. Ба ҳамин васила, Радтке бо пешниҳоди худ дар бораи дидактика равандҳои таълиму таҷрибаро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод.

Муҳақиқ Я.А. Коменский бошад, дар соҳаи тартиб додани барномаҳои дидактикӣ ҳамчун илм хизмат кардааст. Вай диққати доираи васеи ҷомеаро ба тарбия – ҳамчун вазифаи муҳимтарин ҷалб намуд. Ӯ қайд кард, ки фаъолият ва амалҳои инсон дар ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Барои ин Я.А. Коменский барномаҳое таҳия намуд, ки дар он чунин сатрҳо омодааст: *«Ҳамаро ҳаматарафа омӯзонидан»* лозим аст [90, С. 288].

Психолог Я.А. Каменский дар асари маъруфи худ *«Дидактикаи бузург» чӣ тавр амалӣ кардани чунин таълимотро баён намуда, усулҳоеро коркард намуд, ки ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт равона карда шудаанд. Ин усулҳо ба эътимоднокӣ, дастрасӣ, давомнокӣ (мудовимат) ва самаранокии таълим вобаста буданд. Дар баробари ин, ба чунин усулҳо ба монанди аз сода ба мураккаб, аз маълум ба номаълум ва аз кул ба ҷузъ ишора намудааст»* [90, С. 288].

Я.А. Коменский мегӯяд, ки ҳамаро бояд як омӯзгор таълим диҳад. Чунон

ки офтоб нурҳои худро ба одамон пахш мекунад, омӯзгор ҳам бояд нурҳои худро ба ҳама, дар як вақт паҳн кунад. Ин ақида ибтидои тавлиди машғулиятҳои фронталӣ ва синфӣ бе тафовути синнӣ буд.

Аз ин рӯ, ақидаи Райх ва Коменский дидактика чун назария дар бораи машғулиятҳо муайян карда шудааст. Моҳияти он дида баромадани алоқамандиҳои омехтаи байни омӯзиш ва таълим мебошад. Чунин мафҳуми мавзуи омӯзишӣ дар шароити имрӯза дигар кофӣ нест. Бинобар ин, дидактикаро ҳамчун назарияи таълим ва тарбия низ гуфтан мумкин аст.

Агар дар бораи маънии аслии мафҳумҳои асосӣ сухан намоем, мебояд, ки нахуст маънии худи калимаро муайян созем. Истилоҳи «дидактика» аз калимаи юнонӣ *«дескин»* «daskein) гирифта шудааст, ки маънояш огоҳ кардан, хондан, дастурдиҳӣ, тадрис ё *«дидактик техне»* «didaktike techne» *«дидаскин»* «didaskein» *«санъати машғулият»* мебошад.

Дар замони имрӯза дидактика дигар яктарафа *«санъати таълимдиҳӣ»* нест. Дидактикаи муосир таълимро на танҳо машғулияти асосии омӯзгор медонад, балки фаъолияти хонандаро аз рӯйи дараҷа баробар меҳисобад. Таълим ва омӯзиш ба худ аввалин таносуби асосии дидактикаи муосирро дар бар мегирад. Моҳияти таълимро ягонагии равандҳои таълимдиҳӣ ва азхудкунии донишҳо ташкил медиҳанд.

Дар ин сурат дидактика ба худ ду ҷанбаро дарбар мегирад: таълим ва омӯзиш. Равандҳои омӯзишу таълим дар муассисаҳои таълимӣ, ҳамеша ба сифати раванди муташаккилонаи омӯзишу таълим пешниҳод мешавад. Бояд тазаккур дод, ки аз рӯйи анъана дар замони ҳозира дидактикаро асосан чун илм дар бораи машғулиятҳои таълимӣ, тадрис ва аз нуктаи назари илмӣ бошад, чун раванди муташаккилонаи *«таълимдиҳию омӯхтан»* маънидод кардан мумкин аст.

Дидактика аз як ҷониб назария дар бораи мундариҷаи таълим, махсусан сохтори комилан мувофиқ мебошад. Аз ҷониби дигар, дидактика бояд чун раванди баён кардани маънии мавзуъ, ҳам ба истифодабарандагони дониш, инчунин, азхудкунии донишҳо ва ҳам таълимро фаро гирад. Майдони

маҳдудтари фаъолияти дидактикӣ таҳқиқотҳоро оид ба психологияи ҷараёни таълим дар маркази диққат мегузорад. Ин равия омилҳои зиёди психологиро таҳқиқ мекунад, ки ба амалияи таълиму омӯзиш таъсир расонида метавонад. Ба ҷуз аз омилҳои инфиродӣ ба мисли рушди маърифат, имкониятҳои тафаккури абстрактӣ, таҷриба ва қобилият, инчунин, якчанд омилҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, воситаҳои ахбор ва ғайраҳо.

Дидактика илм роҷеъ ба таълим, таҳсилот, мақсади онҳо, мазмун, метод, воситаҳо ва ташкили шаклҳои онҳост.

Асосгузори дидактика педагоги маъруфи чех Ян Амос Коменский (1592-1670), маҳсуб шуда, ӯ номи ягонаи мактабии синфӣ-дарсиро кор кардааст, ки то ҳол дар мактабҳои ҷаҳон аз дидгоҳи таълим бартарият дорад.

Системаи таълими анъанавӣ дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактикии таълими Ян Амос Коменский ба вуҷуд омадааст.

Низоми таълими анъанавӣ ин раванди интиқоли донишҳо ва таҷрибаи иҷтимоӣ аз насли калонсол ба насли наврас аст. Зимни ин раванди таълим ба таври ҷиддӣ ба тартиб дароварда шудааст. Бо вуҷуди ин, арзиши асосии таълими анъанавӣ, ин нигоҳ доштани фарҳанг аст.

Мо дар даврони истиқлолият воситаҳои ахбори умумӣ, алоқа, муборизаи иттилоотӣ ва тағйиротҳо дар ҷаҳон дорем, ки тарзи ҳаёт, фикронӣ ва муоширати моро тағйир медиҳанд.

Аз ин рӯ, МТМУ вазифадор ҳастанд, ки насли баъдиро ҷиҳати рақобатпазир будан дар вазъияти муосир тарбия намоянд.

Бисёр олимон ва педагогҳои нововар номувофиқии шакл ва усулҳои таълими анъанавиро ба шароитҳои муосири зиндагӣ дарк намуда, ба ҷустуҷӯи методҳои ҷойгузин (алтернативӣ) шуруъ карданд, ки он дар нимаи дуюми асри XX ҳамчун равияи таълими интерактивӣ татбиқ шуд.

Масъалаи асосӣ ин рушд додани ҷараёни таълим мебошад, то ки кӯдакон ҷиҳати азбар намудани маърифат аз ҷанбаҳои зеҳниашон истифода намоянд.

Амалҳое, ки кӯдак тибқи идроку дигар имкониятҳо барои иҷро кардани саъй менамояд, ба рушди ӯ мувофиқат мекунад. Мавриди зикр аст, ки агар малакаҳои ҷадид дар заминаи малакаҳои пештар ба дастомада рушд ёбанд, онгоҳ аз ингуна рушдёбӣ манфиати бештаре ба даст меояд.

Ҳангоме ки мо дар боло дидактикаро ҳамчун илм дар бораи тадрис ва омӯзиш, инчунин, тамоюли зиёд ба таълим чун хислати хоси дидактикаи ҳозиразамон тавсиф намудем, пас, минбаъд бояд ба раванди таълим таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Дар маркази диққат ҷустуҷӯи посух ба чунин савол меистад: чӣ тавр дар дарс хонандагон мехонанд? Яъне, дар мадди назар тавсифи назарияҳои тафриқавии таълим меистад.

Дар тули таърих то ҳол назарияи ягонаи таълим вуҷуд надорад, ки ҳамаи ҷанбаҳои онро фаро гирад. Ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани раванди таълим бояд дар назар дошт, ки таълим шаклу навъҳои гуногун дорад. Ҳоло мутахассисон дигар барои коркарди назарияҳои калони ҳамаро фарогирандаи таълим кӯшиш намекунанд. Мувофиқи ақидаи онҳо, ҳарчанд тезисҳои зиёд ҷанбаҳои аҳамиятнок дошта бошанд ҳам, лекин хирқаи (феномен) ягонаи *«таълим»*-ро комилан тавсиф намедиҳанд. Дар айни ҳол кӯшиш карда истодаанд, ки бештар назарияҳоро барои шаклҳои алоҳидаи таълим чун ҳалли проблема ё ҳамчун шаклҳои гуногуни таълиму ба хотиргирӣ коркард намоянд.

Назарияҳои таълим кӯшиш мекунанд, ки омӯзишро чунин шарҳ диҳанд донишҳо барои шароит ва натиҷаи равандҳои таълим дар алоқамандӣ баррасӣ мешаванд. Раванди таълимро танҳо баррасӣ наметавон кард, танҳо аз рӯйи натиҷаҳо онро арзёбӣ кардан мумкин аст. Ҳамаи назарияҳои таълим дар ибтидо хусусияти фарзиявӣ доранд, ки барои ҷараёни омӯзишу таълимдиҳи дониш омода карда мешаванд.

Дар назди омӯзгор вазифа меистад, ки ҷараёни омӯзишро чӣ тавр ташкил кардан зарур аст, ки он ҳамаи омилҳо ва заминаҳои донишазбаркунии хонандагонро фаро гирад. Барои ташкили ҷараёни омӯзиш омода намудани мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ барои хонандагон

асосӣ мебошад, ки ин тавлиди дидактикӣ ном дорад.

Методҳо ба ҷараёни таълим ва омӯзиш тааллуқ доранд, омӯзгорон бояд салоҳияти методӣ дошта бошанд, то ин ки методҳои таълимро дар машғулиятҳо мақсаднок истифода баранд. Хонандагон низ бояд методҳои омӯзишро донанд, то ин ки мундариҷаи машғулиятро дарк намоянд. Дидактика аз оғози ташаккул ёфтанаш ба ҷустуҷӯи методҳо машғул аст.

Омӯзиш ва таълими интихобӣ имкон медиҳад, ки ба чизи асосӣ диққат дода шавад. Вай ба сифати «индуксияи дидактикӣ» амалӣ карда мешавад. Дар мисоли ҳодисаи алоҳида, таълимот бо муҳимтарин ҷанбаҳои ягонаю алоқаманд, умумиятро нишон медиҳад. Дар хотима дониши азхудшударо ба воситаи трансфер ба мисолҳои дигар гузаронидан мумкин аст.

Асосҳои дидактикӣ ба мазмун, услуб ва ташкили дарс ва дастурдиҳӣ таъсир мерасонанд.

Ҳар нуктае, ки омӯзонда мешавад, бояд ба таҷрибаи амалӣ робитаи қавӣ дошта бошад, чунки хонанда натиҷаи омӯзишро ба василаи дониш дар таҷрибаи ҳирфаӣ касб мекунад. Аз ин дидгоҳ, донишҳои назариявӣ бояд пайваста бо таҷрибаи амалии ҳирфаӣ алоқаманд бошанд, яъне миёни дониши назариявӣ ва омӯзиши амалӣ нуқтаи пайванд мавҷуд бошад.

Мо, дар даврони рушди воситаҳои ахбори умум, алоқа, мубориза́и иттилоотӣ ва тағйиротҳо дар ҷаҳони муосир зиндагӣ дорем, ки ба тарзи ҳаёт, фикронӣ ва муоширати мо таъсири беандоза мерасонад.

Низоми таълими анъанавӣ ин раванди интиқоли донишҳо ва таҷрибаи иҷтимоӣ аз насли калонсол ба насли наврас аст. Зимни ин раванди таълим ба таври ҷиддӣ ба тартиб дароварда шудааст. Бо вуҷуди ин, арзиши асосии таълими анъанавӣ, ин нигоҳ доштани фарҳанг аст.

Баъзе омӯзгорон чунин масъала пеш мегузоранд, ки оё беҳтар нест, ки аз истифодаи усулҳои анъанавӣ даст кашем? Албатта не, зеро мақсад он аст, ки омӯзгорон аз усулҳои анъанавӣ ва муосири таълим ҷиҳати пурмазмунтар шудани раванди таълим истифода намоянд.

**Ҷадвали 1. – Марҳалаҳои асосии ташаккули тарбияи меҳнатиро дар давраҳои гуногуни таърихӣ муфассалтар дида мебароем**

| | |
|---|---|
| Давраи антиқа | Дар Юнони Қадим, тарбияи меҳнатӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми рушди ҳамаҷонибаи инсон эътироф намешуд ва ба таълими ҷавонони табақаҳои болоӣ дохил намегардид. Меҳнат, асосан, вазифаи ғуломон маҳсуб меёфт. Дар Спарта, таълим хусусияти асосан ҳарбӣ дошт. Бо вуҷуди ин, дар Афина низоми маориф муташаккилтар буд ва қонуне вуҷуд дошт, ки шаҳрвандони озоди камбизоатро ҳимоя мекард. Тибқи ин қонун, агар волидайн фарзандони худро ҳунармандӣ наомӯзонанд, фарзандон дар пиронсолӣ ҳуқуқ доштанд, ки онҳоро дастгирӣ накунанд. Ҳамин тариқ, афинагиҳо кӯшиш мекарданд, ки масъалаи тарбияи меҳнатии кӯдаконро ҳал намоянд. |
| Асрҳои миёна | Дар асрҳои миёна, мероси ҳунарии падар ба писар анъанавӣ буд ва тарбияи меҳнатӣ дар оила сурат мегирифт. Ҳамзамон, низоми шогирдӣ низ вуҷуд дошт, ки дар он писарон барои зиндагӣ ва кор ба оилаҳои ҳунарманд фиристода мешуданд ва дар он ҷо тадриҷан асрори ҳунарро азхуд мекарданд. |
| Давраи эҳё | Дар ин давра, аввалин ғояҳо дар бораи тарбияи меҳнатӣ ҳамчун воситаи рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон пайдо шуданд. Чунин ақидаҳоро дар таълимоти педагогии Т. Мор ва Ф. Рабле метавон мушоҳида кард. |
| Давраи нав | Я.А. Коменский бори аввал робитаи байни эҳсосот, дарки ҳассос ва рушди равонии кӯдаконро аз нигоҳи илмӣ асоснок кард. Ӯ ба меҳнати дастӣ дар раванди рушд ва тарбияи кӯдакон аҳамияти калон медод ва омӯзиши асосҳои ҳунарро дар давраи таҳсил дар «Мактаби забони модарӣ» (синфҳои 6-12) ҳатмӣ медонист. Дар асрҳои 18-19 дар педагогикаи ҷаҳон идеяи нави пайвастани таълим бо меҳнати пурмаҳсул ба миён омад. Чунин таҷриба дар фаъолияти омӯзгори швейтсарӣ И. Песталотсӣ низ ҷой дошт. Ӯ ғояҳои тарбияи меҳнатиро тақвият дода, кӯдаконро ба корҳои хоҷагии қишлоқ ва саноат ҷалб намуд ва баъзе |

| | |
|---|---|
| | қонуниятҳоро таҳия намуд, ки азхудкунии унсурҳои зарурии меҳнатиро барои касбҳо дар бар мегирифт. Омӯзгорони маъруф Жан Жак Руссо ва Ҷон Локк дар бораи зарурати ҷорӣ намудани ҳунарҳо дар амалияи тарбияи фарзандон, на танҳо барои омода кардани онҳо ба зиндагӣ, балки бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи онҳо андешаҳо баён карданд. Жан Жак Руссо, маорифпарвари фаронсавӣ ва муаллифи назарияи таълими ройгон, даъват намуд, ки кӯдакон аз хурдсолӣ ба меҳнат, худхизматрасонӣ, меҳнати кишоварзӣ, меҳнати дастӣ ва ҳунармандӣ одат кунонида шаванд. |
| Рушди проблемаи тарбияи меҳнатии хонандагон дар асрҳои XIX-XX | Дар охири асри XIX, фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таълимии ИМА, кишварҳои Аврупо ва Россия ҷорӣ карда шуд. Н.М. Конишева се самти асосии тарбияи меҳнатиро муайян мекунад:<br>– таъсиси муассисаҳои меҳнатӣ, ки ба ташаккули хислатҳои шахсияти барои коргари хуб зарурӣ ва омода намудани кӯдакон ба фаъолияти ояндаи касбӣ нигаронида шудааст (Г. Кершенстейнер);<br>– самти дастӣ, ки тарафдорони он ҷонибдори ҷорӣ намудани фанни махсус - *«Меҳнати дастӣ»* буданд ва маҳорати дар ин дарс ҳосилшуда бояд дар омӯзиши фанҳои дигар истифода мешуд (В. Сигнеус, Р. Зайдел);<br>– самти эҷодии иҷтимоӣ, ки на танҳо ташаккули малакаҳои меҳнатӣ тавассути ҷалб намудан ба дарси меҳнат дар тарбияи кӯдакон, балки ташкили фаъолияти гуногуни мустақилонаи маърифатӣ ва бадеии марбут ба меҳнатро дар бар мегирифт, ки тарбияи меҳнатиро ба зинаи нав - таълими меҳнат баровард (А. Фарье, Э. Демолен, Г. Штайнер).<br>Дар ҷомеаи славянӣ, тарбияи оилавӣ афзалият дошт ва тарбияи меҳнатӣ дар оила ба роҳ монда шуда, ҳунари падар ба писар мегузашт. Дар давраи баъдтар, ин равия дар табақаҳои камбизоати ҷомеа идома ёфт, дар ҳоле ки таълими ашроф тарбияти меҳнатиро дар бар намегирифт. Яке аз аввалин муаллимоне, ки ба таъсири фаъолияти меҳнатӣ ба рушди ҳаматарафа диққат медод, К.Д. Ушинский буд. Дар асари *«Меҳнат,* |

*Идомаи чадвал*

| | |
|---|---|
| | *аҳамияти психологӣ ва тарбиявии он»* ӯ масъалаҳои муҳимтаринеро, ки бо фаъолияти гуногуни меҳнатӣ ва рушди равонии инсон, инчунин ташаккули ҷамъиятии вай алоқамананданд, баррасӣ намуд. |
| Дар даврони баъд аз Инқилоби Октябр | Дар давраи баъд аз Инқилоб, масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва тарбияи хонандагон ба таври васеъ баррасӣ шуда, дар ин ҷода ғояҳои бисёре амалӣ гардиданд. Дар ин давра, ғояҳои муассисаи меҳнатиро Н.К. Крупская, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, П.П.Блонский, С.Т. Шатский, А.Н. Волковский, С.М. Риве, М.Н. Шулман ва дигарон рушд доданд. Дар солҳои 20-ум, роҳҳои бо навъҳои гуногуни меҳнати дастӣ, саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ дар якҷоягӣ бо усули лоиҳакашӣ шинос кардани хонандагон фаъолона кор карда баромада шуданд. Аз соли 1927 инҷониб, меҳнати дастӣ ҳамчун фанни алоҳида таълим дода мешавад. Н.К. Крупская дар кор карда баромадани асосҳои ғоявии муассисаи меҳнатӣ, инчунин, барномаҳои маҷмуии таълим иштирок намудааст, ки дар онҳо бахши “Меҳнат” ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Дар доираи он, масъалаҳои вобаста ба меҳнат дар оила дар синфи якум, ҳаёти меҳнатии маҳалле, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад дар синфи дуюм, хоҷагии вилоят – дар синфи сеюм ва ҷумҳурӣ – дар синфи чорум баррасӣ шудаанд. Ғайр аз ин, хонандагон дар корҳои эҷодӣ фаъолона иштирок намуда, ба корҳои хоҷагии қишлоқ, корҳои истеҳсолӣ ва корҳои таҳқиқотии меҳнатӣ ҷалб карда мешуданд. Бузургтарин омӯзгори шуравӣ А.С. Макаренко фаъолияти меҳнатиро ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини ташаккули шахсият ҳисоб кардааст. Дар колонияҳои ӯ, ҳама хонандагон ҳатман ба намудҳои гуногуни меҳнат машғул буданд. Мавқеи махсусро фаъолияти В. Сухомлинский ишғол менамояд, ки дар муассисаи ӯ хонандагон на танҳо ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва хонагӣ ҷалб карда мешуданд, балки дар боғ, устохонаҳо ва қитъаҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ низ кор мекарданд.<br>Ҳамин тавр, дар давоми якчанд даҳсола, аз соли 1918 сар карда, дар давлати шуравӣ, ки Тоҷикистон низ дар |

*Идомаи ҷадвал*

| | |
|---|---|
| | ҳайати он буд, ҳар як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамзамон муассисаи политехникӣ-меҳнатӣ низ буд. Оҳиста-оҳиста дарси меҳнат ба вуҷуд омад, ки вазифаҳои конкретии таълиму тарбияро инъикос мекард. Аз ҷумлаи онҳо таълими политехникии хонандагон, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва роҳнамоии касбӣ буданд. Вазифаҳои таълимии фан сохти иҷтимоии ҷамъиятро инъикос менамуданд: иқтисодиёти рушдёбанда барои истеҳсолот ба оммаи зиёди коргарони ихтисосманд ниёз дошт ва аз ин ҷост, ки таълими политехникӣ ва роҳнамоии ибтидоии касбӣ ба миён омад. Меҳнати ҷисмонӣ тақрибан синоними меҳнат дар маҷмуъ ва синоними фаъолият ҳисобида мешуд. Минбаъд, баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, принсипи асосии таълими меҳнат принципи политехникӣ буд ва низоми корҳои беруназсинфӣ оид ба таълими меҳнат васеъ рушд ёфт (ҳама намудҳои маҳфилҳо, секцияҳо ва клубҳо). Дар солҳои 70-ум, муносибат ба тарбияи меҳнатӣ тағйир ёфт: тарбияи меҳнатӣ дар зинаи дуюм гузошта мешавад, зеро майли хатмкунандагони оянда на ба истеҳсолот, балки ба давом додани таҳсил, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ нигаронида шуда буд. Ин вазъият мавҷи нави ҷустуҷӯҳои илмию эҷодиро дар роҳи амалӣ баровардани тарбияи меҳнатӣ ба амал овард. Дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакати мо дар солҳои 90-уми асри XX ба рушди маориф, аз ҷумла ба тарбияи меҳнатӣ таъсир расонд. Барномаҳои нави муаллифии таълими меҳнат тартиб дода шуданд, ки ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки тарзи аз ҳама шавқовар ва пурмаҳсулро интихоб намояд. Дар даҳсолаҳои охир усулҳои таълими меҳнатро Л.М. Гукасова, Н.М. Конышева, В.П. Кузнецов, И.Г. Майорова, В.Г. Машинистов, В.И. Рожнев, А.Е. Стахурский, Б.В. Тарасов, Н.Е. Зейтлин ва дигарон таҳия карданд. Дар асарҳои олимони номбурда, мақсад, вазифа, мазмун, шакл, усул ва воситаҳои фанни таълими меҳнати МТМУ муайян карда шуда бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, усулҳои таҳияшуда ба талаботи |

| | |
|---|---|
| | фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқ намеомаданд. Ба барномаи таълимии МТМУ ҷорӣ намудани фанни таълимии технология зарурати рушди минбаъдаи методикаи таълими технологияро дар МТМУ ба миён овард. Дар айни замон, маъно, шаклҳо, усулҳо ва мундариҷаи дарсҳои технология дар муассиса баррасӣ карда мешаванд ва тамоюлҳои наве, ки ба ғояҳои асосии навсозии маориф мувофиқанд, дар тавсияҳои охирин ва барномаҳои таҳияшуда, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир амалӣ карда мешаванд, инъикос карда шудаанд. |

Таҷриба нишон медиҳад, ки роҳнамоии фаъолонаи касбӣ ба ҳалли проблемаҳои ба касб тайёр кардани хонандагон мусоидат мекунад. Дар баробари ин, таълими касбии хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо бо сатҳи имкониятҳои таълими касбии муассисаи миёна, балки бо тамоюли гуногун ва ҳавасмандии пасти хонандагони синфҳои болоӣ ба таълими ибтидоии касбӣ маҳдуд аст. Низоми таълими ибтидоии касбӣ барои тайёр кардани коргарони соҳибтахассус баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи асосӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки тамоюли хонандагони синфҳои болоӣ асосан ба гирифтани таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шуда, зарурати азхуд кардани касбҳои коргариро ҳис намекунанд.

## 1.3. Кабинети технология ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагони МТМУ

Ҷараёнҳои навини замон, ки ҷомеаро ба сӯйи пешравии ҳамоҳанг бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳидоят мекунанд, аз низоми таълим омодагии касбии сатҳи баланди коршиносонро тақозо менамоянд. Ин боиси эҳёи ғояҳои роҳнамоии ибтидоии касбӣ мегардад, ки ба низоми маорифи даврони шуравӣ хос буданд. Аммо ба ҳаёт баргаштани ғояҳои (идеяҳои) тарбияи

меҳнатӣ ва роҳнамоии касбӣ бояд на бо роҳи такрори эҷоди механикии шаклу усулҳои нимаи дуюми асри XX, балки мувофиқи равиши салохиятнокӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ зикр ёфтаанд, сурат гирад.

Аҳамияти баррасии масъалаи ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон дар дарсҳои технология дар муассисаҳои таълимӣ аз он бармеояд, ки низоми маориф, бо таваҷҷуҳ ба равиявӣ будани таҳсилот ҳамчун самти калидии ислоҳоти соҳа, таъмини ташаккули салоҳиятҳои бунёдиро амри воқеӣ месозад.

Зарурати ташаккули салоҳиятҳои калидӣ (болоифаннӣ) дар стандарт ва барномаи таълимии ҳар як фан бо татбиқи мундариҷаи навшудаи таълим дар муассиса, ки ба самти касбӣ ва таълими хонандагони муассиса нигаронида шудааст, вобаста аст. Эҷоди имкониятҳои нав барои роҳнамоии касбӣ ва азхудкунии салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби хонандагон яке аз ҳадафҳои асосии барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҳсуб меёбад.

Салоҳиятҳои асосӣ заминае мебошанд, ки ба шахс имкон медиҳанд, минбаъд дар соҳаҳои гуногуни фаъолият муваффақияти касбӣ ба даст орад. Аён аст, ки салоҳияти технологӣ алоҳида ҷудо карда нашудааст, он як ҷузъи салоҳиятҳои дигар мебошад.

Аз ин рӯ, тафсири якхелаи ин салоҳият вуҷуд надорад. Тамоми салоҳиятҳое, ки дар доираи фанни технология (таълими меҳнат) ташаккул ёфтаанд (яъне ҳамчун салоҳияти фаннӣ), ба маънои васеътари калимаи *«салоҳиятҳои технологӣ»* шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, С.Р. Абдуллоев мафҳуми салоҳияти технологиро ҳамчун: *«маҷмуи малакаҳои ҳавасмандкунӣ, ташкилӣ ва назорати ноил шудан ба муваффақиятро кафолат медиҳанд»*, баррасӣ кардааст [3, С. 239-345].

Муҳақиққиқи соҳавӣС. Холназаров салоҳияти технологиро ҳамчун *«қобилияти хонанда барои самаранок истифода бурдани системаи дониш, қобилият, малака истеҳсоли маҳсулот дар ҳолатҳои мушаххас, риояи пайдарпайии амалиётҳои технологӣ, реҷаи муайяни технологӣ ва шароити санитарию гигиенӣ, стандартҳои технологӣ, қоидаҳои бехатарӣ ва*

*талаботи ҳифзи меҳнат шарҳ додааст»* [2, С. 242-247].

Агар аз нуқтаи назари ҷаҳоншиносӣ баррасӣ кунем, равшан мешавад, ки салоҳиятҳои технологӣ пояи ҳастии инсонро ташкил медиҳанд. Тибқи назари Диренфурт ва Лейтон, дар ҳар зинаи давраи умр, инсонҳо мунтазам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то маҳоратҳои навро азхуд намоянд, ё маҳоратҳои мавҷударо такмил диҳанд, бо умеди баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар сохтани сатҳи зиндагӣ. Онҳо ин равандро ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи рушди инсон арзёбӣ мекунанд. Салоҳиятҳои технологӣ имкон медиҳанд, ки инсонҳо бо муҳити атроф самараноктар муносибат намуда, ба талаботҳои замон мутобиқ шаванд ва дар ҷомеа мавқеи муносиб пайдо кунанд.

Дар навиштаҳои худ онҳо се ҷузъи салоҳияти технологиро номбар мекунанд:

1) дониши технологӣ;
2) маҳорати технологӣ;
3) иродаи технологӣ, фаъол ё ташаббус дар робита бо технология.

Ба ибораи дигар, салоҳияти технологӣ мувозинатро байни дониш, маҳорат ва ҳавасмандкунӣ дар назар дорад. Дар асарҳои В.М. Баженов, В.Н. Горбунов [42, С. 135] ва дигарон салоҳияти технологӣ низ як ҷузъи салоҳияти касбӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, вобаста ба навъи фаъолияти касбӣ, салоҳиятҳои технологӣ фарқ мекунанд.

Дар бораи салоҳияти технологӣ сухан ронда, бояд сохтор ва мундариҷаи он, шароит ва марҳилаҳои ташаккули шахс, инчунин, омилҳои ба ин раванд таъсиркунандаро муайян кард.

Ба гуфтаи В.Ю. Новожилов *«салоҳияти технологӣ яке аз салоҳиятҳои асосӣ буда, чунин малакаҳоро фаро мегирад, аз ҷумла ташкили иртиботи сабабу натиҷа; қабули қарорҳо ва истифодаи маърифат дар вазъиятҳои мухталифи зиндагӣ; масири амал ва роҳҳои муосири ҳалли масъаларо ёфтан; дастурро дарк кардан ва аз рӯйи алгоритми фаъолият марҳилаҳои онро ба нақша гирифтан; қисмҳои таркибии ашё ё маводро ёфта, дарк кардани он,*

*ки онҳо бо ҳамдигар чи гуна иртибот доранд ва ғ.»* [122, С. 35-40].

Психологи ва педагоги рус В.И. Байденко ба ин назар аст, ки *«салоҳияти технологиро ба салоҳиятҳои асосии дар раванди таълим дар муассиса бо дарси технология ташаккулёфта ишора мекунанд. Дар баробари ин, дар таълим ба инкишофи қобилияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагон диққати махсус дода мешавад, ки ин бо усули лоиҳакашӣ мусоидат мекунад. Дар ин маврид салоҳият ҳамчун қобилияти шахс барои фаҳмидан, мувофиқат кардан ва амалӣ намудани дастурҳо, тавсифи технология, натиҷаи фаъолият, ки ба вайрон кардани технологияи фаъолият имкон намедиҳад тавсиф карда шудааст»* [43, С. 3-13].

Педагог С.В. Омелченко озмоиш гузаронида, нишон додааст, ки *«салоҳияти технологӣ дар давоми тамоми ҳаёт инкишоф ёфта, аз се марҳилаи ҳалкунанда иборат аст: зинаи аввали таҳсилоти ибтидоӣ дар муассиса ва дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таълимӣ, бо иштироки хонандагони навъовару эҷодкор, баъдан ҳангоми гузаронидани лоиҳаҳои техникӣ дар муассисаи таълимӣ ва гузаронидани таҳқиқоти гуногун»* [123, С. 45-48].

Давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ барои ташаккули салоҳияти зикршуда муҳимтарин аст.

Чунон ки маълум гардид, кунҷковӣ, шавқу ҳавас ба техника ва технология, зарурати омӯхтани фанҳои дахлдор, бозиҳо дар хона, мавҷудияти устохонаҳои муҷаҳҳаз, дастгирии шавқу рағбат ба технология аз ҷониби волидон, омӯзгорон ва ғайра ба ин таъсири калон мерасонад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки агар дар муассиса барои ташаккули салоҳияти технологӣ шароити махсус фароҳам оварда шавад, он гоҳ хонандагон дар оянда касби дилхоҳи худро муайян карда метавонанд.

Яке аз вазифаҳои асосии таълими технология на танҳо додани дониш аз рӯйи фан, инчунин барангехтани ангезаи шахсӣ ва майлу рағбат ба фанни таълимдодашаванда, рушд додани шавқ ба худтакмилдиҳӣ ва инкишофи сифати таълим дар муассиса мебошад.

Татбиқи барномаи таълимӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) бе пурра таъмин намудани устохонаҳои технологӣ аз рӯйи талаботи фан бо таҷҳизоти мувофиқ, ки метавонад раванди таълимро самаранок ва то ҳадди имкон бехатар гардонад, ғайриимкон аст.

Устохонаи технологӣ, ки бо маводи намоишӣ, асбобҳои аёнӣ ва таҷҳизоти зарурӣ таҷҳизонида шудааст, ба беҳтар азхуд намудани маводи назариявӣ, дар машгулиятҳои амалӣ мустаҳкам намудани он ва ташаккули завқи зебоипарастии хонандагон мусоидат мекунад.

Устохонаи технологӣ, хусусиятҳои синф ва устохонаҳои оддиро доро буда, ба категорияи биноҳои саноатӣ тааллуқ надорад. Дар муассиса мумкин аст, устохонаи технологӣ ҳамчун ҷой барои дӯхтан, ҷиҳоз барои омӯхтани таомҳо (коркарди хӯрока) мувофиқ карда шавад. Дар он ҳар як хонанда метавонад қобилияти эҷодии худро ошкор созад, малакаҳои муфидеро, ки барои ҳаёт фоидаоваранд, пайдо кунад ва шояд ҳатто дар бораи касби ояндаи худ тасмим гирад.

Асбобҳои аёнӣ ва гӯшаҳои намоишӣ дар устохонаҳои хоҷагии деҳот на танҳо ба зиёд шудани муҳлати истифодабарии таҷҳизоти корӣ ёрӣ мерасонанд, балки дар вақти иҷрои супоришҳои мураккаб ба хонандагон халал намерасонанд. Аз ин ҷост, ки ороиши устохонаи технологӣ аз ҷиҳати мавҷудияти овезаҳо ва аёниятҳои гуногун аҳамияти махсус пайдо мекунад. Мушоҳида ва омӯзишҳо собит сохтаанд, ки устохонаи технологӣ ҳар кадар беҳтар ва гуногунтар таҷҳизонида шавад, азхуд намудани донишҳои назариявӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо ҳамон қадар беҳтар мегардад ва барои ин омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) бояд доимо кӯшиш намояд.

Стандартҳои таълимӣ дар устохонаи технология мавҷуд будани маҷмуи пурраи воситаҳои аёнӣ ва воситаҳои таълимро талаб мекунанд, ки бе онҳо ба хонандагон тамоми дониш ва малакаҳои дар барнома пешбинишударо додан

ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таҷҳизонидани устохонаи таълимӣ дар муассисаро тавре ба роҳ мондан мумкин аст, ки дар он воситаҳои таълимии иттилоотию иртиботӣ ва техникии таълим, нашрияҳои чопӣ ва таҷҳизот барои кори амалӣ мавҷуд бошад.

Дар айни замон, маълум аст, ки самти асосии стратегии рушди низоми маориф дар ҳалли проблемаи таълиму тарбия ба хонанда нигаронида шудааст, ки дар он чизи асосӣ фаъолияти маърифатии хонандагон ба нақша гирифта шудааст. Омӯзгор бояд фаъолияти хонандагони худро ташхис карда тавонад, то ки сари вақт бо фаъолиятҳои гуногун ҷиҳати рафъи душвориҳои пайдошавандаи маърифатӣ кӯмак расонад. Ин нақш нисбат ба таълими анъанавӣ хеле душвортар аст ва аз омӯзгор маҳорати баландтарро талаб мекунад. Ҷорӣ намудани ТИ дар синфхона на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун як роҳи дигари дарки ҷаҳони кӯдак дида мешавад, ҳамзамон, манбаи маълумоти иловагӣ оид ба мавзуъ, усули худташкили меҳнат ва худомӯзии омӯзгор ва хонанда, имконият барои муносибати ба хонанда нигаронида шуда барои омӯзгор, роҳи васеъ кардани минтақаи фаъолияти инфиродии кӯдак ба шумор меояд.

Айни замон устохонаҳои таълимӣ бо компютери доимӣ муҷаҳҳаз аст, ки ба шабакаи интернет пайваст аст, ки ин барои фаъолияти бомуваффақияти омӯзгор дар ҷои кор мусоидат мекунад.

Кори беруназсинфӣ аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Он ба васеъ ва амиқ шудани дониш, рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Шароитҳои моддию техникии кабинети технология ба мо имконият медиҳанд, ки ба ҳафтаҳои фаннӣ, олимпиадаҳо, озмунҳои эҷодӣ, намоишҳои мавзуӣ ва машғулиятҳои гуногуни беруназсинфӣ омодагӣ гирем.

Мутобиқ будани устохонаи технология ба тамоми стандартҳои ҷорӣ ба он мусоидат мекунад, ки хонандагон ба дарсҳои меҳнат бо шавқу завқ омада, таҷрибаи ҳаётии худро ба даст оранд.

Бо дарназардошти нақши муҳими устохонаи таълимии технология дар самаранокии таълим, инчунин талаботи муосири таҷҳизонидани устохона вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

–баланд бардоштани нақши иттиҳодияи методии фанни технология дар таълиму тарбияи хонандагон;

–баланд бардоштани сифати таълим тавассути такмили минбаъдаи заминаҳои таълимию моддӣ ва таъминоти методии устохонаи технология;

–рушди фаъолияти минбаъда ва фароҳам овардани шароит барои самаранокии ҷараёни таълим;

–омӯзиши мутобиқати устохонаи таълим ба меъёру қоидаҳои санитарӣ, тадбирҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат барои хонандагон ва омӯзгор.

Ҷараёни таҳқиқи диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба исбот расонд, ки устохонаҳои таълимӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ нақши асосӣ мебозанд. Ҷараёни азхудкунии фанҳои таълимӣ дар муассисаи таълимӣ асосан аз гирифтани дониш ва татбиқи он вобаста аст. Муваффақияти омӯзгор дар дарс ба он вабаста аст, ки ӯ дар раванди дарс бояд аз усулҳои муосири таълим ва воситаҳои техникӣ ба таври васеъ истифода намояд. Дар раванди дарс кабинети фаннӣ (синфхонае, ки бо асбобҳои аёнӣ, воситаҳои зарурии таълим ҷиҳозонида шудааст) ҷиҳати бо маром гузаронидани машғулият аҳамияти вижа дорад. Аз ин нуктаи назар, баргузории машғулиятҳо дар он барои пайвасти дониши назарию амалӣ ба хонандагон мусоидат менамояд.

Аз ҳамин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии таъмини МТМУ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544) ва Барномаи давлатии таъмини МТМУ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025-ро (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017,

№544) тасдиқ ва қабул кардааст, ки батадриҷ амалӣ шуда, ба беҳдошти сифати таҳсилот ва самаранокии фаъолияти омӯзгорон ҳаматарафа мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки устохонаи фаннӣ ва устохонаи таълимӣ ҷойи гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва ба ин васила, пайваста баланд бардоштани салоҳиятҳои техникиву технологии хонандагон ба шумор мераванд. Омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар таълими фанни худ ҳамон вақт ба натиҷаҳои баланд ноил мешавад, ки агар дар муассисаи таълимӣ кабинети фаннӣ ва устохонаҳои таълимии замонавию хуб таҷҳизонидашуда мавҷуд бошанд ва дар он маҳсули кори эҷодии муаллим ва хонандагон васеъ истифода шаванд.

Барои исботи ин андешаҳо мо ду навъи дарси омӯзгоронро, ки дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ мушоҳида шуд, муқоиса мекунем. Омӯзгоре, ки дар синф ғайр аз бур ва тахтаи синф дигар ягон воситаҳои таълимро истифода намебарад ва омӯзгоре, ки дарсро дар кабинети фаннии хуб таҷҳизонидашуда гузаронида, дар ҳар як лаҳзаи дарс аз аёният, воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти таълимӣ самаранок истифода менамояд. Пас савол ба миён меояд, ки дарси кадом омӯзгор самаранок, шавқовар ва пурмаҳсул мегузарад? Яъне, агар дарс дар кабинети таълимии таҷҳизонидашуда гузаронида шуда бошад, пас натиҷаҳои дарс маълум аст.

Ҳамзамон, мушоҳидаҳо ҳангоми раванди таҳқиқот нишон доданд, ки дар шароити низоми устохонаи таълими фанни технология, дарси таълими меҳнат бо мақсади муайян ва натиҷабахш ташкил карда шуда, муаллим ҷараёни таълимро ба осонӣ идора мекунад ва аз абзорҳои гуногуни таълимӣ ба тарзи содда ва равшан истифода мебарад. Аз тарафи дигар, устохонаи таълимӣ барои омӯзгор ҷои гузаронидани корҳои амалӣ ба шумор меравад, ки ба ӯ дар тайёр кардани дарс, дарёфти усулҳои фаъоли таълим ёрӣ расонида, вақти зиёди омӯзгор захира шуда, азхудкунии фанни таълимиро

осон менамояд. Аз вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо омӯзгорони таҷрибаноку пешқадам маълум мегардад, ки самаранокии дарсҳое, ки дар устохонаи хуб таҷҳизонидашуда гузаронида мешавад, нисбат ба синфҳое, ки муқаррарӣ дарс мегузаранд, даҳҳо маротиба беҳтар буда, азхудкунии дарсҳо беҳтар ва шавқу ҳаваси хонандагонро зиёдтар мегардонад.

Дар воқеъ, таълими устохона барои хуб аз худ кардани фанҳои таълимӣ имконияти зиёд муҳайё месозад. Устохонаҳои фаннӣ дар асоси номгӯи асбобу анҷомҳои таълимӣ-аёнӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, ҷиҳозонида мешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси барномаҳои таълимии нав барои омӯзиши касбу ҳунарҳои миллӣ таҳия гардида, ҷойгоҳи хоса доранд.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки имрӯзҳо дар муассисаҳои таълимӣ машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) ба таври анъанавӣ аз ҷониби устодони касбу ҳунарҳои миллӣ, аз қабили кулолгарӣ, сикказанӣ, кандакорӣ, гулдӯзӣ, попурдӯзӣ, зардӯзӣ, коркарди чӯб, металл ва дигар ҳунарҳо ба роҳ монда шуда, дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар густариш ёфта, насли ояндаро бо нозукиҳои ин касбу ҳунарҳо ошно месозанд.

Мо, бояд дар таҷҳизонидани кабинети фаннӣ танҳо ба таҷрибаи муассисаи таълимии худ қаноат накарда, аз таҷрибаи пешқадами дигар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар васеъ истифода намоем, ҳамзамон, ҷиҳатҳои хуби онҳоро омӯхта, дар ғанӣ намудани маводи кабинет ва хубу зебо ороиш додани он кӯшиш намоем.

Бо мақсади расонидани кӯмаки методӣ ба омӯзгорони ҷавон, кабинети фанниро аз фанни технология (таълими меҳнат) ба навъҳои зайл ҷудо кардан мумкин аст:

1. Устохонаи универсалӣ;
2. Устохонаи махсусгардонидашуда.

Устохонаи универсалӣ гуфта устохонаеро меноманд, ки масоҳати он то 90 м$^2$-ро дар бар мегирад ва ҳамаи навъи дастгоҳ коркарди дастии чӯб, коркарди дастии фулузот, корҳои электрорадиою монтаж (пайвасти ноқилҳо) ва ғайраҳо аз тарафи хонандагон дар якҷояги̅ гузаронида мешавад.

Устохонаи махсусгардонидашуда гуфта, устохонаеро меноманд, ки ҳамаи навъҳои корҳои дар боло номбаркардашуда, аз тарафи хонандагон дар алоҳидагӣ гузаронида мешавад.

Яъне, агар мушаххас иброз намоем, барои ҳар яки ин коркардҳо дар муассиса устохонаҳои алоҳида мавҷуд буданаш мумкин аст. Масалан, ҳаҷми устохонаи коркарди чӯб бояд то 70-80 метр ва устохонаи коркарди фулузот бошад то 80-90 метрро фаро гирад. Ғайр аз ин, барои нигоҳ доштани асбобу абзорҳо ва маҳсулотҳои нимтайёр алоҳида чой ҷудо карда мешавад, ки масоҳати он то 20 м$^2$-ро дар бар мегирад.

Устохонаи таълимӣ бояд ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй буда, равшан, гарм ва инчунин хушк бошанд.

Машғулиятҳо оид ба технологияи коркарди дастии чӯб дар устохонаҳои таълимии мактабҳо гузаронида мешаванд ва барои ҳар як хонанда ҷиҳати иҷро ҷойи кори доимӣ ҷудо карда мешавад. Ҷойи кор барои коркарди чӯб бо мизи дуредгарӣ, рафҳо ва ҷевон барои нигоҳ доштани асбобҳо ва маҳсулот, ҷиҳозонида мешавад. Мизи дуредгарӣ (верстак) барои коркарди чӯб хеле муносиб мебошад.

Барои ташкили кабинети фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ корҳои зеринро ба иҷро расонидан зарур аст.

1. Муқаррар намудани шумораи кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ.
2. Интихоби синфхона барои фанни таълимӣ.

3. Хариди таҷҳизотҳои таълимӣ ва техникӣ, ки дар кабинет намерасад.

4. Ташкили ҷойҳои корӣ барои омӯзгор ва хонандагон дар кабинет.

5. Ташкили истифодаи самаранок ва нигоҳдошти воситаҳои таълимӣ.

Ҷиҳозонидани устохона дар муассисаҳои таълимӣ ин кори коллектив мебошад. Дар он иштироки фаъолонаи ҳамаи омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, хонандагон, падару модарон ва сарпараст зарур аст. Яъне омӯзгор роҳбари пурраи устохонаи фаннӣ аст ва бо шароитҳои мавҷуда онро таҷҳизонида истифода мебарад. Омӯзгор бояд аввал кабинетро, бо аёниятҳои тайёрнамудаи худ ва шогирдон ҷиҳозонад. Сипас онро бо ёрии падару модарон ва сарпарастон муҷаҳҳаз гардонад.

Дар баробари ин, устохонаи таълимӣ на бояд осорхонаро монад, ки дар он ҳамаи корҳои эҷодии омӯзгор ва хонандагон гузошта шуда бошанд. Навиштаҷот бояд замонавӣ, тозаю зебо навишта шуда, ҳар ду - се моҳ иваз карда шавад, то ин ки диққати хонандагонро ба худ ҷалб намоянд. Дар аксарияти устохонаҳои фаннӣ рӯзномаҳои деворӣ, масъалаҳои олимпиада, ҳуҷҷатҳои маҳфили фаннӣ ва ғайра дар девори пеш ва паҳлу овехта мешаванд. Ҳамаи инро дар деворҳои синфхона ғунҷондан аз имкон берун аст ва дар лаҳзаи дарс бошад, ин ҳуҷҷатҳо лозим намешаванд. Агар ҳамаи онҳо дар даҳлези даромадгоҳи назди устохона овезон карда шаванд, фоидааш зиёдтар аст, чунки хонандагон бо, мазмуни онҳо танҳо дар давраи танаффӯс ё баъди дарсҳо шинос шуда метавонанд.

Дар устохонаи фаннӣ ҳар як асбоб, аёният, формула ва навиштаҷот бояд дар ҷойи мувофиқ овехта шавад, то ки истифодаи онҳо манфиат бахшанд. Устохонаи фанниро дар муҳлати кӯтоҳ дуруст ташкил ва ҷиҳозонидан кори осон нест. Бинобар он барои ташкилу ҷиҳозонидани он муҳлати муайян зарур аст.

Агар дар муассисаи таълимӣ шумораи хонандагон ва омӯзгорони зиёд бошанд, он гоҳ тавсия дода мешавад, ки барои синфҳои 5-10 устохонаи фаннӣ алоҳида ташкил карда шавад. Асосан, барои муайян намудани миқдори устохонаҳои фаннӣ дар муассисаи таълимӣ бояд миқдори соатҳои ин фан дар як ҳафта, ба миқдори соатҳои кори устохона 24 соат дар як ҳафта, тақсим шаванд. Ҳосили тақсим миқдори устохонаҳои фанниро нишон медиҳад. Яъне, дар муассиса ду кабинети фаннии махсус мавҷуд аст омехта ташкил кардан зарур аст.




**Расми 4. – Амсилаи муҷаҳҳозии устохонаи таълимӣ**

Дар устохонаи таълимӣ гӯшаи муқаддасоти миллӣ: Суруди миллӣ, Нишони давлатӣ ва Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намудан зарур аст. Инчунин, дар устохона кори эҷодии хонандагон, реҷаи навбатдорони синф, эълон ва дигар иттилоот оид ба ҳаёт ва фаъолияти синф бояд ҷой дода шавад.

Барои дуруст истифода бурдани устохонаи таълимӣ ба роҳбари устохонаи фаннӣ зарур аст, ки нақшаи кори кабинетро барои соли таҳсил тартиб дода, дар асоси он фаъолият намояд.

**Риояи қоидаи техникаи бехатарӣ дар устохонаи таълимии технология ва хатар ҳангоми кор бо техника**. Тибқи “Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016, №1329 мувофиқи моддаи 149, асосҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва талаботи стандарти давлатӣ бо ҳамаи инсонҳои аз нав ба кор қабулшаванда оид ба риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарии истеҳсолӣ ва бехатарии зидди сӯхтор дастурамал гузаронида мешавад.

Аз рӯйи характер ва вақти гузаронидашавӣ дастурҳо чунин унвон доранд: муқаддимавӣ, аввалиндараҷа (дар ҷойи кор), такрорӣ, даврӣ, ғайринавбатӣ ва ҷорӣ.

Дастури муқаддимавӣ бо шахсони нав ба кор қабулшуда гузаронида шуда, онҳо бо қоидаҳои умумии бехатарии меҳнат дар корхона, муассиса, ташкилот, донишгоҳ шинос карда мешаванд. Инчунин, доир ба маъюбшавӣ, касалиҳои касбӣ, тартиби таҳлил ва ба бақайдгирии ҳодисаҳои нохуш, воситаҳои муҳофизати бехатарии баркӣ ва ғайраҳо маълумот дода мешавад.

Дастури аввалиндараҷа бевосита дар ҷойи кор бо омӯзгорон ва дар устохонаҳои таълимӣ бо хонандагон аз тарафи роҳбари муассиса, омӯзгор ё устои таълимӣ ба шакли суҳбат ва намоиши амалиётҳои бехатарии кор гузаронида шуда, пас аз санҷиш дониши хонандагон дар дафтарҳои махсус қайд карда мешаванд.

Бо чорабиниҳои асосии пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохуш ва чорабиниҳо оид ба пешгирии бемориҳо дар муассисаҳо инҳо дохил мешавад:

–назорати доимии риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар муассисаҳо;

–ташкили дафтари махсус: қайдҳои назорат ҳангоми, заминларза, гузаронидани дастурҳо;

–тартиб додани санадҳо дар бораи санҷиши таҷҳизотҳо, асбобҳо, воситаҳои муҳофизатӣ;

–дуруст ҷо ба ҷо кардани таҷҳизотҳо;

–таҳлили ҳодисаҳои маъюбшавӣ, ки дар давоми сол рӯх додаанд, бо мақсади пешгирии такроршавии он дар оянда;

–гузоштани воситаҳои пешгирӣ ва муҳофизатии иловагӣ, воситаҳои муҳофизатии захиравӣ ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, агар дар муассисаи таълимӣ миқдори хонандагон ва омӯзгорони фаннӣ зиёд бошанд, онгоҳ дар устохонаи фаннӣ шурои устохонаро ташкил кардан лозим аст. Роҳбари устохона дар худ аъзо ва нақшаи корӣ дорад. Дар шуро асосан масъалаҳо доир ба фаъолияти устохонаи таълимӣ ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳ ва сифати дониши хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳисоботи аъзои шуро шунида мешавад.

**Устохонаи коркарди дастӣ ва механикии чӯб**. Устохонаи коркарди дастӣ ва механикии чӯб бояд чунин ҷиҳозонида шавад:

1. Дар устохона асбобҳои дуредгарии оддӣ вобаста ба шумораи хонандагон, ки онҳо ба корҳои гурӯҳӣ машғул мешаванд бояд бошад, чунки дар ҳар гурӯҳ чор нафар хонанда фаъолият менамояд, вобаста ба харитаи технологӣ амалиёти худро оғоз менамоянд. Аввал, хонандагон дар рӯйи миз бо тартиб асбобҳои заруриро мегузоранд.

2. Дар даромади устохона аз тарафи рост ҷевони чубин гузошта мешавад, ки барои аёниятҳое, ки аз тарафи хонандагон тайёр карда мешаванд, ба тамошои тамоми хонандагони вориди ин синф шуда, ба намоиш гузошта мешавад, чунки завқи касбҳои ниёгонамон дар дили ҳар яки онҳо пайдо гардад.

3. Аз тарафи чапи омӯзгор бояд ҷевони оҳанин гузошта шавад, ки дар дохили он асбобҳои дастӣ аз ҷумла, исканаҳои гуногун ҳам барои коркарди дастии чӯб ва механикӣ, рандаҳо, навъҳои меххо, навъҳои мехпеч, амбурҳо, пармаҳои кунҷбур, пармаи дастӣ, навъҳои рандаҳо, навъҳои арраҳо, навъҳои гуногуни ширеш, чубсоҳо, суҳонҳо, доғсуз ва ғайра гузошта шавад.

4. Дар байни ин ҷевонҳо тахтаи синф ҷойгир мешавад.

5. Дорукуттӣ дар ягон гӯшаи холии устохонаи таълимӣ нигоҳ дошта мешавад.

6. Аз тарафи дарозии устохона дастгоҳи суфтакунӣ, дастгоҳи бурранда, пармакунӣ, дастгоҳи харротӣ - коркарди чӯб, (120), овезаҳо дар гирду атрофи дастаҳо вобаста ба ҳар як кори дастгоҳҳо ва тарзи истифода бурдани қоидаи техникаи бехатарӣ, ҷойгир карда шавад ҳангоми иҷрои амалиётгузаронӣ масоҳати устохонаи таълим бояд аз $54^2$ зиёд бошад. Бояд равшании устохонаи таълим 90% равшании табиӣ дошта бошад, то хонандагон бо асбобҳои дастӣ кор карда тавонанд.

Курсиҳои дохили устохона бояд вобаста ба баландии қади хонандагон бошанд, то ки хонанда дар рафти дарси амалӣ ба ягон монеа дучор нашавад.

Фарши устохона бояд дуруст тармим шуда бошад, чунки баъд аз дарсҳои амалӣ ҷамъ овардани партовҳо осон шавад.

Ноқилҳои дастгоҳҳо бояд рӯякӣ дар дохили қуттӣ гузошта шаванд.

Дастгоҳҳо аз ҳамдигар дар масофаи 2мм дур бошанд, ки дар рафти кор ба мо халал нарасонанд. Тамоми дастгоҳҳои устохона бо чангкашак пайваст шуда бошад, дар рафти кори дастгоҳ чангҳои зиёдатиро ба дохили худ кашида, ба хонандагон зарар намерасонад.

**Дастгоҳи пармакунӣ ва тарзи истифодаи он**. Дар устохонаҳои таълимии хонандагон дастгоҳҳои технологии коркарди мавҷҳои гуногун пешбинишуда истифода мешаванд. Мисол, чунин дастгоҳ – дастгоҳи пармакунӣ мебошад. Дастгоҳи пармакунӣ чун дигар дастгоҳҳо аз чунин қисмҳои таркибӣ иборат аст. Муҳаррики барқӣ, механизми интиқолӣ, органи корӣ, органҳои идоракунӣ. Механизми интиқолӣ барои интиқоли ҳаракат аз муҳаррики барқӣ ба органи корӣ, ки аз парма иборат аст, хизмат мекунад. Санҷидан ба маврид аст, ки оё маҳсулот дар патрон маҳкам мешавад, ҳангоме ки патрон дар наварди ҳаракатнок шпиндел шинонида шудааст.

Ҳаракат аз муҳаррики барқӣ ба воситаи тасма сурат гирифта, ба воситаи дастаки патрон пармаро ба поён ё боло ҳаракат медиҳад. Дар пеши дастгоҳ тугмачаҳои пайвасткунӣ ва хомӯшкунӣ, муҳаррики барқӣ мавҷуданд. Ба

асоси дастгоҳ бинти калони амудӣ маҳкам карда шудааст. Дастаро қад-қади бинти калон гардиш дода, дастаки шпинделиро болову поён ҳаракат дода, бо даст онро дар ҳолати зарурӣ нигоҳ доштан лозим аст. Барои назорат кардани чуқурии сӯрохиҳо шкала пешбинӣ шудааст. Вобаста ба мавод суръатҳои гуногуни пармакунӣ мавҷуд аст. Дастгоҳро ба кор андохта, пармаро оҳиста ва бе такондиҳӣ ҳаракат медиҳад. Дар вақти сӯрохкунӣ пурра ба зери фулузоти сӯрохшаванда тахтача мегузоранд. Дар вақти сӯрох кардани сӯрохиҳои чуқур ҳар замон пармаро ба моеи хунук андохта, хунук кардан лозим аст. Дар охири пармакунӣ қувваи фишорро камтар мекунанд. Баъди сӯрох карда шудан, шпинделро ба ҳолати аз ҳама боло бордошта дастгоҳро хомӯш кардан лозим аст.

**Дастгоҳи харротии коркарди чӯб**. Дастгоҳи ҳарротии коркарда чӯб таҷҳизотест, ки барои коркарди масолеҳи чӯбин ва барои ҳамвору суфта кардани канораҳои маснуоти чӯбин пешбинӣ шудааст. Ин дастгоҳи ҳарроти коркарди чӯб ба воситаи муҳаррики барқӣ ба кор андохта шуда, дар истеҳсолот ва устохонаҳо ва ҳам дар шароитҳои хонагӣ истифода мешавад.

Дастгоҳи харротии коркарди чӯб дар ҳарду деталҳои ба самт равона кардашуда мустаҳкам шудааст. Он ба танаи асосӣ васл карда мешавад, ки тавассути таҷҳизотҳо дошта мешавад.

Муҳаррики барқӣ дар зери қаппаки пеш (поя) ҷойгир аст ва ду пулти идоракунӣ дорад, ки тавассути ин тасмаро мустаҳкам кардан мумкин аст. 2 чархи чорфазадор дар танаи муҳаррики барқӣ ва дар навард ҷиҳозонида шуданд, ки тасмаи чархгардонро ба ҳаракат медарорад.

Суръати гардиши навард дар дисплейи пеши дастгоҳ тибқи тарзи дурусти ҷобаҷогузорӣ тасмаи чархгардон нишон дода мешавад. Чархҳо ва тасма бо дарича васл карда шудаанд. Дар сурате, ки дари дастгоҳ кушода бошад, дастгоҳ ба ҳаракат намедароянд, даричаро пӯшидан лозим аст. Механизмҳои такягоҳиро дар деталҳои гирди дастгоҳи харротии коркарди чӯб ҷиҳозонидан мумкин аст, барои ин лозим аст, ки механизми ҳарротикунандаро пешакӣ гирифта монем.

Дар Н.М. Шахмаев қариб 40 навъи дастгоҳи ҳарротӣ сохтааст. Дар устохонаҳои таълимӣ бошад аз дастгоҳҳои ҳарроти коркарди чӯб 120 дастгоҳро истифода мебаранд.

Таҳқиқоти дар ду муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №55 ва 3-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ гузаронидашуда нишон дод, ки агар кабинети технология ва устохонаҳои таълимӣ хуб ҷиҳозонида шуда бошанд, машғулиятҳои таълимӣ дар сатҳи баланд мегузаранд. Омӯзгорони пуртаҷриба қайд намуданд, ки дар дарси технология (таълими меҳнат) бисёртар корҳои амалӣ гузаронидан лозим меояд, аксари хонандагон то дар амал худ кор накунанд ба мақсади ниҳоии дарс намерасанд. Агар омӯзгор хоҳад, ки дарс ба воқеият наздик бошад, бояд аз таҷҳизотҳои дарсӣ хуб ва ба мавқеъ истифода намояд. Дар ин раванд амалияи дарс имкон медиҳад, ки хонанда ба моҳияти мавзуъ хуб ошно шавад ва минбаъд корҳои амалиро хонанда на ин ки бо сифат иҷро менамояд, балки дониш ҳам аз бар мекунад [162, С. 268].

Мушоҳидаҳо ҳангоми таҳқиқот нишон доданд, ки камбудиҳои ҷойдошта, аз ҷумла нарасидани устохонаҳои таълимӣ, дастгоҳҳо, асбобу абзорҳои корӣ барои корҳои амалӣ, ки фанни технология (таълими меҳнат)-ро бе кори амалӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст ҷараёни таълимро халалдор мекунанд.

Кам будани соати таълимӣ дар дарсҳои фанни технология (таълими меҳнат) камбудии дигар дар муассисаҳои таълимист. Масалан, барои омода кардани оши палав 1 ва 1,5 соат вақт лозим аст. Саволе матраҳ ин аст, ки оё дар 45 дақиқа дар дарси амалӣ, ки дар тули як ҳафта барои таълими фанни технология (таълими меҳнат) таъйин гардидааст иҷрои ин кор ба омӯзгор имкон медиҳад? Албатта не. Аз ин лиҳоз, вазъи воқеӣ бояд ба эътибор гирифта шуда, барои таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар як ҳафта 2 соат ҷуда карда шавад.

Фаъолиятҳои фаннӣ-таълимӣ ва конструкторӣ-технологӣ дар айни замон

навъҳои асосии фаъолияти таълимии хонандагон аз фанни технология мебошанд, ки дар устохонаи технология ва устохонаҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ҷаҳони муосир ҳар як шахс, ки субъекти фаъолияти меҳнатӣ ва касбӣ мебошад, бояд ба лоиҳакашӣ, эҷод, амсиласозӣ, гузаронидани таҳқиқот, озмоиш ва дигарон, аз ҳама муҳимаш бо технология иттилоотӣ кор кардан қодир бошад. Навъҳои гуногуни фаъолият дар соҳаи технология ба шогирдон имкон медиҳанд, ки дастовардҳои фанниро аз худ намоянд, инчунин, ба инкишофи фардӣ ва иҷтимоии онҳо мусоидат мекунанд, ки ин ҳамчун поя ба шумор меравад.

Дар дарсҳои технология масъалаҳои конструкторӣ ҳал карда мешаванд, агар хонанда:

–ба талаботи истеҳсоли маҳсулот (кор аз рӯйи қолаб, нақша, харитаи технологӣ) риоя намояд;

–ба ороиши маҳсулот тағйирот дохил намояд;

–маҳсулоти намунавӣ (дар асоси модели маъмулии тарҳрезӣ ва хусусиятҳои фардии муштарӣ) омода созад;

–маҳсулотро аз рӯйи унсурҳо дар асоси ғояҳои шахсӣ ё хусусиятҳои додашуда созад;

–технологияи пай дар пайи ҷорӣ намудани маҳсулотро тартиб дода тавонад (бо ном «харитаи технологӣ»);

–тарроҳии маҳсулот (лоиҳаи инфиродӣ ё гурӯҳи хонандагон)-ро мустакилона анҷом диҳад.

Ба барномаи таълимии МТМУ фанни технология (таълими меҳнат) барои он ворид карда шудааст, ки хонандагон дар баробари донишҳои назариявӣ дар соҳаҳои ошпазӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, харротӣ ва ғайра малакаҳои умумии меҳнатӣ ва амалӣ пайдо кунанд, ки минбаъд дар зиндагӣ ба онҳо муфид хоҳад буд. Хонандагон ташаккул додани салоҳиятҳо (масалан, пешдоман дӯхтан, сохтани курсӣ ва ғайра)-ро ба нақша гирифтани кор, иҷрои он, гирифтани натиҷаи ниҳоӣ ва баҳодиҳии сифати онро меомӯзанд.

Фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таълимӣ барои

хонандагон ҷиҳати кардани корҳои амалӣ пешбини шудааст. Мувофиқи он муассисаи таълимӣ бояд камаш ду синфи технология (таълими меҳнат) дошта бошад. Талабот ба тарҳрезии устохонаҳо ва тарзи ҷо ба ҷо гузории маводҳои таълимӣ тибқи стандарт, барномаи таълимӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Стандарти давлатӣ пешбинӣ мекунад, ки дарсҳо барои азхуд кардани дониш ва малакаҳои асосии асри XXI равона карда мешавад, зеро барои хонандагон дар самти касбӣ ва ҳаёти ҳаррӯза муфид хоҳанд буд. На маҳорати худхизматрасонӣ, чунон ки дар дарсҳои пешинаи таълими меҳнат таълим дода мешуд, балки технологиҳояи нав зуҳур кардаанд, ки омӯзиши онҳо дар замони муосир ҳатмист.

Афзалият дар таълим ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва татбиқи лоиҳаҳои эҷодӣ илмию техникии ҷавонон дода мешавад. Барнома мавзуъҳо ва бахшҳоеро дар бар мегирад, ки дорои донишҳои соҳаҳои гуногуни таълим мебошанд.

Дар натиҷаи азхудкунии фанни технология (таълими меҳнат) дар устохонаҳои таълимӣ хонандагон бояд:

–тарзи кор дар гурӯҳ ва азхуд кардани равиши лоиҳаҳоро донанд;

–усулҳои лоиҳакашӣ, тарҳрезӣ, сохтмон, масъалаҳои ихтироъкориро омӯзанд;

–унсурҳои асосии таҳияи технологияҳои ояндаро азхуд кунанд;

–рушди тадриҷии малакаҳои корбурди муассири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим;

–дар истифодаи асбобҳои дастӣ, механикӣ ва электрикӣ таҷриба андӯзанд;

Дарси таълими истеҳсолӣ дар устохонаҳои таълимӣ сохтори хосро доро буда, дар он бояд пайдарҳамии муайяни қадамҳо, марҳалаҳои фаъолияти устои таълими истеҳсолӣ ва хонандагон, ки ба иҷрои вазифаҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ нигаронида шудаанд, риоя карда шавад.

Барои баланд бардоштани сифати таълим ва малакаи касбии хонандагон

бояд:

–шароитҳо барои мутобиқшавӣ ба таълим фароҳам оварда шаванд;

–мақсад ва вазифаҳои дарс якҷоя бо хонандагон мураттаб карда шаванд;

–ҳангоми ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ аз усулҳои амалӣ истифода бурда шавад;

–фаъолияти амалии хонандагон мустақилона, тахти роҳбарӣ ва назорати омӯзгорон сурат гирад;

–хонандагон назоратро амалӣ кунанд (шаклҳои худназораткунӣ, назорати ҳамдигарӣ);

–фаъолияти хонандагон дар муқоиса бо нишондоди роҳбарон барои беҳтар намудани фаъолияти худи онҳо ба таври муназзам тағйир дода шавад;

–хонандагон ба фаъолияти худ аз рӯйи натиҷаҳои он баҳо диҳанд (худбаҳодиҳӣ, баҳо додан ба натиҷаи фаъолияти ҳамсинфон);

–фаъолияти хонандагонро ҳамеша ба ташаккули шахсият, қобилияти эҷодӣ, фарҳангӣ касбӣ, омодагӣ ва қобилият ба фаъолияти касбӣ равона карда шавад.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтанд, ки технологияи бозӣ имкон медиҳад, ки шаклҳои муштараки ҳамкории хонандагон истифода бурда шуда, робитаҳои байнисоҳавӣ муайян карда шаванд ва шавқу рағбати хонандагон ба касбу ҳунарҳо зиёд карда шавад. Технологияи таълими фаъол ба азхудкунии дониш, малака ва маҳорат аз ҷониби хонандагон мусоидат мекунад [22-М].

Мақсади асосии бозии таълимӣ ба рушди маҳорат ва қобилиятҳои эҷодӣ, ташаккули нерӯи эҷодӣ ва тафаккури касбӣ нигаронида шудани таълим мебошад. Ин усули таълим ба хонанда имконият медиҳад, ки донишҳои гирифтаашро дар шароитҳои воқеии истеҳсолот истифода намояд.

Ташкили машғулиятҳо дар утоқи технология ва устохонаҳои таълимӣ тавассути усулҳои бозӣ ҳамчун воситаи ташвиқ, ҳавасмандгардонии хонандагон ба фаъолияти таълимӣ ва истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

Дар машғулиятҳои амалие, ки дар устохонаи фаннӣ ё устохонаҳои

таълимӣ гузаронида мешаванд, бозиҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, ба монанди *«Усули коркарди қисми матоъро тарроҳӣ кун»*, *«Таҷҳизоти заруриро барои коркарди чӯб интихоб намо»*, *«Аз рӯйи намуна коркарди пайдарпайии мизро таҳия соз»* ва ғайра истифода бурда мешавад [14-М].

Истифодаи усулҳои бозӣ дар раванди таълим дар синфхонаҳои технология ва коргоҳҳо ба рушди тарзи фикрронии техникӣ дар байни хонандагон нигаронида шудааст. Ин маънои онро дорад, ки онҳо имкониятҳои гуногуни ҳалли мушкилотро дарк мекунанд, қодиранд пайваста вариантҳоро номбар кунанд, онҳоро муқоиса кунанд ва роҳи оптималии ҳалли онҳоро пайдо кунанд.

Илова ба технологияи таълими бозӣ, технологияи таълими лоиҳавӣ низ дар рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва технологӣ, ки барои хонандагон лозиманд, нақши муҳим мебозад. Дар ҷараёни татбиқи ин технология, хонандагон қодиранд, ки мустақилона роҳҳои ҳалли масъалаҳои амалии гуногунро таҳия намоянд. Ин равиш ташаккули малака ва маҳорати амалии хонандагонро таъмин мекунад.

Технологияи таълими лоиҳа усули таълимест, ки онро ҳангоми омӯзиши ҳар мавзуъ истифода бурдан мумкин аст, он ҳамеша ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон-инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва ба натиҷаи воқеии ниҳоӣ-маҳсулот-мол нигаронида шудааст.

Ҳадафи лоиҳа ин воқеияти ба даст овардани натиҷа, ошкор намудани имкониятҳои фардии хонандагон дар азхудкунии донишҳои нав ва татбиқи донишҳои гирифташуда мебошад.

Бартарии фаъолиятҳои лоиҳавӣ дар он аст, ки фазои рангину дилнишини таълимӣ фароҳам меояд, ки дар он гулҳои тафаккур мешукуфанд, ниҳоли хотира сабз мешавад, қобилияти аз манбаъҳои гуногун гирифтани маълумот ҷилва мекунад, сифатҳои маънавӣ сайқал меёбанд, ҳунари коммуникатсионӣ шукуфо мегардад ва истеъдодҳо чун ситораҳои дурахшон дар осмони илм намоён мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он далолат мекунанд, ки

кабинети технология ва устохонаҳои таълимӣ дар самаранокии таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҷойгоҳи махсус ва нақши бағоят муҳим дошта, ҷараёни машғулиятҳои технология (таълими меҳнат)-ро бе мавҷудияти онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз тавассути ташкили машғулиятҳои фанни технология дар кабинет ва устохонаҳои таълимии бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳазгардонидашуда ва шароитҳои педагогии мувофиқи ташкилкардашуда метавон ба рушди салоҳиятҳои технологӣ ва ташаккули тафаккури техникӣ дар хонандагон, ки шароити муосир тақозо дорад, ноил шуд. Ҳамзамон, густариши робитаи мустаҳками таълими фанни технология (таълими меҳнат) бо истеҳсолот амри зарурист, зеро ин омил барои боз ҳам пурсамар гардонидани таълими меҳнат ва омодасозии ҷавонон ба касби интихобкардаашон нақши муҳим мебозад.

## Хулосаи боби якум

Дар шароити пешрафти босуръати илму техника ва технология вазифаҳои таълими технологии хонандагон торафт вусъат меёбад. Он ба хонандагон шинос кардани принципҳои ҷараёнҳои технологӣ ва истеҳсолотро дар бар гирифта, барои иҷрои вазифаҳои графикӣ, технологӣ, конструкторӣ ва ғайра нақши муҳим мебозад.

Вазифаҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ, пеш аз ҳама, бояд ба он нигаронида шавад, ки хонандагонро бо донишҳои назариявӣ бой гардонда, малакаҳои амалии барои иҷрои минбаъдаи навъҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ зарурира дар онҳо ташаккул диҳад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таълими технологӣ дар МТМУ равона шудаанд ба дигаргун сохтани равишҳо дар таълими фанни технология (таълими меҳнат). Яке аз онҳо равиши фарҳангшиносӣ буда, он омӯзиши равишҳо ва усулҳои гуногунро дар ҳалли масъалаҳои мушаххас ва таълими технологии хонандагон пешбинӣ мекунад.

Усулҳои асосии таълими технология бояд тавассути ҳамкории эҷодӣ ва муоширати омӯзгор ва хонандагон (ҳам дар устохонаҳои таълимӣ ва ҳам берун аз он) амалӣ шаванд. Зеро маҳз дар раванди чунин ҳамкорӣ арзишҳои

фарҳангии умумӣ ва технологӣ, худмуайянкунии хонандагон, ташаккули завқи меҳнатӣ, тафаккури эҷодӣ ва инкишофи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатии хонандагон рушд меёбанд. Дар ин раванд, омӯзгор нақши роҳнамо ва ҳамоҳангсозро мебозад, ки фазои эҷодиро фароҳам оварда, ба хонандагон имкон медиҳад, ки потенсиали худро пурра амалӣ созанд. Ин муносибат ба рушди шахсияти ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Ба шахсият нигаронида шудани тарбияи меҳнатӣ барои ташаккули шахсияти эҷодкор захираҳои нав мекушояд. Консепсияи фарҳангшиносии таълими технологӣ бояд асоси парадигмаи нави таълимӣ бошад, ки ба раванди ғанӣ гардонидани ҷанбаҳои маънавӣ-мантиқӣ ва эҳсосотӣ-сихологии ҷаҳони маънавии хонанда нигаронида шуда, ноил шудан ба самти ягонаи тафаккур, ирода ва эҳсосоти ӯро пешниҳод мекунад.

Устодони технология бояд раванди таълимро аз иттилоотдиҳӣ ба идоракунии фаъолияти таълимӣ гузаронанд. Онҳо бояд интихоби ахбори илмию техникиро тавсеа дода, кори мустақилонаи хонандагонро ташкил намоянд. Ин мустақилияти шахсиятгароиро дар таълими технологӣ таъмин мекунад.

Дар ин самт, устодон бояд аз технологияҳои муосир ба таври самаранок истифода баранд, то ки хонандагонро дар раванди омӯзиш фаъолона ҷалб кунанд. Истифодаи платформаҳои таълимии онлайн, нармафзорҳои таълимӣ ва абзорҳои мултимедиявӣ имкон медиҳад, ки маводҳои таълимӣ ба таври ҷолиб ва фаҳмо пешниҳод карда шаванд. Илова бар ин, устодон метавонанд аз технологияҳо барои ташкили ҳамкории хонандагон дар лоиҳаҳо, таҳияи рӯнамоиҳо ва гузаронидани таҳқиқотҳои мустақил истифода баранд.

Асоси ягонаи таълими фанни технология (таълими меҳнат) ба вазифаҳои мутақобилан вобастаи таълим асос меёбад. Аз ҷумла, таълими (омӯзиши маводи мушаххаси таълимӣ, азхудкунии дониш, ташаккули малакаву маҳорат), рушддиҳанда (инкишофи тафаккур, хотира ва қобилияти эҷодкорӣ дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ) ва тарбиявӣ (ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги ахлоқӣ ва эстетикӣ ва ғайра) вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб

мераванд.

Татбиқи ин ҳадафҳо бояд ҳалли вазифаҳои зеринро дар бар гирад:

– ташаккули донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ ва маҳорати кор дар самтҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ, асосҳои саводнокии графикӣ ва технологӣ, маҳоратҳои амалӣ дар идоракунии хоҷагӣ, усулҳои бехатарии кор;
– рушди қобилиятҳои эҷодӣ, конструкторӣ ва шавқу ҳаваси маърифатӣ, тафаккури техникӣ ва бадеӣ, малакаҳои муошират, завқи эстетикӣ дар раванди иҷрои фаъолиятҳои гуногун;
– тарбияи мехнатдустӣ, фарҳанги меҳнат, коллективизм, ташаббус ва мустакилият, фарҳанги рафтор ва муомила, эхтироми маҳорат, ташаккули муносибати арзишманд ба эҷодиёти халқ.

Технологияи ҷолиби *фанни* (таълими меҳнат) роҳи равшанест, ки ба шогирдон имкон медиҳад дар олами рангоранги меҳнат сайр намуда, бо намудҳои гуногуни он ошно шаванд. Ин технология на танҳо дониш медиҳад, балки шахсияти комилро ташаккул дода, фарҳанги технологии он, тарзи ҳаёт, муносибат ва муошırати иҷтимоиро сайқал медиҳад ва дар бунёди таҷрибаи зиндагӣ ва касбӣ замина мегузорад.

Дар дарсҳои технология хонандагон бояд на танҳо донишу малакаи технологӣ, балки мубоҳиса кардан, исбот кардан, дарёфти роҳҳои оқилонаи иҷрои супоришҳо, хулосаҳои дахлдор баровардан ва фикр карданро низ омӯзанд.

Омӯзиши амиқи асарҳои олимон ва омӯзгорони шинохта, ки таҳқиқоти худро ба масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ равона кардаанд, моро ба хулосае меорад, ки онҳо пеш аз ҳама ба ниёзҳои педагогикаи халқӣ муроҷиат намудаанд. Диққати асосии онҳо ба манбаъҳои пайдоиши педагогикаи халқӣ ва дарки амиқи анъанаҳои мардумӣ нигаронида шуда, таҷрибаи мардумро дар тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи муҳаббат ва эҳтиром ба меҳнат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд. Ин муносибат имкон медиҳад, ки аз ғановати фарҳанги мардумӣ дар раванди тарбияи меҳнатӣ ба таври самаранок

истифода шавад.

Фанни технология (таълими меҳнат) фанне мебошад, ки ба қувваи дониш бевосита далолат карда, ҷаҳонбинии хонандагонро ба сатҳи баланд бардошта, шавқи онҳоро ба омӯзиши бештари корҳои амалӣ бедор мекунад. Технология ин фаннест, ки дар роҳи омӯзиши худ хонандагонро водор месозад, ки фанҳои математика, химия, физикаро омӯзанд, ҳамзамон, барои ҷустуҷӯҳои мустақилона ҳидоят мекунад ва ба дунёи муосир бо диди дигар нигоҳ карданро талқин месозад. Вай ба хонандагон меомӯзад, ки чӣ гуна донишҳои назариявиро дар амал истифода бурда метавонанд.

Раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохт, ки кабинети фаннӣ ва устохонаҳои таълимӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нақши меҳварӣ доранд. Кабинети фаннӣ ва устохонаи таълимӣ ҷойи гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва ба ин васила пайваста баланд бардоштани салоҳиятҳои техникиву технологии хонандагон ба шумор меравад. Омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар таълими фанни худ ҳамон вақт ба натиҷаҳои баланд ноил мешавад, ки агар дар муассисаи таълимӣ кабинети фаннӣ ва устохонаҳои таълимии замонавию хуб таҷҳизонидашуда мавҷуд бошад ва дар он маҳсули кори эҷодии омӯзгор ва хонандагон васеъ истифода шавад.

# БОБИ 2. РОҲУ УСУЛҲОИ САМАРАНОКИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 2.1. Истифодаи технологияи инноватсионӣ, усулҳои фаъол ва интерактивӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат)

Барои баланд бардоштани сифати донишазхудкунии хонандагон бештар низоми аниқ, ҳадафманд ва аз лиҳози методӣ мулоҳизашуда, баёни дониш дар соатҳои дарсӣ, яъне машғулияти босифат мусоидат мекунад. Ба раванди таълим методҳои нав, нисбатан мукаммали тадрис ва таълимро ҷорӣ карда, ҷалб намудани воситаҳои техника ва технологияи таълим лозим аст. Баланд бардоштан ё самаранокии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз бисёр ҷиҳат аз истифодаи маводи дидактикӣ, бозиҳои дидактикӣ ва истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар дарс вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, фанни технология (таълими меҳнат) имрӯзҳо яке аз фанҳои замонавӣ ва зарурӣ дониста шуда, аз омӯзгор мунтазам такмил ва бозомузии касбиро талаб менамояд.

Дар амалияи педагогика навъҳои гуногуни дарсҳоро аз фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан имкон дорад. Навъҳои дарсҳоро бо аломатҳои гуногун тавсиф додан мумкин аст: аз рӯйи шакл ва методи таълим, аз тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ, аз рӯйи мақсадҳои дидактикӣ ва амсоли инҳо [15-М].

Ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ ва усулҳои фаъолу интерактивӣ дар раванди таълим ва тарбия шароити мусоидро барои инкишоф ва ба кор бурдани потенсиали ҳар як таълимгиранда фароҳам меорад. Татбиқи технологияҳои коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки хонанда, новобаста аз синну сол, ҷойгиршавӣ, мақоми иҷтимоӣ ва макони зист, эҳтиром карда шавад ва барои дарки арзиш ва мавқеи худ имконият пайдо кунад.

Муҳимтар аз ҳама, истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар марҳилаҳои

аввали ҳаёти шахсӣ дар ҷомеа ба рушди фаъолияти тафаккур, ташаккули малакаҳои зеҳнӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии илмӣ ва техникӣ мусоидат менамояд.

Дар машғулиятҳои дарсӣ истифодаи корҳои амалӣ имконият медиҳад, ки ба ҳамаи гурӯҳ усулҳои дурусти кор ва пайдарҳамии онро нишон диҳем, ки ин амал динамикаи расонидани иҷрои ҳар як амалро барои хонанда саҳеҳ мекунад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим як иқдоми муҳим дар ҳавасмандгардонии хонандагон ва ташвиқи онҳо ба омӯзиш мебошад. Дар ин марҳилаи аввал, хонандагон бо фаъолияти азхудкунӣ дучор мешаванд. Аз ин рӯ, муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва касбӣ бояд ҷавононро барои зиндагӣ дар шароити комилан нав омода созанд. Бо вуҷуди ин, танҳо бо додани маҷмуи донишҳо, ки вазифаи асосии таълими анъанавӣ буд, тайёр кардани ҷавонон ба зиндагӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Бо истифода аз ТИ дар дарсҳо, мо метавонем шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиш бедор созем ва онҳоро барои расидан ба ҳадафҳои таълимӣ ҳавасманд кунем. Дар марҳилаи аввал, хонандагон бо раванди азхудкунии донишҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, мактабҳои миёна ва касбӣ бояд ҷавононро барои зиндагӣ дар шароити нави ҷаҳони муосир омода созанд. Аммо, танҳо додани донишҳои анъанавӣ, ки вазифаи асосии таълим буд, барои омода кардани ҷавонон ба зиндагӣ дар ҷаҳони пур аз ТИ кофӣ нест [18, с. 443].

Муҳимтарин шарти асосӣ, ин навъи ташкили раванди таълим ба хонанда имкон медиҳад, ки аз усулҳои гуногуни зеҳнӣ барои ба даст овардани маълумот ва малакаҳои зарурӣ дар соҳаҳои гуногун истифода барад.

Бо назардошти он, ки мо дар даврони технологияҳои нав, автоматизатсия ва техникаи муосир зиндагӣ мекунем, зарурати таҷдиди назар ба тарзи фикрронӣ, тафаккур ва шеваи амалиёти ҳаррӯза ба миён омадааст. Технологияҳои пешрафтаи муосир, аз қабили телефонҳои мобилӣ,

компютерҳо ва интернет, ки бо ёрии дастгоҳҳои кайҳонӣ кор мекунанд, ба ҳаёти одамон таъсири калон расонида, тарзи зиндагӣ ва фаъолияти онҳоро тағйир медиҳанд. Ҷорӣ намудани ин технологияҳо дар истеҳсолот ва дигар соҳаҳо як раванди муқаррарӣ гардида, фоидаовар мебошад.

Истифодаи компютер дар таълими технология, раванди таълимро чун дарё содаву равон мегардонад ва сифати онро мисли қуллаи кӯҳ баланд мебардорад. Бахусус, дар фаҳмонидани ҳодисаҳои нозуки микроолам ва паҳнои беканори мегаолам, ки аз чашми оддӣ пинҳон аст, компютер чун равшангаре бебаҳост. Инсон наметавонад ин ҳодисаҳоро бевосита бубинад, вале бо ёрии аёниятҳои иловагӣ тасаввур мекунад. Дар ин ҷо, компютер он аёниятҳоро дар шакли электронӣ бо рангҳои ҷолиб, наворҳои фаҳмо ва расму моделҳои сеченака (3D) пешкаши хонандагон месозад, то дарки онҳо осонтар ва соддатар гардад, гӯё ки парда аз рӯйи асрор бардошта шавад [18, с. 443].

Дар мамолики Шарқ мактабҳои калони илмӣ ва расадхонаҳо мавҷуд буданд, ки онҳо барои ба камол расонидани мунаҷҷимони зиёд хизматҳои шоиста кардаанд. Барои тақвияти гуфтаҳо мактабҳои илмии Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абурайҳон Берунӣ, Насриддин Тӯсӣ, Улуғбек ва дигаронро мисол овардан мумкин аст, ки онҳо бо шогирдони худ натиҷаҳои беҳтарини илмии замонаро ба даст оварданд. Китобҳои илмӣ ва таълимии онҳо баъдан садсолаҳо ва имрӯз ҳам ҳамчун сарчашмаҳои таҳқиқу китобҳои таълимии кишварҳои Шарқу Ғарб мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ғайр аз ин, донистани компютер ва барномаҳои компютерӣ зарур аст, зеро воситаи асосии зуҳури нақшаҳои маснуот танҳо тавассути компютер ва қудрати барномаҳои он имконпазир аст.

Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) на танҳо азхудкунии маводи таълимиро осон мегардонад, балки дар дили хонандагон гулшани истеъдоди эҷодиро мешукуфонад: омӯзгор дар раванди машғулият метавонад бо истифода аз компютер дарси назариявиро чун офтоб равшан намояд ва ба таври амалӣ корҳои эҷодиро ба анҷом расонад.

Донистани ТИ дар шароити имрӯза яке аз салоҳиятҳои асосии омӯзгорони фанни технологияи (таълими меҳнат) мебошад, ки дар тайёр кардан ва ҳал карда тавонистани масъалаҳо ва монеаҳо кӯмак мерасонад.

Ҳар як кӯшиши хонанда барои иҷрои амале, ки бо дарки шахсӣ ва тавонмандиҳои ҷисмониаш мувофиқ аст, ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсир мерасонад. Аммо, бояд дар назар дошт, ки агар малакаҳои нав бар пояи дониш ва маҳоратҳои қаблан омӯхташуда сохта шаванд, аз ин гуна ташаккул дар раванди таълим фоидаи бештар ҳосил мешавад.

Аз нефт бензин ва равғанҳои гуногунро истеҳсол мекунанд. Аз газ бошад, масолеҳи полимерӣ, яъне пластмассаҳо истеҳсол карда мешавад.

Дар даврони имрӯз аз омӯзгор усулҳои инноватсионии таълим талаб карда мешавад ва таваҷҷуҳи асосӣ ба он дода мешавад, ки хонандагон бояд то ҳадди имкон аз донишҳои илмӣ ва техникӣ огоҳ бошанд. Ҳозир раванди таълими муосирро бе истифодаи ТИК тасаввур кардан душвор аст. Яке аз роҳҳои ба ин мақсад расидан, истифодаи самарабахши воситаҳои техникӣ дар дарсҳо ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, ин масъала талаботи замон бошад, аз тарафи дигар, маҳорати саводнокии хонандагонро баланд бардошта, аз усулҳои таълим тавассути технологияи муосир ба ақли хонандагон таъсири бештар расонида мешавад.

Дар замони имрӯза аз муаллимон талаб карда мешавад, ки дар раванди таълим аз усулҳои инноватсионӣ истифода баранд ва диққати асосӣ ба он дода мешавад, ки хонандагон бояд то ҳадди имкон аз маълумоти илмӣ ва техникӣ бахравар бошанд. Ба омӯзгорон лозим аст, ки дарсҳои худро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ташкил кунанд, зеро ин яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи таълим ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, ба роҳ мондани омӯзиши ТИК ва таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардан ба касбомӯзии шогирдон хеле муҳим мебошад [20, С. 127].

Мо, дар замоне қарор дорем, ки ҷаҳонишавӣ, пешрафти технология ва густариши расонаҳои хабарӣ ба авҷи худ расидаанд. Ин давра бо воситаҳои муосири иртибот, муқовимати иттилоотӣ ва дигаргуниҳои амиқ дар ҷаҳони

имрӯза тавсиф мешавад. Ҳамаи ин омилҳо ба тарзи зиндагӣ, андешаронӣ ва муоширати мо, таъсири мустақим мерасонанд [91, С. 112].

Дар замони муосир барои ислоҳоти раванди таълим аз дастовардҳои нави таълим истифода бояд бурд. Яке аз дастовардҳои даҳсолаи охири илм истифодаи мошинҳои ҳисоббарор, тахтаҳои электронӣ, барномаҳои мухталифи компютерӣ аст, ки дар раванди таълим истифода бурда шуда истодааст.

Таҳқиқотҳое, ки дар хориҷа хусусан дар Русия ва Аврупо анҷом дода шудаанд, муҳаққиқонро ба хулосае овarданд, ки истифодаи компютер, барномаҳои компютерӣ, интернет ва умуман технологияи муосир дар рафти таълими фанҳои дақиқ манфиати зиёд доранд ва боиси васеъшавии тафаккур ва ҷаҳонбинии хонандагон мегарданд. Ин нуктаро ба назар гирифта мо барои татбиқи ин андешаҳо дар Тоҷикистон якчанд пешниҳод дорем. Танҳо дар натиҷаи амалишаии онҳо мо метавонем дар раванди таълим аз компютер ва барномаҳои компютерӣ истифода намоем:

- таъмин намудани муасиссаҳо бо барномаҳои дар боло зикршуда, зеро дастрасии ин барномаҳо камтар мушкилот дорад, хусусан дар деҳотҷойҳо аз сабаби надоштани харидор ба фурӯш бароварда намешавад;
- таҳияи барномаҳои тоҷикӣ;
- таҳияи сайтҳои омӯзишии тоҷикӣ, ки дар онҳо мисол ва муқоиса ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шуда бошад;
- аз такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон, зеро иттилооти соҳа ва тез-тез ба тағйирот ва навоварӣ дучор мешаванд;
- бо омӯзгорон омӯхтани тарзи истифодаи барномаҳои компютерии астрономӣ;
- таъмини муассисаҳо бо дигар аёниятҳои таълимӣ аз ҷумла телескопи таълимӣ.

Омӯзгори технологияи меҳнат шахсе мебошад, ки бо доштани ҷаҳонбинӣ ва иттилооти замонавӣ насли навро таълим медиҳад ва тарбия

мекунад. Маълум аст, ки омӯзгор бояд дар предмети худ салоҳияти комил дошта, малакаи таълимдиҳиро соҳиб бошад. Агар ӯ дониши зарурӣ надошта бошад, моҳияти дарсро ба шогирдон расонида наметавонад. Барои истифодаи самараноки компютер дар дарс, омӯзгор бояд дорои дониши кофӣ буда, ба талаботи хонандагон ҷавобгӯ бошад. Танҳо дар ин сурат компютер метавонад ҳамчун воситаи ёрирасон дар дарс истифода шавад. Афсӯс, ки дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи кишвар омӯзгорони технология мутахассиси соҳа нестанд ва ин фанро ҳамчун фанни дуюмдараҷа таълим медиҳанд. Ин вазъ боис мешавад, ки хонандагон ҷавоби пурраи саволҳои худро нагиранд. Аз ин рӯ, дониши амиқи омӯзгор шарти асосии таълими босифати технология мебошад [15, С. 191].

Инчунин, донистани тарзи истифодаи компютер ва барномаҳои компютерӣ муҳим аст, зеро намоиши нақшаҳои маҳсулот асосан тавассути компютер ва барномаҳои махсуси онҳо амалӣ мегардад.

Муассисаи таълимии имрӯза вобаста ба вазъи таҳсилот дар раванди гузариш қарор дорад. Омӯзгор бояд роҳу усулҳои наверо ҷустуҷӯ намояд, ки хонанда нисбат ба омӯзгор фаъол шуда, дар раванди омӯзиш дар онҳо чунин арзишҳои иҷтимоии комилан арзишманд, ба монанда серталабӣ ба донишандӯзӣ, мустақилона азхудкунии донишҳо, интихоби роҳҳои нисбатан муносиб дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, банақшагирӣ дар омӯзиш, худбаҳодиҳии мусбат ва ғайра ташаккул ёбанд.

Дар муассисаи таълимӣ бояд меҳнати бесамар, хунукназарӣ нисбати дониш кам гардида, ҳавасмандию дилгармӣ ба хониш афзун гардад. Мутаассифона, имрӯз омӯзгорон ба ин падида кам эътибор медиҳанд. Раванди таълим имрӯз мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир ба дониш ва салоҳиятнокӣ асос ёфтааст.

Таълими муосир аз омӯзгор дониши васеъ, маҳорати баланди педагогӣ, салоҳияту маърифатнокиро тақозо мекунад. Вазифаи муқаддаси ҳар як омӯзгор хонандагонро омӯхтану омӯзонидан аст. Завқи эҷодкориро дар дили хонандагон бояд бедор сохт.

Бинобар ин, зарур аст, ки раванди таълим ба тарзе ташкил карда шавад, ки хонанда ҳадафҳои худро бо муваффақият амалӣ гардонад ва дар ин роҳ ба мушкилот рӯ ба рӯ нашавад. Дар ин сурат, иштироки хонанда дар ҷараёни таълим фаъолона ва эҷодкорона мегардад, ки натиҷаи он барои вай фоидаовар хоҳад буд.

Устоди фанни технологияҳои таълим бояд бо технологияҳои навин ошно бошад ва онҳоро дар ҷараёни таълим татбиқ намояд. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки ҳама ҳодисаҳо ва амалиётҳои давраи гузариш ба таври содда ва равшан намоиш дода шаванд. Омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки хонандагонро бо охирин дастовардҳои илмӣ ошно созад. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони муосир рақобатпазир бошанд. Илова бар ин, технологияҳои инноватсионӣ имконият медиҳанд, ки таълим ҷолибтар ва самараноктар шавад. Хонандагон метавонанд бо истифода аз моделҳои виртуалӣ ва дигар абзорҳои муосир мавзуъҳои мураккабро беҳтар дарк кунанд. Инчунин, технологияҳои инноватсионӣ барои ташкили дарсҳои интерактивӣ ва фаъол имконият фароҳам меоранд, ки ин боиси баланд шудани шавқу ҳаваси хонандагон мегардад [19, С. 224].

Истифодаи техника ва технологияи муосир дар раванди таълиму тарбия хеле мақсаднок буда, талаботи замон аст. Бинобар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ раванди бо компютер таъмин кардан ва ташкили синфхонаҳои компютерӣ идома дорад. Ин кор барои баланд бардоштани имкониятҳои таълимии омӯзгорон ва хуб дарсро аз худ кардани хонандагон амали зарурист [19, С. 224].

Инноватсия калимаи лотинӣ бада, маънояш *«нав кардан, навгонӣ, тағйирёбӣ»* аст. Гарчанде дар ғарб равандҳои инноватсионии таълим аз солҳои 50-уми асри гузашта сар шуда бошад ҳам, ин навгонӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои муштаракулманофеъ тақрибан ду даҳсолаи охир амалӣ мешавад.

Навоварӣ воситаи муҳимму самарабахш дар таълиму тарбияи хонандагон аст. Инноватсия тағйироти мақсаднок аст, ки дар таълим ҷузъҳои

навро дохил намуда, гузариши низоми муайянро аз як сатҳ ба сатҳи дигар таъмин менамояд. Ҳамзамон, раванди инноватсиониро ҳамчун расонидани натиҷаҳои илмӣ ба сатҳи амалӣ ҳисобидан мумкин аст, ки он дар соҳаи таълим хуб истифода мешавад.

Инноватсия дар соҳаи таълим дар асоси донишҳои илмӣ-назариявии нав ва технологияи таълимии нав самаранок амалӣ мешавад.

Истифодаи технологияи компютерӣ нафақат дар ташкили раванди таълим ёрӣ мерасонад, балки алоқаи байни хонанда-компютер-омӯзгорро мустаҳкам месозад. Аёнияти мултимедӣ яке аз воситаи беҳтарин буда, ба мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малака мусоидат менамояд.

Таҳлили таҷрибаҳои истифодаи компютерро ба се қисм ҷудо намудан мумкин аст:

1) истифодаи компютер ба сифати зоҳиркунии маводи дарсӣ аз тарафи омӯзгор;

2) истифодаи компютер аз тарафи хонанда барои такрор намудани маводи гузашта, истифодаи компютер барои санҷиши сатҳи дониши хонанда;

3) истифодаи барномаҳои муосири компютерӣ дар таълим, гузаронидани машғулиятҳои фаннӣ дар синфхонаҳои компютерӣ дар зери назорати омӯзгор, истифодаи барномаҳои махсуси таълимӣ аз шабакаи интернет.

Истифодаи роҳҳои нави таълим, муносибати ғайриоддӣ бо шогирдон, муносибати ҳамкорӣ бо онҳо ва ошно намудани онҳо бо масъалаҳои муосири илм ва таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки ин раванд ба интихоби дурусти касбӣ нигаронида шавад.

Инноватсия ҷорӣ намудани навигарии натиҷаи баланд дошта, фаъолияти зеҳни хуб, хаёлоти пурмаъно, раванди муаммои эҷодӣ, кашфиёт, ихтироъ ва такмили амал аст, ки нисбати амалҳои пешин фарқи куллӣ дорад.

Методҳои инноватсионӣ усулҳоеанд, ки ба истифодаи комёбиҳои муосири илмӣ дар таълим асоснок шудаанд. Онҳо ба баланд намудани сифати тайёрии хонанда, рушд додани қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти он

равон шудаанд.

Барои хонандагони муассиса ташкили экскурсияҳои таълимӣ ба васеъшавии дониши хонандагон боис мегардад. Масалан, дар расадхонаи астрономии Ҳисор як телескоп барои донишҷӯён ва хонандагон ҷудо гардидааст. Инчунин, дар шаҳри Хуҷанд планетария вуҷуд дорад, ки барои таблиғи астрономия ва оммавӣ гардонидани илм фаъолият дорад.

Ҷаҳонишавии иттилоот самти асосӣ ва зарур барои рушди ҷамъияти муосир мебошад. Сифати тайёрии технологӣ ва рушди шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омодагии хонандагон ба интихоби касб ва меҳнати истеҳсолӣ дар ҷомеаи муосир аз кори мактабҳои таҳсилоти умумӣ вобаста аст.

Усулҳои интерактивии таълим, бо таваҷҷуҳ ба муносибати мутақобила, имконият медиҳанд, ки хонандагон дар ҷараёни таълим фаъолона иштирок намуда, маводро амиқтар дарк намоянд. Дар ин раванд, омӯзгор нақши роҳнаморо иҷро мекунад, ки он ба хонандагон дар ташаккули мустақилонаи дониш ва малакаҳо мусоидат мекунад.

Равишҳои таълимии интерактивӣ ба ҳамкорӣ на танҳо бо омӯзгор, балки байни хонандагон мусоидат мекунанд. Ин равишҳо фаъолияти хонандагонро дар ҷараёни таълим тақвият дода, нақши онҳоро дар расидан ба ҳадафҳои дарсӣ муҳим мегардонанд, на нақши муаллимро. Фарқияти машқҳои супоришҳои интерактивӣ аз усули фаъоли таълим дар он аст, ки хонандагон онро на танҳо иҷро менамоянд, балки маводи омӯхташавандаро мустаҳкам менамоянд. Усули таълим ва омӯзиши интерактивӣ аз омӯзгор фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад.

Дар навбати худ, таълими интерактивӣ  ин шакли махсуси ташкили фаъолияти фикрӣ мебошад. Рушди гуфтугӯиро тақозо мекунад, ки ба ҳамдигарфаҳмӣ оварда мерасонад. Дар якҷоягӣ ҳалли масъалаҳоеро дида мебарояд, ки барои ҳар як хонанда муҳим буда, шавқи хонандагонро бедор мекунад. Ҳар якеро барои иштироки фаъол дар раванди омӯзиш ҳавасманд мегардонад. Ба ҳиссиёти ҳар як хонанда таъсир мерасонад. Дар раванди

таълими фанни технология (таълими меҳнат) истифодаи усулҳои интерактивии таълим, чун рахнае ба сӯйи олами ҳамдигарфаҳмӣ, робитаи мутақобилаи омӯзгор ва шогирдон, ҳамчунин, ҳамбастагии хонандагонро бо ҳам устувор месозад. Ин равиш имкон медиҳад, ки андешаву муносибатҳои ҳар як хонанда ба эътибор гирифта шуда, дар раванди таълим инъикос ёбанд. Малакаҳои ҳаётиро ташаккул медиҳад ва барои тағйироти рафтор мусоидат мекунад [19, с. 224].

Ақидае роиҷ аст, ки истифодаи усулҳои интерактивии таълим танҳо барои *«шавқовар»* будани онҳост. Ин ақида ғалат аст, зеро ҳадафи ҳар як дарс гуногун буда, маҳдуд ба танҳо ҳавасмандкунии хонандагон намешавад. Сабаби воқеии интихоби усулҳои фаъол дар самаранокии онҳо ҳамчун воситаи таълим нуҳуфтааст. Усули самаранок он аст, ки бо сарфи камтарини мавод ва вақт, ҳадафҳои таълимии хонандагонро пурра амалӣ созад. Аз ин рӯ, омӯзгор пеш аз интихоби усул, бояд возеҳ муайян намояд, ки чӣ меомӯзонад ва шогирдон чӣ бояд аз худ кунанд (ҳадафи таълимии шумо чист?). Агар ҳадафи шумо азхудкунии системаи донишҳои амиқи муайян бошад, пас усули камтар фаъолро интихоб кардан ба маврид аст. Агар мақсад омӯзонидани малакаю маҳорат бошад (масалан, тавони муошират бо забони хориҷӣ), пас интихоби усули фаъол мувофиқтар хоҳад буд.

Омӯзиши баъзе маҳоратҳо, ба монанди ҳалли масъалаҳои фанни технология (таълими меҳнат), ба воситаи усулҳои интерактивӣ ширинтар мешавад, зеро дар ин роҳ, раванди ҳалли он аз ҷавоби пешниҳодшуда дида, аҳамияти бештаре касб мекунад. Аммо баъд аз он, ки хонанда ҳал кардани мисолҳои математикиро аз худ кард, ба вай барои ба таври инфиродӣ мустақилона фаъолият кардан вақти бештареро бояд ҷудо намуд.

Дар навбати худ, дар усулҳои интерактивӣ низ камбудӣ ҷой дорад: хавфи аз даст додани назорат, шояд таҷҳизот нарасад ва амсоли ин. Сарфаи вақти зиёд барои омода кардани маводҳои тақсимотӣ, ки онҳоро доимо нав ва дигаргун кардан лозим аст. Дар баъзан ҳолатҳо мунокиша ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Дар таълими фаъол хонандагон иштирокчиёни фаъоли машғулиятанд; дар машғулиятҳои ғайрифаъол шахси асосии амалкунанда ва танзимгари машғулият омӯзгор мебошад; дар дарсҳои фаъол омӯзгор ва хонанда баробарҳуқуқанд. Агар усули ғайрифаъол амали авторитариро дар бар гирад, усули фаъол бештар хусусияти демократиро дорост.

Дар раванди омӯзиши замони муосир истифодаи маводҳои дидактикӣ-воситаҳои аудио-визуалӣ, компютер, наворҳои видеоӣ, слайдҳо, тахтаи электронӣ, маводҳои тақсимотӣ, роҳҳои баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодӣ, супоришҳои кор дар гурӯҳҳои хурд, корҳои дунафара дар таълими муосир ва дигар воситаи дидактикӣ барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати хонандагон муфид ва самарабаш мебошад.

Муҳимтарин талабот барои ташкили чунин раванди таълим ин фароҳам овардани имконият барои хонандагон аст, то онҳо тавонанд аз усулҳои гуногуни зеҳнӣ барои ба даст овардани дониш ва малака дар соҳаҳои гуногун истифода баранд.

Методҳои фаъол ва интерактивӣ фаъолияти мураттаби дарккунӣ ва мустақилияти хонандаро дар бар мегиранд. Методи фаъол медели фарогири супоришҳои эҷодӣ ва муошироти ҳатмии хонанда-омӯзгор мебошад. Норасоии ин модел он аст, ки хонанда ҳамчун субъекти таълим, танҳо барои худ меомӯзад ва комилан бо дигар аъзои раванди таълим ҳамкорӣ намекунад, ба ғайр аз омӯзгор. Ҳамчунин, ин метод яксамта аст.

Ҳадафи модели интерактивӣ ташкили муҳити фароҳами омӯзиш аст, ки ҳамаи хонандагон фаъолона байни худ муошират мекунад. Истифодаи чунин модели таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳо аз фаъолияти инноватсионӣ дарак медиҳад. Ташкили таълими интерактивӣ моделсозии ҳолатҳои ҳаётӣ, истифодаи бозиҳои нақшавӣ, ҳалли умумии масъалаҳо дар асоси таҳлили вазъият ва ҳолат, воридсозии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар шуурро, ки боиси фаъолгардии он мегардад, дар бар мегирад.

**Технологияҳои интерактивӣ таълим.** Технологияҳои интерактивӣ таълим дар муносибати субъективӣ-объективӣ нисбат ба системаи

омӯхташаванда қарор мегиранд ва давра ба давра унсурҳои худмухтори онҳо фаъол мегарданд.

**Таснифи ҷанбаҳо:**

–асоси фалсафӣ: гуманистӣ, табиатпарастӣ;

–муносибати методологӣ: коммуникативӣ;

–омилҳои пешбарандаи рушди: сотсиогенӣ;

–намудҳои идораи раванди таълимӣ-тарбиявӣ;

–шаклҳои идораи раванди таълимӣ-тарбиявӣ;

**Ҳамдигаромӯзонӣ:**

–методҳои бартаридошта: диалогӣ;

–шаклҳои ташкилӣ: дилхоҳ;

Муносибат ба кӯдак ва хислати мусоидат дар тарбия: интерактивӣ, демократӣ, ҳамкорӣ.

**Самти мақсадҳо:**

–фаъолияти инфиродии равандҳои зеҳнии хонанда;

–ангезиши гуфтугӯи дохили (монологи)-и хонанда;

–таъмини фаҳмиши иттилоот, ки предмети мубодила мебошад;

–фардикунонии мусоидати педагогӣ;

–хулосаи хонанда ба мавқеи субъекти таълим;

–ба даст овардани робитаи мутақобил зимни табодули иттилоот миёни хонандагон.

Худи вазифаи умумии омӯзгор дар технологияи интерактивӣ фасалитатсия (дасгирӣ, сабуксозӣ) буда, ба самт ва кӯмак дар раванди табодули иттилоот равона шуда аст:

–ошкорсозии гуногунандешӣ;

–рӯ овардан ба таҷрибаи инфиродии иштирокчиён:

–дастгирии фаъолии иштирокчиён;

–пайванди назария ва амалия;

–ғанигардонии таҷрибаи иштирокчиён;

–сабуксозии идрок, азхудкунӣ, ҳамдигарфаҳмии иштирокчиён;

–дастгирии эҷодкории иштирокчиён.

**Мавқеъҳои консептуалӣ:**

–итилоот бояд на дар низоми фаъол аз худ карда шавад бо истифодаи ҳолатҳои проблемавӣ, давраҳои интерактивӣ;

–муоширати интерактивӣ барои рушди зеҳнӣ мусоидат мекунад;

–зимни робитаи мутақобилаи *«фиристонанда»* ва *«қабулкунанда»*-и иттилоот нақшҳои коммуникативиро иваз мекунанд;

–робитаи мутақобила барои баландбардории самаранокии табодулии иттилоот мусоидат мекунад (таълимӣ, тарбиявӣ, идоракунӣ);

–арзёбии дониш бояд маҳорати қабули дониши азхудкардаи амалро ба инобат гирад.

**Махсусиятҳои ташкил.** Технологияҳои интерактивӣ ба ҳамкории мустақими хонанда ба муҳити атроф асос ёфтаанд. Муҳити таълимӣ ҳамчун воқеияте, ки дар он хонанда барои худ ҷанбаи таҷрибавиро пайдо мекунад. Таҷрибаи хонанда ин фаъолгари марказии маърифати таълимӣ мебошад.

Дар таълимоти анъанавӣ омӯзгор нақши *«ягона»-ро* иҷро мекунад, ки тавассути худ иттилооти таълимиро мегузаронад. Дар интерактивӣ бошад, ёвар нақши фаъолгардонии кори ҷараёни иттилоотиро иҷро мекунад.

Ба норасоиҳои нақши ташкилкунанда фаъолияти зиёди омӯзгор дар вақти омодасозӣ, мушкилоти банақшагирии дақиқи натиҷаҳо дохил мешаванд.

Манбаи монеасозӣ дар низоми интерактивӣ метавонад гуногунӣ дар қабул, бо сабаби он, ки маъно дар раванди рамзкунонӣ ва рамзкушоии иттилоот тағйир меёбад, шуда метавонад.

**Технологияҳои интерактивӣ ва методҳо**. Бо баъзе технологияҳои интерактивӣ ва методҳо, ки ба воситаи онҳо модели интерактивии таълимро дар доираи дарс ворид намудан имкон дорад, шинос мешавем:

– кор дар гурӯҳҳои хурд – дар ҷуфтҳо, сегонаи ҷойивазкунанда, ду нафара,
– чорнафара, якҷоя;
– методи гурӯҳбандӣ;

- лексия бо муҳтавои проблемавӣ;
- суҳбати эвристикӣ;
- дарсҳои семинарӣ (дар шакли мубоҳисаҳо, мунозираҳо);
- конференсияҳо;
- бозиҳои амалӣ;
- истифодаи воситаҳои мультимедиавӣ (синфхонаҳои компютерӣ);
- технологияи ҳамкориҳои арзишманд;
- технологияи моделсозӣ ё методи лоиҳасозӣ (амиқтараш ҳамчун фаъолияти берун аз дарс).

**Мақсади асосии омӯзиши интерактивӣ.** Дар қонунгузорӣ ҳамчун яке аз усулҳои бунёди раванди омӯзиш зикр шудааст. Ин банди қонун аз нав баррасӣ намудани муҳтавои омӯзиш, махсусан эътирофи табиати эҷодии ҳар кӯдакро талаб мекунад. Дар қонун мавҷуд будани фаъолии дохилӣ боис мегардад, ки аз азхудкунии ҳаҷми донишҳои мушаххас ҳамчун ҳадафи асосии раванди омӯзиш даст кашем. Ҳадафи асосӣ – рушди маҷмуии шахсияти хонанда мебошад. Восита барои рушди шахсият, ки таъминкунанда маҳоратҳои ботинианд, фаоълияти маърифатӣ ва андешамандӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор дар рафти дарс таъминсозии чунин фаъолиятест, ки ба технологияҳои интерактивии муосир мусоидат мекунанд. Дар ин ҳолат хонанда худаш роҳ ба дарккуниро мекушояд. Ба даст овардани дониш натиҷаи фаъолияти ӯ мебошад.

Хонандагони мо дар иҷрои супоришҳое, ки истифодаи усулҳои таҳқиқотии мушоҳида, гурӯҳбандӣ, муқоиса, пешниҳоди фарзия ва хулоса, банақшагирии таҷриба, ки ба таҳлили маълумот ва гузаронидани таҳқиқот вобастагӣ доранд, таҷрибаи кофӣ надоранд.

Дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) на танҳо дониш, малака ва маҳорати фаннӣ, балки салоҳиятҳои фанниву умумитаълимиро бояд ташаккул дод. Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот муваффақ гарданд: ба мисли қобилиятҳои

худфаъолиятӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ; таълими рушди фардӣ дар самтҳои асосии рушди шахсият.

Дар замони муосир сифати таҳсилот ҳамчун сатҳи рушди малакаҳои мушаххаси умумитаълимӣ (байнифаннӣ), ки ба худмуайякунӣ ва худфаъолиятии шахсият вобастаанд, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат дониш на «барои захира», балки дар муҳтавои қолаби фаъолияти оянда ва вазъияти ҳаётӣ азхуд карда мешавад.

Дар замони муосир ҳама гуна ахбор ба зудӣ куҳна мешавад. Айни замон на худи дониш, балки чӣ тавр ва дар куҷо истифода бурдани он аҳамият дорад.

Яке аз малакаҳои муҳим *«тарзи дарёфти ахбор таҳлили маълумот ва таҳияи ахбори нав»* мебошад. Ҳамаи ин натиҷаи фаъолият мебошад. Фаъолият ҳалли масъала аст. Ҳамин тариқ, барои тағйир додани муносибати таълим ба азхудкунии маълумот (натиҷа - дониш), ба ташаккули салоҳиятҳо (натиҷа - қобилият), мо бояд хусусияти раванди таълим ва тарзи фаъолияти хонандагонро тағйир диҳед. Аз ин лиҳоз, зарурати татбиқи усули фаъоли таълим ба миён меояд.

**Таълими фаъол** – тарзи ташкили раванди таълимест, ки маҳаки асосии онро фаъолияти ҳаматарафа, фаъолгардонӣ ва иҷрои мустақилонаи амалҳои маърифатии хонанда ташкил медиҳад.

Татбиқи технологияи таълими фаъол дар асоси принсипҳои дидактикии зерин ба роҳ монда мешавад:

–принсипи фаъолият дониш ба хонанда интиқол ёфта, ӯ тавассути ин дониш мустақилона кореро анҷом медихад;

–фаъолияти самарабахши хонанда;

–фаъолият – кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои кор, кӯшиш ва ҷиддияти хонанда дар иҷрои фаъолият;

–донишро мустақилона ба даст овардани хонанда.

Ҳамзамон, хонанда муҳтаво ва шакли фаъолияти таълимро дарк карда, тартиб ва қоидаҳои онро мефаҳмад ва барои такмил додани онҳо фаъолона

кӯшиш мекунад. Ин ба ташаккули қобилиятҳои умумифарҳангиву фаъолнокӣ ва малакаҳои умумитаълимӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи принсипи мазкур ба хонанда тарзу усули дарёфтан, коркард ва истифодаи ахбор (факту рақамҳо, донишҳо) омӯзонда мешавад. Ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки тартибу усул (стратегияҳо)-ро барои минбаъд мустақилона азхуд кардани донишҳои нав истифода баранд.

**Принсипҳои таълими фаъол**.

***Принсипи муттасилӣ*** – алоқамандии байни ҳамаи зинаҳо ва марҳалаҳои таълим дар сатҳи технологияҳои таълим, мундарича ва усулҳо бо дарназардошти хусусиятҳои рушди синни кӯдакон мебошад.

***Принсипи яклухтӣ (томӣ)*** – ташаккули нуктаи назари яклухти хонандагон оид ба олам (табиат, ҷамъият, худи шахс, олами фарҳангиву иҷтимоӣ, фаъолият, нақш ва мақоми ҳар як соҳаи илм дар системаи илмӣ) аз шумор меояд.

***Принсипи фарогирии минималӣ ва максималӣ*** – муассиса ба хонанда имконияти азхудкунии мундариҷаи таълимро дар сатҳи максималии ӯ (минтақаи наздиктарии рӯшди гурӯҳи синну солӣ) фароҳам оварда, ҳамзамон сатҳи азхудкунии минимуми бехатарии иҷтимоиро (стандартҳои давлатӣ) таъмин менамояд.

***Принсипи мувофиқати равонӣ*** – аз байн бурдани тамоми омилҳои фишороваре, ки раванди таълимро халалдор месозанд. Ташкил намудани фазои хайрхоҳ дар мактаб ва дарсҳо, ки татбиқи педагогикаи ҳамкорӣ ва ташаккули моширати муколамавиро тақозо мекунад.

***Усули вариантҳо (гуногунӣ)*** – ба хонандагон шароит фароҳам меорад, ки малакаҳои таҳлили муназзами алтернативаҳо ва қабули қарорҳои асоснок дар вазъиятҳои интихобро инкишоф диҳанд.

***Принсипи эҷодкорӣ*** – дар раванди таълим диққати асосӣ ба малакаи эҷодкорӣ ва соҳиби таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ шудани хонанда равона карда мешавад. Яъне, раванди таълим тарзе ба роҳ монда мешавад, ки эҷод ва ҳосил кардани таҷриба маҳаки асосӣ ҳисоб мешавад.

Татбиқи технологияҳои инноватсионии таълими фаъол ва интерактивӣ дар дарсҳои технология (таълими мнҳнат) ба таълими самараноки хонандагон мусоидат мекунад, зеро ин самаранокиро таҳлили натиҷаҳои озмоиши стандартҳо ва муносибати салоҳиятнокӣ баръало собит сохтааст, ки дар сурати истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим хонандагон малакаҳои асосии умумитаълимро аз худ мекунанд ва ин имконият медиҳад, ки онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот таҳсилро бомуваффақият идома диҳанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим, махсусан методҳои фаъол ва ҳамкорӣ дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки раванди таълим самаранок ва мақсаднок ташкил карда шавад, барои ҳар як хонанда шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дар ин ҳолат, хонанда ба раванди *«омӯзиш»*-и донишҳои нав ворид мешавад ва имкони машғул шудан ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва эҷодиро пайдо мекунад.

## 2.2 Асосҳои омӯзиши таълими проблемавӣ ва истифодаи он дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)

Дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ барои ташаккули шахсияти эҷодкор дар байни хонандагон таълими проблемавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна вазифаи муҳимтарин ба шумор меравад. Дар миёни предметҳои мактаби миёна, ки дар раванди инкишофи хислатҳои эҷодии инсон нақши муҳим мебозанд, технология (омӯзиши меҳнат) мавқеи хоса дорад. Сабаб дар он аст, ки фаъолияти таълимию маърифатӣ дар фанни номбурда ба хонанда аз ҷиҳати зеҳнӣ, равонӣ, эмотсионалӣ ва физиологӣ таъсир мерасонад. Мунтазам дар назди хонанда гузоштани вазъиятҳои проблемавӣ ба он оварда мерасонад, ки ӯ аз мушкилот канорагирӣ намекунад, балки барои ҳалли онҳо саъй мекунад, бинобар ин, мо бо шахси эҷодкоре сару кор дорем, ки ҳамеша ба ҷустуҷӯ қодир аст. Ва ба шарофати ин, ки хонанда ба ҳаёт ворид мешавад, аз таъсироти беруна бештар

муҳофизат карда мешавад.

Аҳамияти мавзуъ дар он аст, ки омӯзиши мушкилот як шахсияти муташаккили эҷодкорро ташаккул медиҳад, ки ба ёфтани роҳи ҳалли мушкилот дар вазъиятҳои гуногун, ба низом даровардан ва ҷамъоварии дониш, қобилияти баланди худбаҳодиҳӣ, рушди худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ қодир аст.

Назарияи таълими проблемавӣ дар корҳои олимони педагог М.И. Махмутов [111, С. 68-73], Ю.К. Бабанский [40, С. 300], Т.В. Кудрявсев [97, С. 304], И.Я. Лернер [105, С. 283], Дж. Брунер [65, С. 147] инъикоси худро ёфта, таҳлилу баррасӣ шудааст.

И.Я. Лернер дар таҳқиқоти худ чунин овардааст: *«Асосҳои назариявии истифодаи таълими проблемавиро дар дарсҳои технология ва моҳияти таълими проблемавиро дар он мебинад, ки хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор дар ҳалли масъалаҳои нави маърифатию амаӣ иштирок мекунанд»* [105, С. 283].

Педагог Т.В. Кудрявсев низ бо таълими проблемавӣ таваҷҷуҳ кард чунин навиштааст: *«Моҳияти раванди проблемавиро дар пешниҳод намудани масъалаҳои дидактикӣ, дар ҳалли онҳо ва аз худ намудани донишҳои умумӣ ва принсипҳои ҳалли масъалаҳои проблемавӣ аз тарафи хонандагон мебинад»* [96, С. 135]. Дар байни усулҳои таълим суҳбати эвристикӣ, пешниҳоди мушкилот, равиши дедуктивӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Назарияи муосири таълими проблемавӣ, ки аз ҷониби М.И. Махмутов пешниҳод шудааст *«Васеъ истифода бурдани ин усулҳоро тавсия карда, таълими проблемавиро ҳамчун системаи дидактикӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст»* [111, С. 68-73].

М.И. Махмутов ҳамчунин овардааст: *«Таърифи умумитарини таълими проблемавиро бар хилофи муаллифони дигар мураттаб кардааст: таълими проблемавӣ як навъи таълими рушддиҳанда мебошад, ки фаъолияти мунтазами ҷустуҷӯи мустақилонаи хонандагонро (худи хонандагон роҳҳои халосиро аз мушкилот меҷӯянд) бо азхуд намудани хулосаҳои тайёри илмӣ ва*

*усулҳои системавӣ бо дарназардошти мақсадгузорӣ ва принсипи проблемавӣ ташаккул медиҳад; раванди таъсири мутақобилаи таълим ва тарбия ба ташаккули мустақилияти маърифатӣ, устувории таълим ва ангезаҳои равонии хонандагон, аз ҷумла қобилияти эҷодӣ дар ҷараёни азхудкунии мафҳумҳои илмӣ ва усулҳои фаъолият, ки бо системаи ҳолатҳои проблемавӣ муайян карда мешавад, нигаронида шудааст»* [111, С. 68-73].

Ҳамчунин, М.И. Махмутов чунин мешуморид, ки *«Истифодаи ҳолатҳои проблемавӣ ва вазифаҳои техникӣ дар таълими проблемавӣ имкон медиҳад, ки системаи донишу малака, усулҳои фаъолияти фикрӣ ва амалӣ беҳтар аз худ карда шаванд; малакаи истифодаи эҷодкоронаи дониш ва малакаи гирифташуда, усулҳои кор, фаъолият, мустакилӣ ва қобилияти эҷодии хонандагон, тафаккури диалектикӣ-материалистии хонандагон ташаккул ёбанд»* [111, С. 68-73].

Ба шарофати истифодаи таълими проблемавӣ, ба андешаи М.И. Махмутов *«Таваҷҷуҳи хонандагон ба фан зиёд шуда, ҳолати эмотсионалӣ ва муносибати хонандагон ба таълим ба самти беҳтар тағйир меёбад. Омӯзиши проблемавӣ барои рушди фаъолият ва мустақилияти хонандагон заминаи хуб фароҳам меорад»* [111, С. 68-73].

Муҳақиқ И.Я. Лернер чунин андеша дорад: *«Мақсади таълими проблемавӣ ташаккул додани услуби махсуси фаъолияти фикрӣ, таҳқиқотӣ ва мустақилияти хонанда мебошад»* [105, С. 283].

М.И. Махмутов бар он ақида аст, ки *«Мақсади омӯзиши проблемавӣ азхудкунии на танҳо натиҷаҳои дониши илмӣ, балки худи роҳ, ҷараёни ба даст овардани ин натиҷаҳо мебошад. Инчунин ташаккул ва рушди ҷанбаҳои зеҳнӣ, ҳавасмандӣ, эмотсионалии хонанда, рушди қобилиятҳои фардии ӯро дар бар мегирад, яъне дар таълими проблемавӣ ба рушди ҳамаҷонибаи хонанда аҳамият дода мешавад, на ба хонандагон интиқол додани хулосаҳои тайёри илмӣ»* [111, С. 68-73].

Хусусияти таълими проблемавӣ дар он аст, ки ба гуфтаи М.И. Махмутов *«Хонанда кӯшиш менамояд, ки аз маълумоти психология дар бораи робитаи*

*зичи байни равандҳои таълим, шинохтан, таҳқиқ ва тафаккур бештар истифода барад. Аз ин нуқтаи назар, раванди таълим бояд раванди тафаккури самаранокро амалӣ созад, ки унсури марказии он имкони кашфиёт мебошад»* [111, С. 68-73].

М.А. Данилов таъкид мекунад, ки *«Омӯзиши проблемавӣ шакли ташкили ҷараёни таълим аст, ки дар он устод вазъиятҳои душворро ба вуҷуд меорад ва хонандагон мустақилона барои рафъи онҳо талош мекунанд. Дар натиҷа, дониш, малака ва маҳорати касбӣ азхуд карда шуда, потенсиали эҷодии онҳо инкишоф меёбад. Ба андешаи ӯ, таълими проблемавӣ:*

*–ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи мафҳумҳо ва усулҳои нави амал аз ҷониби хонандагон нигаронида шудааст;*

*–пешниҳоди пайгирона ва мақсадноки масъалаҳои маърифатиро ба хонандагон пешбинӣ менамояд, ки ҳалли онҳо (таҳти роҳбарии омӯзгор) боиси азхудкунии фаъоли донишҳои нав мегардад;*

*–тарзи махсуси тафаккур ва нерӯи дониш эҷодкорона дар амал татбиқ намудани масълаҳои маърифатиро таъмин менамояд»* [81, С. 3-23].

К.Д. Ушинский собит намуд, ки *«Дар раванди таълими мушкилотдор омӯзгор маълумоти омодаро пешниҳод намекунад, балки хонандагонро ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи онҳо равона месозад. Дар ҷараёни ин ҷустуҷӯ мафҳумҳо, моделҳо, назарияҳо ва малакаҳои мушоҳида, таҳлили маълумот ва фаъолияти зеҳнӣ азхуд карда мешаванд. Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишро тавассути таҷриба ва кашфиёт ба даст оранд, на ин ки онро танҳо аз омӯзгор қабул кунанд. Таълими проблемавӣ хонандагонро ташвиқ мекунад, ки фаъолона дар раванди таълим иштирок кунанд ва малакаҳои ҳалли мушкилотро инкишоф диҳанд»* [146, С. 208].

Ҷузъҳои зарурии таълими проблемавӣ мафҳумҳои зерин мебошанд: *«мушкилот»*, *«вазъияти мушкилот»*, *«фарзия»*, *«озмоиш»*.

Таълими проблемавӣ воситаи самараноки рушди ҳамаҷонибаи хонандагон мебошад. Онро на аз он сабаб *«проблемавӣ»* меноманд, ки

хонандагон тамоми маводи таълимиро танҳо бо роҳи ҳалли мустақилона ва «кашф» намудани донишҳои нав меомӯзанд. Дар ин ҷо фаъолияти самараноки хонандагон ва гузоштани вазифаҳо, иҷрои машқҳо амри ҳастӣ мебошад. Дар ташкили раванди таълим принсипи проблемагузорӣ ба роҳ монда шуда, ҳалли муназзами масъалаҳои таълимӣ хусусияти хоси ин навъи таълим мебошад. Азбаски таълими проблемавӣ ба рушди ҳамаҷонибаи хонанда, қобилиятҳои инфиродии ӯ нигаронида шудааст, таълими проблемавӣ таълими воқеан рушддиҳанда мебошад.

Таълими проблемавӣ як навъи омӯзиши рушддиҳанда мебошад, ки фаъолияти мунтазами ҷустуҷӯи мустақилонаи хонандагонро бо азхудкунии хулосаҳои тайёри илмӣ муттаҳид мекунад ва низоми таълими проблемавӣ бо дарназардошти ҳадафгузорӣ ва принсипи проблемагузорӣ бунёд шудааст. Раванди муоширати байни омӯзгор ва хонандагон ба рушди фардияти хонанда ва иҷтимоишавии шахсияти ӯ нигаронида шудааст.

Мафҳумҳои асосии таълими проблемавӣ *«вазъияти проблемавӣ»* ва *«мушкилоти таълимӣ»* мебошанд.

1. Мураттабсозии пешакии вазифаи ихтироъкорӣ. Тавсифи вазъияти проблемавӣ одатан ҷавоб ба саволҳои зеринро дар бар мегирад. Мақсади асосии ҳалли масъала чист. Барои ноил шудан ба ҳадаф чӣ халал мерасонад. Барои рафъи душворӣ омили халалдоркунанда чӣ аст. Ҳалли масъала барои инсон ва ҷамъият чӣ медиҳад. Аҳамияташ дар чӣ аст. Вазъияти проблемавӣ ҷузъи ибтидоии таҳияи вазифаи ихтироъкорӣ мебошад.

2. Агар ҳангоми ба миён гузоштани проблема (ба маънои васеъ) роҳи ҳалли он ва воситаҳои барои ин зарурӣ маълум бошад ва он танҳо барои амалӣ намудани ҳалли он гузошта шавад, пас танҳо як проблемаи хурд вуҷуд дорад. Агар дар вақти гузоштани проблема роҳи ҳалли он номаълум бошад, он гоҳ дар ҳалли вазъияти проблемавӣ мушкилот ба вуҷуд меояд. Вазъияти проблемавӣ ин дарк намудани он аст, ки ҳангоми иҷрои вазифаи амалӣ ё назариявӣ проблема ба вуҷуд меояд ва дониши қаблан гирифташуда дар ҳалли он кифоя нест. Дар фаъолияти мақсадноки таълим ба вуҷуд омадани

талаботи субъективӣ ба донишҳои нави хонандагон амалӣ мегардад.

Сохтори психологии вазъияти проблемавӣ ҷузъиёти зеринро дар бар мегирад:

–эҳтиёҷоти маърифатие, ки шахсро ба фаъолияти зеҳнӣ водор мекунад;

–дониш ё тарзи амали номаълуми дастрас;

–қобилиятҳои зеҳнии шахс, аз ҷумла қобилиятҳои эҷодӣ ва таҷрибаи қаблии ӯ.

Вазъияти проблемавӣ ҳолати мушкилоти зеҳниро дорад, ки дар он шахс зарурати баромадан аз душвории ба миёномада ва ҳалли онро эҳсос мекунад.

Психолог ва педагогӣ рус С.Л. Рубинштейн чунин овардааст: *«Вазъияти проблемавӣ ин ҳолатест, ки шахсро дар шароите мегузорад, ки зарурати интихоб ва қабули қарорҳоро тақозо мекунад: «оғози тафаккур» дар вазъияти проблемавӣ қарор дорад. Ба ҳамин тариқ, ҳолати мушкилотӣ ҳамчун яке аз усулҳои муҳимтарини тақвияти амалияи таълимии хонандагон ба шумор меравад»* [127, С. 217].

Ҳолатҳои мушкилот чӣ гуна ба вуҷуд меоянд? Қоидаи умумӣ: зиддиятҳо дар иттилоот, усулҳои амал ошкор мешаванд; робитаҳои сабабӣ муайян карда мешаванд. Як қатор зиддиятҳоро номбар мекунем: далел ва зарурати шарҳ додани он мавҷуд аст; зиддиятҳои байни муаррифии шахсӣ ва шарҳи илмии далелҳо; зиддиятҳое, ки бо зарурати татбиқи дониш дар шароити мушаххас алоқамананданд; зиддиятҳое, ки бо маълумоти маҳдуди ибтидоӣ алоқамананданд.

Ҳамчунин, ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои проблемавӣ принсипҳои таълими проблемавиро донистан лозим аст.

Принсип аз тарҷумаи лотини гирифта шуда, маънои *«асос»*, *«ибтидо»*-ро дорад. Принсип як дастурест, ки чӣ гуна амал кардан ва барои ноил шудан ба ҳадафҳоро нишон медиҳад. Он донишро дар бораи қонуниятҳо ва ихтилофоти ҷараёни педагогӣ, талабот ва қоидаҳои татбиқи онҳоро дар шароитҳои гуногун дар бар мегирад.

Принсип, дастоварди илм дар шинохти фаъолияти пурпечутоби

омӯзгорӣ буда, роҳнамоест дар ташкили раванди таълим, ки чӣ гуна ҳадафҳои ба ҳам пайвастаи таълим, тарбия ва инкишофро бо маром ба нишон расонем, кадом ганҷинаи донишро барои расидан ба ин мақсадҳо аз байн бигирем ва бо кадом шеваву усулҳои нотакрори таълиму тарбия дилҳои шогирдонро тасхир созем.

Принсипҳо ба мазмуни дидактика ягонагӣ мебахшанд: онҳо имкон медиҳанд, ки бисёр дараҷаҳо ва қонунҳо ба низоми ягона табдил дода шаванд ва тамоми ҷанба ва вазифаҳои асосии раванди таълимро фаро гиранд. Дар дидактикаи анъанавӣ принсипҳое, ки фаъолияти омӯзгорро ба рушди хонанда – рушди нерӯи зеҳнии ӯ, ҳавасмадсозӣ ва дигар ҷузъҳо роҳнамун созанд, аслан вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, бояд принсипҳои нисбатан нав – проблемавӣ ва ҳавасмандкунандаро баррасӣ кард.

Дар системаҳои дидактикӣ принсипи проблемавӣ торафт бештар ба назар мерасад. Сабаб: тадриҷан рӯй овардани муассисаи таълимӣ ба сӯйи ҳалли собитқадамонаи масъалаи рушди ҳаматарафаи хонанда. Дар амалияи таълим вобастагии мушаххас ба миён омадааст: агар хонандагон бо зарурати ҳалли масъалаҳои таълимӣ рӯ ба рӯ шаванд, пас дар ҷараёни ҳалли онҳо дар онҳо сифатҳои зиёде ташаккул мeёбанд, ки шахсияти ташаккулёфта ва шахсияти эҷодкорро тавсиф мекунанд (дараҷаи баланди рушди зеҳнӣ ва ҳавасмандӣ, ташаббус, мустақилият, танқид). Ҷавоб ба саволи чӣ тавр ташкил кардани раванди таълим, чӣ гуна ба амал баровардани он на танҳо азхудкунии дониш, балки ташаккули инфиродӣ ва шахсиятро принсипи проблемавӣ пешниҳод мекунад [7-М].

Принсипи проблемавӣ ба ҳалли ихтилофоти зерин мусоидат мекунад:

– байни сатҳи мавҷудаи таълим, тарбия ва рушди хонандагон, ки ба онҳо эҳтиёҷ доранд;
– байни сатҳи имрӯзаи рушди зеҳнӣ (ҳавасмандӣ) ва дараҷаи рушди наздиктарини он.

Барои татбиқи қонуниятҳои рушд ва ҳалли ихтилофоти мавҷуда ба омӯзгор талаботи зерини принсипи проблемавӣ кӯмак мерасонад:

- муайян ва ба назар гирифтани дарачаҳои рушди муҳити зеҳнии хонандагон;
- раванди таълимию маърифатӣ, ки ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, маҳорати маърифатӣ ва дигар ҷузъҳои зеҳнии хонандагон нигаронида мешавад;
- ба як низом даровардани ҳамкории омӯзгор ва хонанда мувофиқи мантиқи таълими проблемавӣ;
- самаранокии таъсири педагогиро ба рушди зеҳнӣ мунтазам таҳлил кардан.

Гуфтан мумкин аст, ки ин талабот самтҳои асосии фаъолияти омӯзгор ва саъю кӯшиши ӯро барои ташкили таълими проблемавӣ инъикос менамояд. Шароити татбиқи принсип, пеш аз ҳама, ба самаранокии фаъолияти омӯзгор ва дуюм, ба муваффақияти фаъолияти хонандагон мусоидат карда метавонад. Принсипи навбатии зарурӣ ин принсипи ҳавасмандкунӣ мебошад.

Ҳавасмандсозӣ дар ҳамаи навъҳои фаъолият мавҷуд аст, дар ҷанбаи педагогӣ на танҳо сатҳи мавҷудаи рушди ҳавасмандии хонандагон, балки масъалаи рушди онҳоро низ ҳал кардан лозим аст.

Принсипе, ки фаъолияти омӯзгорро дар ин самт танзим мекунад, принсипи ҳавасмандгардонӣ мебошад. Вай омӯзгорро на танҳо ба он равона мекунад, ки чиро ташаккул додан лозим аст ва барои ин чӣ бояд кард, инчунин ба он равона мекунад, ки чӣ тавр ба натиҷаи дуруст ноил гардад ва чӣ тавр ба омӯзиши фаъолона ҳавасманд карда метавонад.

Принсипи ҳавасмандсозӣ ба қонунҳои ягонагии маърифат ва фаъолияти арзёбӣ (ягонагии дониш ва муносибат), фаъолияти субъект дар раванди инъикос ва тағйир додани объект мувофиқат мекунад. Ин муқаррароти умумиро дар раванди педагогӣ бояд ба назар гирифт: муносибати хонандагон ба дониш, маҳорат, меҳнат ва дигар арзишҳо на танҳо дар раванд ва дар асоси дониш, балки дар баробари талабот ва мақсадҳои инсон ва ҷомеа ташаккул меёбад.

Моҳияти методологияи таълими мушкилот дар он аст, ки омӯзгор

вазифаҳоро мустақилона таҳия мекунад ё манбаъҳои дигарро барои пешниҳоди онҳо ба хонандагон истифода мебарад. Хонандагон, дар навбати худ, роҳҳои ҳалли ин мушкилотро пайдо мекунанд ва қарорҳои худро ба муаллим пешниҳод мекунанд. Вазифаҳои гуногуни мушкилот хусусияти хоси ҷустуҷӯи ҳалли худро доранд. Дар ҳолатҳои душвор ба хонандагон кӯмак расонидан лозим аст, аммо нигоҳ доштани имкониятҳо барои рушди тафаккури эҷодии онҳо муҳим аст. Мушкилот аз мушкилот ба он фарқ мекунад, ки омӯзгор ҳолатҳои гуногунро махсус интихоб мекунад, то хонандагон ҳангоми ҳалли онҳо кӯшиш кунанд, ки онҳоро бартараф кунанд. Омӯзиши анъанавӣ одатан хонандагонро бо системаи дониш таъмин мекунад ва хотираи онҳоро инкишоф медиҳад, аммо ба рушди тафаккур ва малакаҳои фаъолияти мустақилона диққати кам медиҳад. Омӯзиши мушкилот ин камбудиҳоро бо фаъол кардани фаъолияти зеҳнии хонандагон ва ташаккули таваҷҷуҳи маърифатии онҳо бартараф мекунад.

Вобаста ба намуди баёни мушкилот, якчанд ҳолатро ҷудо кардан мумкин аст. Аксари муаллимон ҳангоми шарҳи мавзуи нави таълимӣ аз вазъиятҳои мушкил ва ғайричашмдошт истифода мекунанд, ки ин барои ташкили фаъолияти эҷодӣ ва фикрӣ дар дарс нигаронида шудааст. Дар ҷараёни дарсҳои мушкилотӣ, вақти камтар барои омода кардани вазифаҳои хонагӣ сарф мешавад ва қисми зиёди маводи таълимӣ дар дарс азхуд карда мешавад. Имрӯзҳо фанни технология (таълими меҳнат) дар байни илмҳои табиатшиносӣ мақоми аввалиндараҷаро соҳиб аст. Саҳми фанни технология (таълими меҳнат) дар рушди илм, техника ва ҳаёти рӯзмарраи мардум хеле бузург буда, тамоми соҳаҳои техникаи ҳозиразамон, аз қабили электроника, коркарди дастии чӯб, фулузот, коркарди хӯрока, дӯзандагӣ, қуроқдӯзӣ, сиказанӣ дар рӯйи фулузот дар он омӯхта мешавад. Ҷамъияте, ки ҳар як фарди он аз рӯйдодҳои техникии муосир огоҳ буда, онҳоро дарк мекунад ва дар ҳолати зарурӣ малакаҳои худро ба таври амалӣ истифода мебарад, ҷамъияти мутараққӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, омӯзгори фанни технологияи таълим бояд бо истифода аз

методҳои инноватсионии таълим ба хонандагон ҷанбаҳои асосии коркарди маҳсулотро таълим диҳад, то ки онҳо корҳои амалиро дарк карда, тавсиф ва тафсир карда тавонанд ва инчунин дониши худро дар амал ба таври эҷодкорона татбиқ намоянд.

Омӯзгорони оянда вазифадоранд, ки дорои савияи баланди дониш бошанд ва дар ҷараёни таълим аз методҳои инноватсионӣ ва муосир ба таври фарох истифода баранд, ки яке аз ин усулҳои фаъол методи таълими проблемнок ба ҳисоб меравад.

**Усули проблемавӣ дар таълим** – ин равишест, ки фаъолияти хонандагонро тавре ташкил мекунад, ки онҳо тавассути ҳалли мушкилоти амалӣ ва назариявӣ дониш меомӯзанд. Ин усул дар тӯли таърихи худ аз афкори фалсафии Суқрот то таҳқиқоти муосири илмӣ роҳи тӯлониеро тай кардааст. Гузаштагони мо низ аз ин усул ба таври васеъ истифода мебурданд. Устодон мушкилотро пешниҳод мекарданд ва хонандагон бошанд, кӯшиш мекарданд, ки онҳоро эҷодкорона ҳал намоянд, зеро асоси таълими проблемавӣ азхудкунии дониш тавассути тафаккури дуруст ва эҷодкорона мебошад. Мисоли инро дар тарзи дарсомӯзии Абдураҳмони Ҷомӣ дар асари *«Панҷгонаи мутаҳайир»* метавон мушоҳида кард.

Омӯзиши проблемавӣ ба амалиётҳои зерин асос карда мешавад:

– ба вуҷуд овардани ваъзияти проблемавӣ аз тарафи омӯзгор;
– таҳияи проблема ва ҳалли он;
– мустаҳкамкунии дониши қабул карда.

Таълими мушкилотӣ усули ташкили дарс аст, ки дар он муаллим бо иштироки хонандагон вазъияти баҳснокро эҷод мекунад. Вазъияти баҳснок ҳолатест, ки номувофиқатии донишҳои ҷамъшуда, малакаҳо, муносибатҳо ва ниёзҳои мавҷударо инъикос мекунад.

Мушкилоти вазъият аз масъалаи мубрам сарчашма мегирад. Масъалаи мубрам дорои хусусияти эҷодӣ буда, аз хонандагон малакаҳои эҷодиро талаб мекунад. Баръакси масъалаи оддӣ, масъалаи мубрам на танҳо дар асоси қисматҳои маълуми шарт, ёфтани қимати номаълумро дар назар дорад, балки

муқаррар намудани робитаҳои сабаб ва натиҷа, муайян кардани давомнокии омилҳо, ошкор сохтани дараҷаи таъсири ҳодиса, таҳияи роҳҳои гуногуни ҳал ва ғайраро низ фаро мегирад.

Дар ҷараёни дарс хонандагон барои рафъи мушкилот мустақилона кӯшиш ба харҷ дода, ҳар кадоме нуқтаи назари худро иброз медоранд. Дар охири дарс омӯзгор андешаҳои хонандагонро ҷамъбаст карда, мазмуни дарсро барои онҳо шарҳ медиҳад. Дар натиҷа, сатҳи дониш, малака ва маҳорати эҷодии хонандагон афзоиш ёфта, қобилияти ақлонии онҳо тавсеа меёбад.

Намудҳои фаъолият, ки дар он хонандагон нақши калидиро мебозанд, бояд аз ҷониби худи онҳо ба таври мустақил анҷом дода шаванд. Ҳолати мушкилотдор бештар дар қисматҳои омӯзиши мавзуи нав ва таҳкими он ташкил карда мешавад, аммо татбиқи он дар дигар бахшҳои дарс низ метавонад боиси ҷолибияти дарс гардад.

Бо назардошти фарогирии густурдаи фанни технология (таълими меҳнат), имкониятҳои фароҳам овардани вазъиятҳои проблемавӣ дар атрофи ҳар як мавзуъ хеле зиёд аст ва ин бевосита ба малакаи омӯзгор вобаста аст. Мисолҳо иборатанд аз татбиқи масъалаҳои дорои хусусияти амалӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои нави андозагирии диаметри қубур бо истифода аз штангинсиркул, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, тавзеҳи ҳодисаҳои табиӣ, гузаронидани таҷрибаҳо дар шароити истеҳсолот ва ғайра. Инҳо танҳо намунаҳое аз масъалаҳое мебошанд, ки метавонанд заминаи вазъиятҳои проблемавиро фароҳам оранд.

Масъалаҳои зеҳнӣ дар нашъунамои фаъолияти фикрӣ нақши бағоят муҳим доранд. Шарте баҳри тавсеаи ғановатмандии тафаккури хонандагон ин аст, ки масъаларо чун як мушкил эҳсос намуда, ба таври мустақил ба кашфи роҳи ҳалли он камар banданд. Дар ин ҷода, истифода аз масъалаҳои дорои суоли беасос, маълумоти нокифоя, шарти нопурра, шарти изофӣ, роҳҳалҳои мутааддид, мазмуни гуногун, бедалел ва андешаи мантиқӣ басо муфид хоҳад буд [22-М].

Барои он ки бартариҳои усули проблемавӣ комилан равшан гарданд,

беҳтар аст, ки мо пеш аз ҳама барои ҳар як мавзуи қисмати корҳои амалӣ вазъиятҳои проблемавӣ эҷод намуда, сипас онҳоро дар рафти дарсҳо истифода барем. Барои мисол, тарзи эҷоди вазъияти проблемавиро аз бахши коркарди чӯб пешкаш менамоем, то аҳамияти ин равишро дарк созем:

1. Дар мавзуи *«Кандакорӣ дар чӯб»*, устод баъди ифшои мавзуъ, бо як нигоҳи пур аз илҳом ба шогирдон рӯ меорад ва мепурсад: *«Шумо бо кадом созу абзори кандакорӣ ошно ҳастед?»*. Бешубҳа, садои андешаҳо гуногун садо хоҳад дод. Бархе дар ҷустуҷӯи номи абзорҳо ба тафаккур ғӯтавар мешаванд ва бархе дигар аз навъҳои онҳо ёдоварӣ мекунанд. Табиист, ки хонандагоне ҳам ёфт мешаванд, ки номҳои асбобҳои истифодашавандаро дуруст пешниҳод намекунанд [12-М].

2. Дар асли вожаи *«таҳқиқот»* гузориши умқнок ва ҷустуҷӯи ҳақиқати пинҳон дар паси амалҳо нуҳуфтааст. Таҳқиқот, ба маънои, санҷиши санги маҳорати шахс дар муқоиса, таҳлил ва баррасии далелҳову вазъиятҳоест, ки барои ҷӯяндаи илм аҳамияти вижа доранд. Дар раванди таҳқиқот муносибат ва диди таҳқиқотӣ нақши калидӣ дорад, на танҳо манобеъи истифодашуда. Ҳадафи аслӣ аз таҳқиқот муқоисаи амиқи маълумоти сарчашмаҳо, таҳлили эҷодкорона ва дар ниҳоят, тавлиди хулосаҳои нав ва тоза аст, ки дар он набзи илм метапад.

Фаъолияти таҳқиқотӣ шакли нодири ташкили кор аст, ки дар он хонанда бо вазифаи таҳқиқотӣ рӯ ба рӯ мешавад ва роҳи ҳалли он дар пешаш гузошта нашудааст. Ин навъи фаъолият, ки ба таҷрибаи бевоситаи хонанда такя мекунад, имкон медиҳад, ки таҷрибаи пешинаи ӯ дар ҷараёни кор сайқал ёбад ва ӯро ба қуллаҳои нави дониш расонад.

Амалиёти таҳқиқотӣ қадами ибтидоии таҳқиқоти воқеӣ буда, мақсади асосии он омӯзиши раванди таълим мебошад. Тавре ки Аҳророва Майсара, омӯзгори мактаби миёнаи №56 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, зикр мекунад, дар синфи панҷум барои дарки мафҳуми вожаҳои *«муд»* ва *«модел»* тадқиқот гузаронида шуд. Хонандагон ин вазифаро бомуваффақият иҷро карданд. Онҳо калимаҳои ҳамрешаро муайян намуда, маълумотро дар бораи

пайдоиши ин калимаҳо пешниҳод намуданд, ки ин ба онҳо имкон дод, ки маънои ин калимаҳоро пурра дарк кунанд.

Омӯзгор, инчунин, фанни технология (таълими меҳнат)-ро бо фанни адабиёт пайваст намуда, шогирдонро вазифадор мекунад, ки дар мавзуи *«Мероси халқӣ»* таҳқиқот гузаронанд. Дар натиҷаи ин пажуҳишҳо маълум гардид, ки хонандагон бо урфу одатҳои миллӣ ошно шуда, ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили зардӯзӣ ва чакандӯзӣ, рағбати бештар зоҳир намуданд. Чунин равиш ба рушди омӯзиши фарҳанги миллӣ мусоидат намуда, таваҷҷуҳи хонандагонро ба таври амиқтар омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни мероси миллии худ ҷалб месозад.

Дар замони муосири тараққиёти ҷомеа ба анъанаҳо ва маросимҳои мардумӣ диққати махсус дода мешавад. Ин ҳолат комилан асоснок аст, зеро он бо дарки амиқи ёдгориҳои таърихии мероси халқӣ, ҳифз, густариш ва инкишофи фарҳанги миллӣ робитаи ногусастанӣ дорад [15-М].

Дар хотир доштани анъанаҳо, ойинҳо ва маросимҳои миллии ниёгон барои хонандагон, ин маънои ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба мероси миллиро дорад. Гиромидошти анъана ва ойинҳои миллӣ, ифодаи муҳаббат ва садоқат ба Ватан аст.

Дар мавзуи сиказанӣ дар рӯйи фулузот, ба хонандагон савол медиҳанд, ки фулузот гуфта, шумо чиро мефаҳмед? Хонандагон дар дохили гурӯҳҳои худ ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода, андешаҳо ва назароти худро баён мекунанд. Пас аз муҳокимаи тахминҳои хонандагон дар бораи тавзеҳи мавзуи зангзании металлҳо, ҷавобҳои пешниҳодкардаи онҳо хулосабандӣ мешаванд.

Бо истифода аз вазъиятҳои мушкилӣ дар ҳар як мавзуъ, имкон дорад, ки дарсро ҷолиб ва пур аз эҳсос гузаронид. Вазъиятҳои таълимӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки малакаҳои ҳамкорӣ, кор дар гурӯҳ ва гӯш кардани якдигар, малакаҳои ташкили мубоҳиса ва пешниҳоди далелҳои мушаххас, қобилияти таҳлили воқеаҳо, малакаи муайянкунии робитаҳои сабаб ва натиҷа ва пешгӯии воқеаҳо, қобилияти тафсири мушкилот ва малакаи баровардани

хулосаҳоро инкишоф диҳанд.

Бояд қайд кард, ки ташкил ва гузаронидани дарс бо истифода аз ҳолатҳои мушкилӣ, дар муқоиса бо усули таълими маъмулӣ, кори душвортар, вале натиҷабахштар аст. Барои эҷоди чунин вазъият, омӯзгор бояд пеш аз дарс хуб омода шавад ва ҷараёни дарсро пешакӣ дар назар дошта бошад. Омодагӣ ба дарс вақти зиёдро талаб мекунад, зеро таҳия ва эҷоди вазъияти дарсӣ кори осон нест ва на ҳар омӯзгор аз ӯҳдаи ин кор мебарояд. Омӯзгор ҳангоми эҷоди вазъияти проблемавӣ доимо дар ҷустуҷӯ аст ва дар дарс ҳамчун омӯзгори моҳир ва босалоҳият амал мекунад.

Дарс бо муваффақият ҷараён мегирад ва таваҷҷуҳи хонандагон ба фанни технология (таълими меҳнат) афзоиш меёбад, ки ин боиси инкишофи қобилияти зеҳнии онҳо мегардад. Муаллим аз ҷараёни дарс қаноатманд аст ва нуфузу эътибори ӯ дар назди хонандагон баланд мешавад, дар ин ҳолат гузашти вақт эҳсос намешавад. Ин усул нисбат ба тарзи анъанавии дарс гузаронидан хеле муосир буда, дар он ҳамаи хонандагон фаъолона ширкат меварзанд. Хонанда дар дарс худро озод ҳис мекунад ва фикру андешаҳои худро дар бораи ҳар як мавзуъ бидуни тарс баён менамояд [1-М].

Дар равиши таълими проблемавӣ, хонандагон иттилооти тозаро зимни ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ аз худ мекунанд ва ҳамаи онҳо дар дарс ширкати фаъолона доранд. Аксари суолҳо ва вазифаҳо ба такри кушод пешниҳод мегарданд, ки ин ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногун мусоидат намуда, истифодаи ҷавобҳои мухталифро имконпазир месозад. Дар муқоиса бо усули анъанавии таълим, ки дар он мавод аз ҷониби омӯзгор дар шакли омода пешниҳод мешавад, хонандагон он қадар фаъол нестанд. Омӯзгор дар ин усул бештар ба барномаи таълимӣ аҳамият медиҳад ва дар дарсҳо суолҳо ва вазифаҳои маҳдудро истифода мебарад.

Таълим ва тарбияи насли наврас масъалаи муҳим дар назди кулли кишварҳои соҳибтамаддун ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистони мо ҳам ба ин масъала аз ҷониби роҳбарияти давлат таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва пайваста зоҳир мегардад.

Методҳои таълим тарзҳои фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда буда, барои ҳалли вазифаҳои омӯзиш равона карда шудаанд. Методҳои таълим функсияи ахборӣ, идоракунандагӣ (омӯзгор мефаҳмонад, нишон медиҳад, маслиҳат медиҳад) ва методҳои таҳсилот функсияи ташреҳӣ (хонанда гӯш мекунад, мушоҳида менамояд, мехонад)-ро ба ҷо меоранд. Масалан, маводи таълимро мустаҳкам карда истода, хонанда якҷанд машқи пешниҳодкардаи омӯзгорро иҷро мекунад. Дар айни ҳол, омӯзгор фаъолияти хонандаро таҳлил карда, хатоҳои ӯро аниқ месозад, барои мустаҳкам кардани комёбиҳо машқҳои нав пешниҳод карда, натиҷаҳои корро назорат мекунад. Раванди маърифатии дар хонандагон ба вуҷудоянда аксар вақт аз назари омӯзгор пинҳон мемонад. Дониши равшаншуда рушди тафаккур, тасаввурот ва эҷодиёти хонандаро ба тартиб меоварад.

Методҳо репродуктивӣ (ҳикоякунӣ, машқҳои намунавӣ, аз рӯйи нақша гузаронидани корҳои озмоишӣ) ва аз нав бавуҷудоваранда-эҷодӣ мебошанд. Методи аз нав бавуҷудоваранда-эҷодӣ тақозо мекунад, ки донишҳои мавҷуда дар ҳама ҳолат – дар амалия, фаъолияти эҷодӣ (машқҳои ҳархела, корҳои амаливу эҷодӣ) амалан татбиқ карда шаванд.

Ба сабаби гуногунии методҳо интихоби онҳо хеле душвор мебошад. Методҳои таълим ба таври объективона бо мақсад ва вазифаҳои умумӣ вобаста буда, якҷо бо тағйирёбии шароитҳои ҷамъият дигаргун мешаванд. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ҳангоми интихоби методҳои таълим талаботи мазкурро ба роҳбарӣ гирад. Системаи методҳо ва воситаҳое, ки омӯзгор ба онҳо мурочиат мекунад, дар асоси қонуниятҳои психологии таҳсил муайян карда мешаванд.

Баёни шифоҳии омӯзгор чандин масъалаи дидактикиро ҳал мекунад. Омӯзгор маълумоти заруриро ба хонандагон иттилоъ дода, аввалин ҷараёни донишгирии онҳоро идора мекунад ва дар асоси он нерӯи маърифатии хонандагонро рушд медиҳад. Дар ин метод танҳо вазифаи ахбориро дидан мумкин аст.

Методҳову воситаҳои таълим, инчунин ба хусусиятҳои синнию

инфиродии хонандагон вобаста мебошанд. Дар синфҳои поёнӣ бештар суҳбат, хониши эзоҳӣ истифода шуда, аксаран воситаҳои аёнии табииву суратҳо ба кор бурда мешаванд. Агар дар шакли анъанавии таълим таваҷҷуҳ бештар ба фаъолияти омӯзгор равона гардида бошад, дар консепсияи омӯзиши проблемавӣ он ба ҷониби хонанда равона мешавад. Ғояи асосӣ дар он зоҳир мешавад, ки дониш ба хонанда дар шакли тайёр дода нашуда, балки дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ҷараёни илмӣ-таҳқиқотиро пайравӣ карда, аз ҷониби хонанда аз худ карда мешавад.

Омӯзиши проблемавӣ усули фаъоли баҳамтаъсири хонанда бо мундариҷаи ба таври проблемавӣ пешниҳодгардидаи таълим аст, ки дар ин ҷараён ӯ бо ихтилофҳои воқеии донишҳои илмӣ ва усулҳои ҳалли онҳо омезиш меёбад, фикр кардан, эҷодкорона азхуд кардани донишро меомӯзад. Ба ин тариқ, масъалаи проблемавиро чун ҳодисаи ҷузъӣ, қисми проблема, ки аз як масъала иборат аст, дида баромадан мумкин аст. Ба бартарии комили омӯзиши проблемавӣ бар омӯзиши ғайрипроблемавӣ нигоҳ накарда, омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ пурра проблемавӣ шуда наметавонанд. Маводи бештари мувофиқ барои ба омӯзиши проблемавӣ мутобиқ сохтани мавзуъ оид ба таърихи илм ва техника аст, ки омӯзгор бояд ба инобат бигирад.

Мақсади ниҳоии таълим омӯзонидани хонандагон барои дида тавонистан ва ҳал кардани проблема аст. Ин танҳо дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ имконпазир аст. Фаъолияти фикрии хонандагон табиатан чунин аст, ки онҳо аввал ба ҷараёни фаъолияти маърифатӣ дохил мешаванд.

Омӯзиши проблемавӣ системаи методҳо ва воситаҳои таълимиест, ки асосашро амсиласозии ҷараёни эҷодии воқеӣ аз ҳисоби ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва идоракунии ҷустуҷӯйи ҳалли проблема ташкил медиҳад. Дар ин маврид, азхудкунии донишҳои нав чун кашфи мустақилонаи онҳо аз ҷониби хонандагон бо ёрии омӯзгор сурат мегирад.

Дар омӯзиши проблемавӣ, омӯзгор супориши проблемавӣ – таълимро таҳия карда, барои хонандагон вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварда, ҳалли проблемаи ба миён омадаро нишон медиҳад. Барои истифодаи

муваффақонаи омӯзиши проблемавӣ бояд шароити муайяни психологӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Вазъияти проблемавии педагогӣ бо ёрии амалҳо, саволҳои омӯзгор, ки навигарӣ, аҳамият, зебоӣ ва дигар сифатҳои объекти даркшавандаро таъкид менамоянд, ба вуҷуд оварда мешавад. Ваъзияти проблемавӣ дар ҳолате пайдо мешавад, ки агар хонанда роҳҳои ҳалли масъалаи пешниҳодшударо надонад, ба саволи проблемавӣ ҷавоб гуфта натавонад ва далели тозаро дар ҳолатҳои таълимӣ ё ҳаётӣ фаҳмонда натавонад, ё ин ки агар хонанда дар шароитҳои нав бо зарурати истифодабарии донишҳои қаблан азхудкардааш рӯ ба рӯ шавад. Инчунин, агар байни натиҷаҳои аз иҷрои супориши ба дастомада, илман исбот кардани онҳо, зиддият вуҷуд дошта бошад.

Дар идора кардани фаъолияти хонандагон имкониятҳои нотиқии омӯзгор бузурганд ва ин диққати хонандагонро ба мавзуъ бештар ҷалб карда метавонад. Худи раванди азхудкунии донишҳо барои омӯзгор бо ёрии шаклҳои гуногуни фаъолияти хонандагон равшан мешавад.

Нақли проблемавӣ ду хел шуда метавонад. Дар баъзе мавридҳо омӯзгор вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварда, худаш тариқи ҳалли мисол паҳлуҳои гуногуни мавзуъро нишон медиҳад. Маводи мавҷударо таҳлил мекунад ва таклифҳои баҳсталаб мегузорад. Навъи дуюми нақли проблемавӣ аз он иборат аст, ки барои ҳалли масъалаҳои проблемавӣ худи хонандагон ҷалб карда мешаванд. Дар ин сурат ҳам баёни масъалаҳои проблемавӣ гуногун шуда метавонад.

Суҳбат шакли муколамавии фаъолияти омӯзгор бо хонандагонро ифода карда, барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳои дидактикӣ истифода бурда мешавад. Суҳбат ба омӯзгор имкониятҳои нисбатан васеътареро баҳри идора кардани раванди маърифатӣ фароҳам меоварад. Афзалияти асосии он маҳз аз ҳамин иборат аст, ки саволҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки фаъолияти фикрии хонандагонро ошкор созад.

Методикаи гузаронидани суҳбат мураккаб аст. Муваффақияти он дар аввал, аниқ муайян кардани мавзуъ ва вазифаҳои мушаххаси таълим

мебошад. Ҳангоми ба суҳбат тайёр шудан, омӯзгор муайян мекунад, ки кадом донишҳои хонандагонро ӯ истифода карда, дар ҳалли вазифаҳои ба миёнгузошта ёрӣ расонида метавонад.

Ғояҳои асосии усулҳои таълими интерактивӣ дар он зоҳир мешаванд, ки донишро дар шакли тайёр ба таълимгиранда додан имкон надорад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгори замони муосир бояд ҷараёни таълимро тавре ба роҳ монад, ки ба хонандагон барои пешрафти дониш ёрӣ расонад. Аз ҳамин дидгоҳ, таълим хонандаро ба ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва ҳалли мушкилиҳои муҳимми муҳити ӯро иҳотакарда равона месозад.

Барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, мо омӯзгоронро зарур аст, ки ба таълиму тарбия бештар диққат дода, аз имконоти замони муосир ба таври васеъ истифода намоем. Таълими замони муосир тақозо мекунад, ки бештар дар ҷараёни таълими фанҳо усулҳои фаъолу интерактивӣ ва технологияи таълими проблемавӣ рӯйи кор оянд.

## 2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба рушди фаъолияти эҷодии хонандагон дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат)

Дар рафти марҳилаи муқарраркунанда сатҳи тамоюли эҷодии хонандагон-хатмкунандагони синфи 9 ва ҳам хонандагони синфҳои 5-10 ки дар озмоиши муқарраркунанда ширкат варзида буданд, муайян карда шуда, барои иштирок дар озмоиши ташаккулдиҳанда интихоб гардиданд.

Дар тӯли панҷ сол, асоси кори озмоиширо таҳияи принсипҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои шукуфоии фаъолияти эҷодии хонандагон, тавассути мушоҳидаҳои педагогӣ ва роҳнамоӣ дар ин ҷода ташкил намуд. Озмоишро мо якҷоя бо омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар пойгоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и шаҳри Душанбе ва муасисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронидем.

Мо, бидуни фурӯ рафтан ба умқи ҷузъиёти рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда, таҳлили муқоисавии фаъолияти ду гурӯҳи таҷрибавиро

дар солҳои таҳсили 2019-2022 ва 2022-2023 мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Илова бар ин, мо натиҷаҳои татбиқи вазифаҳои мураккабро, ки ҳавасмандии эҷодии хонандагони синфҳои 5-10-ро аз оғози таҳсил дар зинаи миёна то соли таҳсили 2023-2024 афзун гардониданд, пешкаш менамоем.

Мазмуни аслии қисми таҷрибавии кори илмӣ дар он аст, ки таъсири амиқ ва самаранокии супоришҳои эҷодкоронаи таълимӣ, бахусус лоиҳаҳо, дар раванди афзоиши неруи эҷодии хонандагон дар дарси технология (таълими меҳнат) нишон дода шавад ва исбот гардад, ки онҳо метавонанд фазои мусоидро барои шукуфоии истеъдоди эҷодии хонандагон фароҳам оранд.

Марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш аз ҳисоби хонандагони синфҳои 7, 8 ва 9-и ду хатми пай дар пай гузаронида шуд.

Ҳайати миқдории гурӯҳҳои 1 ва 2 аз хатми соли 2019: синфи 9 *«А»* - 11 нафар, синфи 9 *«Б»* - 14 нафар. Ҳатми соли 2022: синфи 9 *«А»* - 10 нафар, синфи 9 *«Б»* - 17 нафар. Дар маҷмуъ, мутаносибан 25 ва 27 хонанда. Шумораи умумии хонандагоне, ки дар озмоиш иштирок карданд, 52 нафарро ташкил медод.

Мо ба рушди фаъолнокии эҷодии хонандагони синфхои 8 ва 9-ро (фаъолияти лоиҳавӣ) назорат карда.

Хонандагони синфи 7-ум, ки бо супориши омӯзгор ба иҷрои корҳои лоиҳавии дорои хусусияти тавсифӣ машғул шуданд, аз сабаби дар амал татбиқ накардани онҳо, ба таври бояду шояд натавонистанд шарораи эҷодиро дар дили худ фурӯзон намоянд.

Аз синфи 8 сар карда, онҳо ва тамоми хонандагони солҳои баъдӣ ба ҷаҳони эҷодкорӣ қадам ниҳода, бо тарҳрезии равандҳои муҳандисӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воқеӣ, ки дар зиндагӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд, машғул шуданд.

**Ҷадвалҳои 2. - Худбаҳодиҳии маҳорати эҷодии хонандагон (ба ҳисоби % аз шумораи умумии хонандагони гурӯҳ)**

| Метавонам | Синфҳои назоратӣ | | | | | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳи-лаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон |
| **Ҳикоя навиштан** | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 14,1 | 7 | 18,8 | 10 | 37,6 | 20 |
| **Навиштани намоишномаҳо, афсонаҳо ва ҳикояҳо** | 9,4 | 5 | 9,4 | 5 | 11,8 | 6 | 14,1 | 7 | 16,4 | 9 | 21,2 | 11 |
| **Дар машғулиятҳои худфаъолиятӣ иштирок кардан** | 11,8 | 6 | 14,1 | 7 | 17,6 | 9 | 21,1 | 11 | 23,5 | 12 | 28,2 | 15 |
| **Шеър эҷод кардан** | 2,4 | 1 | 2,4 | 1 | 4,7 | 2 | 7,1 | 4 | 9,4 | 5 | 11,8 | 6 |
| **Ба маҳфилҳои ҳунарӣ роҳбарӣ кардан** | 4,7 | 2 | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 11,8 | 6 | 24,7 | 13 | 43,5 | 23 |




**Расми 5. – Диаграммаи худбаҳодиҳии маҳорати эҷодии хонандагон**

Сабаби ин маҳорати дар дарсҳои эҷоди навиштани корҳои хаттӣ ва фаъол гардонидани навъҳои фаъолияти таълимию маърифатии вобаста аст ба робитаҳои байнифанни онҳо. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ва худбаҳодиҳии маҳорати эҷодӣ нишондиҳандаи фаъоли хонандагон буда, омода будани онҳоро ба фаъолияти эҷодӣ нишон медиҳад.

Таҳлили муқоисавии қисмҳои асосии фаъолияти эҷодии хонандагонро дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии озмоиши ташаккулдиҳанда гузарондем.

Пешрафти самти эҷодӣ ҳамчун нишондиҳандаи самараноки рушди ҷузъи ҳавасмандии фаъолияти эҷодии хонандагон баррасӣ карда мешавад.

Пешрафти ҷузъҳои самти эҷодӣ (ҳавас ба эҷодкорӣ ва хоҳиши дохил шудан ба раванди эҷодӣ) дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ гуногун аст. (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Ҷараёни рушди нишондиҳандаҳои самти эҷодии хонандагон дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ (%)**

| Дараҷаи ташаккулёбии нишондиҳанда | ГН | | | | Гурӯҳҳои озмоишӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | Синфи 7 | | Синфи 7 | | Синфи 8 | | Синфи 8 | | Синфи 9 | | Синфи 9 | |
| | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон |
| **Шавқу ҳавас ба эҷод** | | | | | | | | | | | | |
| **Баланд** | 47,1 | 24 | 48,2 | 25 | 52,9 | 27 | 55,3 | 29 | 57,6 | 30 | 61,2 | 32 |
| **Миёна** | 37,6 | 20 | 38,8 | 21 | 36,5 | 19 | 35,3 | 18 | 35,3 | 18 | 35,3 | 18 |
| **Паст** | 15,3 | 8 | 13,0 | 6 | 10,6 | 6 | 9,4 | 5 | 7,1 | 4 | 3,5 | 2 |
| **Ҳамагӣ:** | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 |
| **Хоҳиши ворид шудан ба раванди эҷодӣ** | | | | | | | | | | | | |
| **Баланд** | 20,0 | 10 | 17,6 | 9 | 21,2 | 11 | 23,5 | 12 | 25,8 | 14 | 28,2 | 16 |
| **Миёна** | 40,0 | 21 | 42,4 | 22 | 40,0 | 21 | 38,8 | 20 | 37,7 | 19 | 56,5 | 30 |
| **Паст** | 40,0 | 21 | 40,0 | 21 | 38,8 | 20 | 37,7 | 20 | 36,5 | 19 | 15,3 | 6 |
| **Ҳамагӣ:** | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 |




**Расми 6. – Диаграммаи чараёни рушди нишондиҳандаҳои самти эҷодии хонандагон дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ вобаста ба шавқу ҳавас ба эҷод**




**Расми 7. – Диаграммаи чараёни рушди нишондиҳандаҳои самти эҷодии хонандагон дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ вобаста ба хоҳиши ворид шудан ба раванди эҷодӣ**

Дар синфҳои 5, 6 ва 7, тағйиротҳои муҳим ба таври возеҳ намоён мешаванд. Шумораи толибилмони гурӯҳҳои таҷрибавӣ, ки ба эҷодкорӣ майли маърифатии зиёд доранд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст (дар синфи 8 аз 52,8% то 55,4%, дар синфи 9 аз 57,7% то 61,3%).

Ин далели он аст, ки вазифаҳои таълимии душвор, ки дар давраи санҷиши ташаккулдиҳанда татбиқ шуданд, барои рушди ҳавасмандии хонандагон замина фароҳам овarданд, ки ин ҷузъи муҳимми фаъолияти эҷодӣ аст. Тағйирот дар ҳавасмандӣ ва эҷодкорӣ дар синфҳои назоратӣ он қадар назаррас нестанд, зеро дар он ҷо вазифаҳои мураккаб истифода нашудаанд.

Тавре ки маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда собит месозад, тафовут дар динамикаи ташаккули иштиёқ ба ширкат дар раванди эҷодӣ мушоҳида мешавад. Дар ҳоле ки дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ афзоиши назарраси хонандагони дорои хоҳиши баланд ва коҳиши назарраси хонандагони камтар ҳавасманд ба фаъолияти эҷодӣ ба назар мерасад, дар ГН тағйироти ҷиддӣ мушоҳида намешаванд. Дар гурӯҳҳои таълимӣ, ки самти лоиҳаҳо бештар ба фанҳои дақиқ алоқаманд набуд, дигаргунӣ дар майл ба эҷодкорӣ он қадар аён набуд. Бинобар ин, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи чунин супоришҳои душвор хонандагонро ба интихоби мавзуъҳои гуногуни лоиҳа ҳидоят мекунад. Завқи донишандӯзии онҳо васеъ мегардад ва дар синфи 9 онҳо ба интихоби касб бошууронатар муносибат мекунанд. Кор бо лоиҳаҳо нишон медиҳад, ки он ба пешрафти фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Ин нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи нақшаи дарсҳо барои соли оянда, интихоби мавзуъҳои лоиҳавӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Маълум аст, ки дар ҷараёни иҷрои корҳои мустақилона, ташаккули мустақилияти хонандагон тавассути фаъолияти мушкилкушоӣ ба даст меояд ва мо афзоиши ҳаҷми вақти корҳои мустақилонаро таҳлил мекунем.

**Ҷадвали 4. – Суръати афзоиши вақт барои кори мустақилона**

| Синфҳо | Вақти дарс (дақиқа) | Вақти миёна (дақиқа) | | Сатҳи вақти кори мустақилонаи хонгон дар дарс бо % |
|---|---|---|---|---|
| | | Омӯзгор | Хонанда | |
| **5** | 45 | 31,5 | 13,4 | 30 |
| **6** | 45 | 26,5 | 18,5 | 41 |
| **7** | 45 | 17,5 | 27,5 | 61 |
| **8** | 45 | 12,5 | 32,5 | 72 |
| **9** | 45 | 10,5 | 34,5 | 76 |




**Расми 8. – Диаграммаи суръати афзоиши вақт барои кори мустақилона**

Чунин бармеояд, ки дар синфҳои миёна, аз панҷум то ҳафтум, раванди таълим бештар ба такрори дониш равона шуда, камтар ба инкишофи қобилияти эҷодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Дар синфҳои болоӣ, яъне ҳаштум ва нуҳум, дар ҷараёни таҷрибаҳои ташаккулдиҳанда, фаъолияти мустақилона ҳангоми иҷрои вазифаҳои махсус ба кашфиёти донишҳои нав, ки қаблан номаълум буданд, оварда мерасонад ва ба ин васила, хусусияти фаъоли эҷодиро тақвият медиҳад. Ин ҳолат имкон

медиҳад, ки боз як шарти педагогӣ барои рушди фаъолияти эҷодӣ амалӣ гардад.

Самаранокии вазифаи мураккаби таълимӣ (лоиҳа, бозӣ, ангезиши зеҳн ва ғ.) дар ташаккули шавқ ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти эҷодии хонандагон тавассути таҳлили муқоисавии афзалиятҳои хонандагон дар марҳилаи ниҳоии кори озмоишӣ шаҳодат медиҳад (Ниг. ба ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Хусусияти афзалиятҳои интихобнамудаи хонандагон (%)**

| Интихоби супоришҳо аз тарафи хонандагон | ГН | | | | Гурӯҳҳои озмоишӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | Синфи 7 | | Синфи 7 | | Синфи 7 | | Синфи 7 | | Синфи 7 | | Синфи 7 | |
| | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон |
| **Миқдори хонандагон и супоришҳои эҷодиро интихобкарда** | 16,6 | 9 | 18,9 | 10 | 18,9 | 10 | 23,6 | 12 | 30,7 | 16 | 40,1 | 21 |
| **Миқдори хонандагон и супоришҳои шавқоварро** | 46 | 24 | 46 | 24 | 47,2 | 25 | 49,4 | 26 | 48,3 | 25 | 47,2 | 24 |

*Идомаи чадвал*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **интихобкар да** | | | | | | | | | | | | |
| **Миқдори хонандагони супоришҳои содаро интихобкар да** | 37,4 | 19 | 35,1 | 18 | 33,9 | 17 | 27,1 | 14 | 21 | 11 | 12,7 | 7 |
| **Ҳамагӣ:** | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 | 100 | 52 |




**Расми 9. – Диаграммаи хусусияти афзалиятҳои интихобнамудаи хонандагон**

Аз маълумотҳои чадвал дида мешавад, ки дар нишондиҳандаҳои воридшавӣ ба фаъолияти эҷодӣ ҳам тағйироти ҷиддӣ ба амал омадааст.

Шумораи хонандагоне, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ супоришҳои эҷодиро афзалтар медонанд, дар синфҳои ҳаштум аз 18,8% ба 23,5%, дар синфҳои 9 аз 30,6% ба 40% афзудааст.

Дар гурӯҳҳои муқоисавӣ дар ин самт дигаргуниҳои назаррас мушоҳида нашудаанд. Ин ба он далолат мекунад, ки дар синфҳои таҷрибавӣ таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии хонандагон нисбат ба синфҳои муқаррарӣ, ҳавасмандии қавии фаъолияти эҷодӣ мегардад. Ин самарабахшии вазифаи маҷмуии таълимиро дар рушди чунин ҷузъи фаъолияти эҷодӣ, ба монанди шавқу завқи маърифатӣ тасдиқ мекунад.

Мо, мекӯшем, ки суръати тараққиёти малакаҳои умумии таълимиро баррасӣ кунем, ки онҳо пояи кори эҷодии хонандагон мебошанд. Ин нишондиҳандаҳо малакаҳои ташкилӣ ва коммуникативро ҳамчун пояи истиқлолият, ҳамчунин малакаҳои маърифатии хонандагонро дар бар мегиранд, ки онҳо тарафи амалии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии онҳоро ифода мекунанд.

Тавре ки аз ҷадвалҳои 6 ва 7 бармеояд, ГО ва ГН дар охири таҳқиқот аз рӯйи дараҷаи рушди малакаҳои ташкилотчигӣ, коммуникативӣ ва маърифатии хонандагон ба таври назаррас аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

**Ҷадвали 6. – Нишондиҳандаҳои маҳорати умумии таълимӣ дар марҳилаи ниҳоии озмоиш (%)**

| Нишондиҳандаҳо | ГН | | | ГО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дараҷаи рушд | | | | | | | | |
| | Синфи 7 | | | Синфи 8 | | | Синфи 9 | | |
| | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Миёна | Паст | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** |
| **Маҳоратҳои ташкилӣ ва муоширатӣ ҳамчун асоси мустақилият** | 33,2 | 47,6 | 19,2 | 36,4 | 50,0 | 13,6 | 39,2 | 53,6 | 7,2 |
| **Малакаи мустақилона гузоштан ва тартиб додани вазифа** | 34,0 | 46,7 | 20 | 38,0 | 48,0 | 14,0 | 40,0 | 52,0 | 8,0 |

*Идомаи чадвал*

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маҳорати мустақилона ба нақша гирифтани фаъолияти минбаъда** | 30,0 | 50,0 | 20,0 | 34,0 | 52,0 | 14,0 | 36,0 | 56,0 | 8,0 |
| **Маҳорати амалисозии худназоратӣ ва худбаҳодиҳии кори худ** | 36,0 | 46,0 | 18,0 | 38,0 | 50,0 | 12,0 | 42,0 | 52,0 | 6,0 |
| **Маҳорати андешаи худро манзур кардан** | 32,0 | 48,0 | 20,0 | 36,0 | 50,0 | 14,0 | 38,0 | 54,0 | 8,0 |
| **Маҳорати ақидаҳои худро асоснок кардан** | 34,0 | 48,0 | 18,0 | 36,0 | 50,0 | 14,0 | 40,0 | 54,0 | 6,0 |
| **Маҳоратҳои маърифатӣ** | 32,0 | 50,0 | 18,0 | 36,0 | 52,0 | 12,0 | 38,0 | 55,0 | 7,0 |
| **Маҳорати таҳлил кардани аз ҳама асосӣ ва дуюмдарача** | 32,0 | 50,0 | 18,0 | 36,0 | 52,0 | 12,0 | 38,0 | 56,0 | 6,0 |
| **Маҳорати дидани вазифаҳои нави объекти шинос** | 34,0 | 50,0 | 16,0 | 38,0 | 52,0 | 10,0 | 40,0 | 54,0 | 6,0 |
| **Маҳорати таҳияи амсилаи вазъиятҳои ғайристандартӣ** | 30,0 | 52,0 | 18,0 | 34,0 | 54,0 | 12,0 | 36,0 | 58,0 | 6,0 |
| **Маҳорати пешгӯӣ кардани натича** | 32,0 | 48,0 | 20,0 | 36,0 | 50,0 | 14,0 | 38,0 | 52,0 | 10,0 |

Дар гурӯҳҳои озмоишӣ корҳои мақсаднок оид ба ташаккули малакаҳои барои фаъолияти эчодии таълимӣ ва маърифатӣ зарур дар асоси истифодаи вазифаҳои мураккаби байнифаннӣ дар раванди таълим гузаронида шуданд, ки ин имкон дод, ки шумораи хонандагони дорои сатҳи баланди умумитаълимӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ афзоиш ёбад.

Ин натичаҳоро нишондиҳандаҳои қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва муоширатӣ собит месозанд, ки чунинанд: Дар синфҳои 8 - 36,4%, дар синфҳои 9 - 39,2% ва бо дарачаи баланду миёна дар синфҳои 8 - 86,4%, дар синфҳои 9 - 92,8% ва дар синфҳои назоратӣ бошад - 33% ва 80,8%. Ҳисоби

миёнаи нишондиҳандаҳои қобилияти ташкилотчигӣ ва муоширатӣ низ афзудааст, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 7 аз он далолат мекунанд.

Дараҷаи ташаккули малакаҳои маърифатии умумӣ дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз сатҳи малакаҳои ташкилӣ ва муоширатӣ баландтар аст.

Шумораи хонандагоне, ки дараҷаи баланд ва миёнаи рушди маҳорати маърифатӣ доранд, нисбат ба синфҳои назоратӣ зиёд аст (7-82%, 8-88%, 9-93%).

**Ҷадвали 7. – Дараҷаи ташаккули қобилиятҳои ташкилотчигӣ, муоширатӣ ва маърифатии хонандагон (ба ҳисоби хол)**

| Синф, Марҳилаи озмоиш | Малакаҳои ташкилӣ ва муоширатӣ | | | | | | | Малакаҳои маърифатӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Таҷрибавӣ (марҳилаи ибтидоӣ)** | 3,29 | 3,18 | 3,54 | 2,62 | 2,33 | 3,50 | 3,38 | 3,44 | 3,6 |
| **Таҷрибавӣ (марҳилаи ниҳоӣ)** | 4,34 | 4,22 | 4,48 | 4,50 | 4,50 | 4,86 | 4,76 | 4,72 | 4,78 |
| **Назоратӣ (марҳилаи ибтидоӣ)** | 3,65 | 3,60 | 3,31 | 2,69 | 2,62 | 3,77 | 3,65 | 3,86 | 3,64 |
| **Назоратӣ (марҳилаи ниҳоӣ)** | 3,56 | 3,85 | 4,06 | 3,23 | 3,29 | 3,81 | 3,69 | 3,61 | 3,69 |




**Расми 10. – Диаграммаи ташаккули қобилиятҳои ташкилотчигӣ, муоширатӣ ва маърифатии хонандагон**

Дар раванди фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ малакаҳои умумии таълимӣ ташаккул меёбанд. Динамикаи нишондиҳандаҳои маҳорат самаранокии кӯшишҳои педагогиро дар ташаккули онҳо инъикос мекунад. Мо самаранокии кӯшишҳои педагогиро бо истифода аз таҳлили муқоисавии тағйирёбии нишондиҳандаҳои арзишҳои миёна барои синфҳо (X) ва дисперсияҳо (D - ченаки тағйирпазирии нишондиҳандаҳо) исбот мекунем, ки хусусияти муҳими микдории тағйир додани нишондиҳандаҳо аз рӯи формулаи зерин мебошад:

$$D = - \sum X_i,$$ ки дар он:

D - дисперсия (ченаки тағйирпазирии нишондиҳандаҳо);

n - шумораи аъзо дар маҷмуъ;

Xi - ақибмонӣ аз ҳисоби миёнаи арифметикии ҳар як натиҷаи андозагирӣ;

∑Xi - ҷамъи квадратҳои ин ақибмонӣ. (Шевандрин Н.И., с.-302-304; Немов Р.С. с.-30-33).

**Ҷадвали 8. – Таъсири супоришҳои маҷмуъ ба нишондаҳандаҳои умумии маҳоратҳои умумитаълимӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Синфи назоратӣ | | Синфи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | Марҳилаи ниҳоӣ | Марҳилаи ибтидоӣ | Марҳилаи ниҳоӣ |
| **Маҳоратҳои ташкилӣ ва муоширатӣ** | | | | |
| **Х** | 3,13 | 3,59 | 2,99 | 4,41 |
| **Д** | 4,70 | 4,45 | 4,94 | 4,25 |
| **Маҳоратҳои маърифатӣ** | | | | |
| **Х** | 3,57 | 3,49 | 3,60 | 4,78 |
| **Д** | 4,93 | 4,23 | 4,17 | 3,28 |




**Расми 11. – Диаграммаи нишондаҳандаҳои умумии маҳоратҳои умумитаълимӣ**

Натиҷаи ҳисобҳои дар ҷадвали 8 ва расми 11 овардашуда нишон медиҳанд, ки афзоиши нишондиҳандаҳои маҳорати умумии таълимӣ дар давоми тамоми озмоиш тағйир ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар синфҳои озмоишӣ нишондиҳандаҳои маҳорати ташкилотчигӣ ва иртиботӣ, ки асоси мустақилият мебошанд ва нишондиҳандаҳои маҳорати маърифатӣ зиёд шудаанд, дар ҳоле ки нишондиҳандаҳои умумӣ дар синфи озмоишӣ афзоиш

ёфтанд, паҳншавии онҳо ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Камшавии тафовут дар маҳоратҳои ташкилӣ ва коммуникативӣ аз нишондиҳандаи 4,94% ба 4,25% ва пастравӣ дар маҳоратҳои маърифатӣ аз 4,17% то 3,28% мушоҳида мешавад;

Дар ГН тағйироти нишондиҳандаҳои маҳорати умумии таълимӣ чандон калон нест, ки ин аз нишондиҳандаҳои миёнаи онҳо шаҳодат медиҳад. Нишондиҳандаи маҳорати маърифатӣ дар ин гурӯҳ ҳатто коҳиш ёфтааст.

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳлили муқоисавии тағйироти нишондиҳандаҳо дар байни ГН ва озмоишӣ аз он далолат мекунад, ки самаранокии таъсири вазифаҳои маҷмуии таълим ва супоришҳои мураккаби таълимӣ рушди малакаҳои умумитаълимӣ (маҳоратҳои ташкилӣ ва муоширатӣ), умумӣ (маҳоратҳои маърифатӣ)-ро ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти эҷодӣ таъмин сохтаанд.

Дар ҷараёни таҳия ва муаррифии лоиҳаҳо, хонандагон малакаҳои муҳими таълимӣ, ки дар раванди тарҳрезии технологӣ ташаккул меёбанд, аз қабили интихоби мавзуъ, таҳлил ва асосноксозии интихоб, таҳияи нақшаи лоиҳа, интихоби намунаи маҳсулот, мавод ва таҷҳизоти зарурӣ, ба тартиб даровардани кор, гузаронидани таҳқиқот, таҳияи раванди технологӣ, амалӣ намудани худидоракунӣ, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, риояи ташкили илмӣ ва бехатарии меҳнат, талаботи стандартҳо ва шароитҳои техникӣ, таҳлили кори иҷрошуда, баровардани хулоса, пешниҳоди баҳо ва тавсияҳо, кор бо адабиёт ва истеҳсоли маҳсулот азхуд карда мешаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро дар рафти кор дар лоиҳа таҳлил намуда, мо суръати рушди дараҷаи дониши онҳоро арзёбӣ мекунем. Дар солҳои таҳсили 2019-2020 нишондиҳандаҳои таълимии хонандагони хатми 1-ум аз 0,65% то 0,71% ба таври назаррас: 2 хатм дар солҳои хониши 2020-2021 аз 67,0% то 0,78%; дар соли хониши 2021-2022 аз 0,71% то 0,76%; дар солҳои хониши 2022-2023 аз 0,75% то 0,78% дар синфи 10 мунтазам боло рафтааст. Дараҷаи рушди салоҳиятҳои маърифатии хонандагони синфи 11 аз 0,76% ба 0,78% расидааст.

Аз нишондиҳандаҳо дида мешавад, ки суръати рушди салоҳиятҳои маърифатӣ дар синфҳои 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 мусбат аст.

Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои ду синфи 9-и пайиҳам хатмкарда дар солҳои таҳсили 2020-2021 ва 2021-2022 дар синфи 8 *«А»* аз 0,78 то 0,80; дар синфи 8 *«Б»* аз 0,72 то 0,77; дар 9 *«А»* аз 0,80 то 0,84; дар 9 *«Б»* аз 0,77 то 0,80 афзоиш ёфтааст.

Дар синфи ҳафтум афзоиши нишондиҳандаҳои таълим аҳамияти камтар дорад, зеро дар ин солҳои таҳсил хонандагон танҳо дар рӯйи лоиҳа кор карданро ёд гирифтаанд, моҳияти самтгирии технологиро ба қадри кифоя нафаҳмиданд. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагон шаҳодат медиҳад, ки дар синфҳои дигар, ки супоришҳои мураккаби лоиҳакашии равандҳои технологиро иҷро мекунанд, афзоиши нишондихандаҳои таълимии хонандагон ба назар мерасад.

Тавре ки аз ҷадвали 8 бармеояд, натиҷаҳои ҳифзи лоиҳаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар синфҳои озмоишӣ сифати таълими хонандагон дар марҳилаи ниҳоӣ дар муқоиса бо синфҳои назоратии солҳои таҳсили 2020-2021 аз 64% то 73% ва дар солҳои хониши 2021-2022 аз 67% то 75% ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Ин беҳбудӣ дар синфҳои ҳаштум низ мушоҳида шуда, нишондиҳандаи дараҷаи сифати таълим мутаносибан аз 64% ба 69% ва аз 67% ба 70% афзоиш ёфтааст.

Холи умумии сифат низ аз 66% ба 74% афзуда, дар синфҳои назоратӣ дигаргунии ҷиддӣ ба амал наомадааст. Нишондиҳандаи умумии дараҷаи сифат дар синфи 10 аз 74% ба 81% расидааст. Дараҷаи сифати таълими синфи 11 аз 87% ба 100% тағйир ёфтааст.

Ба ақидаи П.В. Третяков, дараҷаи дониши хонандагон дар айни замон гувоҳи равшани самарабахшии фаъолияти эҷодии омӯзгор аст. Самараи баланди таълим, пеш аз ҳама, бо талаботи сатҳи олӣ муайян мегардад. Хонандагони синфҳои ҳаштум ва нуҳум дониши назариявии гирифтаашонро дар шароити нави ғайристандартӣ эҷодкорона дар амал татбиқ карда метавонанд, онро ба мафҳумҳо, қонунҳо ва қонуниятҳои пештар омӯхташуда ва азхудкардашуда *«мегузаронанд»*, ки ба дараҷаи олии талабот мувофиқ аст. Хонандагон дар ҷараёни кор усулҳои тозаи иҷрои лоиҳаҳо ва вазифаҳои душворро кашф намуда, роҳҳои нави ҳалли мушкилотро эҷод мекунанд. Дар ин раванд, онҳо бо мустақилияти комил амал намуда, дар фаъолияти эҷодӣ

фаъолона иштирок мекунанд, ки ин шавқи донишандӯзии онҳоро бедор сохта, малакаҳои умумии таълимиро дар онҳо инкишоф медиҳад.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои дониши хонандагон ва самаранокии кори омӯзгор дар синфҳои 7-9 (дар ду таҳқиқоти пайдарпайи солҳои 2020-2021 ва 2021-2022), мо афзоиши назарраси нишондиҳандаҳоро мушоҳида кардем. Ин афзоиш, бо вуҷуди мураккабтар шудани маводи супоришҳо дар озмоишҳои нав, дар ҳамаи марҳилаҳо ба чашм мерасад.

Дар натиҷаи корҳои мақсаднок оид ба татбиқи вазифаҳои нави мураккаб, ки ба ташаккули малакаҳои умумии таълимӣ (ташкилотчигӣ-иртиботӣ ва маърифатӣ) ва инкишофи шавқу завқи маърифатӣ ба эҷодкорӣ нигаронида шудаанд, хонандагон дар лоиҳаҳои марбут ба тарҳрезии равандҳои технологӣ ташаббус, мустақилият ва ҳавасмандгардонии шавқи маърифатӣ зоҳир менамоянд. Ин амал баланд бардоштани фаъолияти эҷодии онҳоро таъмин намуда, дар натиҷа онҳо маҳсулотро дар асоси дониш ва малакаҳои гирифташуда бо маҳорати баланд коркард мекунанд.

**Ҷадвали 9. – Дараҷаи сифати таълими хонандагони синфҳои 7-9 аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи лоиҳа (%)**

| Синф | Теъдоди умумии хонандагон | Сатҳи сифати дониш | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Синфҳои назоратӣ | | | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | | |
| | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | | % | Теъдоди хонандагон | % | Теъдоди хонандагон | % | Теъдоди хонандагон | % | Теъдоди хонандагон | % | Теъдоди хонандагон | % | Теъдоди хонандагон |
| **Солҳои таҳсили 2019-2022** | | | | | | | | | | | | | |
| | 5 | 9 | 5 | 4 | 6 | | | | | | | | |
| | 5 | | | | | 4 | 6 | 9 | | | | | |
| | 5 | | | | | | | | | 9 | 7 | 3 | 8 |
| **Солҳои таҳсили 2022-2024** | | | | | | | | | | | | | |
| | 7 | 0 | 6 | 7 | 8 | | | | | | | | |
| | 7 | | | | | 7 | 8 | 0 | 9 | | | | |
| | 7 | | | | | | | | | 0 | 9 | 5 | 0 |
| **Сатҳи умумии сифати таълим** | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | 0 | 6 | 6 | 4 | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | 6 | 4 | 0 | 6 | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | 0 | 6 | 4 | 8 |

*Идомаи чадвал*

| Сатҳи умумии сифати таълим | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **0** | 1 | | | | | | | | | 4 | 3 | 1 | 5 |
| | | | | | | | | | | | | | |
| **1** | 7 | | | | | | | | | 7 | 5 | 00 | 7 |




**Расми 12. – Диаграммаи таълими хонандагони синфҳои 7-9 аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи лоиҳа**

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки сатҳи дониши хонандагон самаранокии таъсири лоиҳаро ба ташаккули малакаҳои умумии таълимӣ дар рафти кори мустақилона тасдиқ намуда, ба фаъол гардидани фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат кардааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои рушди кори эҷодӣ натиҷаи таҳлил дар маҳфилҳо аз рӯйи шавқу ҳаваси хонандагони гурӯҳҳои муқоисашаванда мебошад. Мо динамикаи нишондиҳандаҳои миқдории иштирок дар кори маҳфилҳо ва фарқиятро байни гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ муайян мекунем.

Дар натиҷаи арзёбиҳо мувофиқи ҷадвали 9 шавқу ҳаваси хонандагон ба

маҳфилҳо: математика, забоншиносӣ, табиию география, бадеию ҳунарӣ, эҷодиёти техникӣ дар ГН дар ибтидо ва дар охири сол (24,1%; 4 ,7%; 17,6%; 9,4%; 24%) хеле устувор боқӣ мондааст.

Дар синфҳои озмоишӣ шавқу ҳавас ба маҳфилҳои равияҳои риёзӣ ва табиию ҷуғрофӣ кам шуда бошад ҳам, шумораи талабагони аз рӯйи шавқу ҳавас машғулбуда меафзояд. Ғайр аз он, воридшавии хонандагон ба чорабиниҳои дорои самти эҷодӣ, ки мундариҷаи онҳо ба рушди фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ мусоидат карда, дар муҳтавои онҳо вазифаҳои мураккаб инъикос меёбанд, мушоҳида карда мешавад. Ин имконият дод, ки шумораи талабагон ба маҳфилҳои бадеӣ ва ҳунармандӣ аз 16,4% ба 28,25, ба маҳфили эҷодиёти техникӣ аз 3,5% то 9,4% ва ба маҳфили эҷодиёти бадеӣ аз 7,1% то 16,4% зиёд гардад.

Маълумотҳои худбаҳодиҳии маҳорати хонандагон дар навъҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, таъсирбахшӣ ва самаранокии вазифаҳои таълимиро тасдиқ мекунанд (Ниг. ба ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. – Динамикаи шавқу рағбати хонандагон ба корҳои беруназсинфии равияҳои гуногун (%)**

| Дар маҳфилҳо аз рӯйи шавқу завқ ширкат меварзанд | Синфҳои назоратӣ | | | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | % | и хонанд | % | и хонанд | % | и хонанд | % | и хонанда | % | хонандаг | % | и хонанд |
| **Риёзӣ** | 14,1 | 8 | 14,1 | 8 | 11,8 | 6 | 11,8 | 6 | 9,4 | 5 | 9,4 | 5 |
| **Забоншиносӣ** | 4,7 | 2 | 4,7 | 2 | 5,9 | 3 | 5,9 | 3 | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 |
| **Табиӣ-география** | 17,6 | 9 | 17,6 | 9 | 14,1 | 8 | 14,1 | 8 | 11,8 | 6 | 11,8 | 6 |
| **Эҷодиёти** | 9,4 | 5 | 9,4 | 5 | 16, | 9 | 18, | 10 | 23,4 | 12 | 28,2 | 15 |

*Идомаи чадвал*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **бадеӣ-татбиқӣ** | | | | | 4 | | 8 | | | | | |
| **Эҷодиёти адабӣ** | 4,7 | 2 | 5,9 | 3 | 7,1 | 4 | 9,4 | 5 | 14,1 | 7 | 16,4 | 9 |
| **Эҷодиёти техникӣ** | 2,4 | 1 | 2,4 | 1 | 3,5 | 2 | 5,9 | 3 | 7,1 | 4 | 9,4 | 4 |
| **% аз шумораи умумии хонандагони дар озмоиш иштироккарда** | 52,9 | 27 | 54,1 | 28 | 58,8 | 30 | 65,9 | 31 | 72,9 | 38 | 82,3 | 43 |

**Ҷадвали 11. – Худбаҳодиҳии маҳоратҳои эҷодии хонандагон (бо % ба теъдоди умумии хонандагон дар гурӯх)**

| **Метавонам** | **Синфҳои назоратӣ** | | | | **Синфҳои озмоишӣ** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳилаи ниҳоӣ | |
| | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон | % | Теъдоди хонгон |
| **Ҳикоя навиштан** | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 14,1 | 7 | 18,8 | 10 | 37,6 | 20 |
| **Навиштани намоишномахо, афсонахо, ҳикояҳо** | 9,4 | 5 | 9,4 | 5 | 11,8 | 6 | 14,1 | 7 | 16,4 | 9 | 21,2 | 11 |
| **Дар машгулиятхои худфаъолиятӣ иштирок** | 11,8 | 6 | 14,1 | 7 | 17,6 | 9 | 21,1 | 11 | 23,5 | 12 | 28,2 | 15 |

*Идомаи чадвал*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **кардан** | | | | | | | | | | | | |
| **Шеър эҷод кардан** | 2,4 | 1 | 2,4 | 1 | 4,7 | 2 | 7,1 | 4 | 9,4 | 5 | 11,8 | 6 |
| **Ба маҳфилҳои ҳунарӣ роҳбарӣ кардан** | 4,7 | 2 | 7,1 | 4 | 7,1 | 4 | 11,8 | 6 | 24,7 | 13 | 43,5 | 23 |

Робитаи байнифаннӣ ба хонандагон имконият фароҳам оварданд, ки онҳо дар машғулиятҳои эҷодӣ фаъолияти маърифатии худро рушд бахшанд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ва худбаҳодиҳии маҳорати эҷодӣ нишондиҳандаҳои фаъолияти хонандагон буда, омода будан ба фаъолияти эҷодии онҳоро нишон медиҳад. Ӯ, ҳамчунин, парда аз рӯйи таъсирбахшӣ ва самаранокии супоришҳои мураккаб бардошта, худбаҳодиҳии хонандагонро, ки дар оинаи эссе инъикос ёфта, бо навои методии лоиҳавӣ таҳти унвони дилнишини *«Чӣ гуна лоиҳа ба фаъолияти эҷодии ман таъсир расонд» тасдиқи рангин меёбад, равшан месозад»*. Ҳадафи ин равиш нишон додани таъсири муассири методӣ-лоиҳавӣ ба гулшукуфии эҷодии хонандагони синфҳои ҳаштум ва нуҳум мебошад. (чадвали 12).

**Чадвали 12. – Таъсири лоиҳа ба фаъолияти эҷодӣ (худбаҳодиҳии хонандагон)**

| Нишондодҳо | Синфҳои назоратӣ | | | | | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳи-лаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳи-лаи ниҳоӣ | | Марҳилаи ибтидоӣ | | Марҳи-лаи ниҳоӣ | |
| | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон | % | Теъдоди хон-гон |
| **Роҳнамоии касбӣ** | 80,0 | 41 | 81,2 | 42 | 81,2 | 42 | 83,5 | 43 | 84,9 | 44 | 88,8 | 46 |
| **Завқи майлу** | 76,5 | 40 | 78,8 | 41 | 80,0 | 41 | 82,4 | 42 | 83,5 | 43 | 87,1 | 45 |

*Идомаи чадвал*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **рағбат** | | | | | | | | | | | | |
| **Лоиҳакаши и равандҳои технологиро омӯхтам** | 78,8 | 40 | 82,4 | 43 | 85,9 | 44 | 87,1 | 45 | 89,4 | 46 | 91,8 | 48 |
| **Дар ҳаёт даркор мешавад** | 67,1 | 35 | 69,4 | 36 | 70,6 | 37 | 71,8 | 37 | 72,9 | 38 | 76,5 | 39 |
| **Ба рушди эҷодӣ мусоидат мекунад** | 90,6 | 47 | 91,8 | 48 | 92,9 | 38 | 93,7 | 49 | 95,3 | 50 | 98,8 | 41 |
| **Ягон таъсир нарасонд** | 17,6 | 9 | 14,1 | 7 | 10,6 | 6 | 7,1 | 4 | 3,5 | 2 | 0 | 0 |




**Расми 13. – Диаграммаи марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ**

Мувофиқи маълумоти дар ҷадвили 13 ва расми 13 овардашуда, дар синфҳои таҷрибавӣ 88,8% шогирдон иброз медоранд, ки таҳияи лоиҳа ба онҳо имкон медиҳад, ки дониш, малака ва маҳорати заруриро барои интихоби касби оянда азхуд намоянд. Дар синфҳои муқоисавӣ ин нишондод ҳамагӣ 81,2%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз аҳамияти лоиҳакашӣ дар тайёр намудани хонандагон ба зиндагии касбӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳадафи асосии таълими меҳнат дар дарсҳои технология, роҳнамоии касбии шогирдон мебошад. Вақте ки шахс ба омӯзиши ягон фан бо диққати эҷодкорона муносибат мекунад, хоҳиши азхудкунии донишҳои нав, инчунин, тавсеаи ҷаҳонбинии худро дорад. Дар синфҳои озмоишӣ, 98,8% наврасон ин ҳолатро нишон доданд, дар ҳоле ки дар синфҳои назоратӣ ин нишондиҳанда танҳо 91,8%-ро ташкил медиҳад. Дар синфҳои таҷрибавӣ, 87,1% хонандагон гуфтанд, ки лоиҳакашӣ ба онҳо дар муайян кардани таваҷҷуҳот, инкишофи маҳорат ва қобилиятҳо мусоидат кардааст. Дар синфҳои назоратӣ ин рақам ба 78,8% баробар аст.

Бинобар ин, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки қисми зиёди хонандагон 88,8% дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ изҳор доштанд, ки ин ташаббус дар интихоби касби дарпешистода ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти лоиҳавӣ хусусияти эҷодӣ ва шавқбарангезанда дорад.

Гарчанде, ки дар синфҳои имтиҳонӣ ин нишондиҳанда 81,2% пасттар аст, диққати кофӣ ба самти касбӣ ҳанӯз дода нашудааст. Аммо, яке аз ҷанбаҳои муҳим ин васеъ кардани дунёбинӣ ва ташаккули муносибати эҷодкорона ба ҳама гуна фаъолият дар дарс аст, ки барои роҳнамоии минбаъдаи касбӣ шарти ҳатмӣ мебошад.

Ташхиси натиҷаҳои арзёбии аҳамияти лоиҳаҳо дар дарсҳои технология барои рушди фаъолияти эҷодии хонандагон, ки бо усули пурсишномаҳои беном (ҷадвали 13) гузаронида шуд, имкон медиҳад, ки дар бораи аҳамияти лоиҳаҳо дар ташаккули фаъолияти эҷодӣ дар фаҳмиши худи талабагон як навъ маълумот гирем.

**Ҷадвали 13. – Ташхиси натиҷаҳои арзёбии аҳамияти лоиҳаҳо дар дарсҳои технология барои рушди фаъолияти эҷодии хонандагон (%)**

| Номгӯй | Маълумоти умумӣ | Саволномаҳои пирсишӣ | | | | Ҷамъ % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Синфи 8 | | Синфи 9 | | |
| | | Теъдод (воҳид) | % | Теъдод (воҳид) | % | |
| **1. Миқдори пурсишномаҳо** | 52 | 25 | 0 | 27 | 0 | 0 |
| **2. Миқдори савол дар пурсишномаҳо** | 19 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **3. Миқдори ҷавобҳо** | 988 | 475 | 100 | 513 | 100 | |
| **4. Самтҳои умумии ҷавобҳои хонандагон:** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **А. Фаъолнокии эҷодӣ** | 728 | 342 | 72,0 | 386 | 75,2 | 73,6 |
| **Б. Истифода дар фаъолияти эҷодӣ** | 55 | 24 | 5,0 | 31 | 6,0 | 5,6 |
| **В. Самтнокии маърифатӣ-иттилоотӣ** | 21 | 10 | 2,2 | 11 | 2,2 | 2,2 |
| **Г. Фаъолияти мустақилона** | 62 | 29 | 6,2 | 33 | 6,4 | 6,3 |
| **Д. Шавқу рағбат** | 92 | 44 | 9,2 | 48 | 9,3 | 9,2 |
| **Е. Самт муайян карда нашудааст** | 30 | 26 | 5,4 | 4 | 0,9 | 3,0 |



**Расми 14. – Диаграммаи ташхиси натиҷаҳои арзёбии аҳамияти лоиҳаҳо дар дарсҳои технология**

Натиҷаҳои дар ҷадвали 14 овардашуда нишон медиҳанд, ки дар синфҳои озмоишӣ натиҷаҳои баландтарин бо самти *«Фаъолияти эҷодӣ»* алоқамандбуда, нисбат ба синфҳои назоратӣ аз 72,0% то 75,2% афзудааст.

Азбаски самти *«Фаъолияти эҷодӣ»* унсурҳои ҳамаи дигар самтҳои фаъолиятро дар бар мегирад, метавон гуфт, ки мақсади кор оид ба баланд бардоштани фаъолияти эҷодии хонандагон ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо амалӣ гардидааст. Ғайр аз ин, нишондиҳандаи *«самт муайян карда нашудааст»* дар синфхои 9 нисбат ба синфҳои 8 4,5% паст аст. Ин шаҳодат медиҳад, ки таҳияи лоиҳаҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки пас аз хатми синфи 9, тамоми маълумот ва таҷрибаҳои муҳимеро, ки барномаи таълимии *«Технология»* барои муайян намудани шахсият ва шинохти худ дар назар дорад, азхуд намоянд.

Динамикаи баҳодиҳии фаъолияти хонандагонро аз рӯйи натиҷаҳои корҳои санҷишӣ таҳлил мекунем (ҷадвали 14).

**Ҷадвали 14. – Динамикаи баҳодиҳии фаъолияти хонандагон**

| Давра | Синф | Теъдоди хон-гони корҳои санҷишӣ иҷрокарда | Теъдоди хонандагони корҳои санҷиширо иҷрокарда бо баҳои: | | | % азхудкунӣ | Холи миёна | % сифат | Сатҳи талабот | Самаранокӣ | % хонандагони имтиҳонсупоранд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | | | | | | |
| Натиҷаи корҳои санҷишӣ | | | | | | | | | | | |
| **2019-2020** | 9-а, 9 б | 24 | 4 | 17 | 3 | 100 | 4,0 | 88 | 1олӣ | 0,67 | 16,0 |
| **2020-2021** | 9-а, 9 б | 25 | 7 | 16 | 2 | 100 | 4,2 | 92 | 1олӣ | 0,72 | 25,9 |

*Идомаи ҷадвал*

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Теъдоди хонандагон** | 9-а,<br>9-б | 25<br>27 | 11 | 33 | 5 | 100 | 4,1 | 90 | 1олӣ | 0,70 | 21,2 |
| **2020-2021<br>2021-2022** | 10<br>10 | 17<br>14 | 8<br>9 | 6<br>3 | 3<br>2 | 100<br>100 | 4,0<br>4,5 | 82<br>85 | 1олӣ | 0,77<br>0,83 | 47,1<br>64,3 |
| **Теъдоди хонандагон** | 10<br>10 | 17<br>14 | 17 | 9 | 5 | 100 | 4,3 | 84 | 1олӣ | 0,80 | 54,0 |
| **2021-2022** | 11 | 17 | 10 | 7 | | 100 | 4,5 | 100 | 1олӣ | 0,85 | 58,8 |
| **Теъдоди хонандагон** | 11 | 17 | 10 | 7 | | 100 | 4,5 | 100 | 1олӣ | 0,85 | 58,8 |
| **Натиҷаҳои соли таҳсил** | | | | | | | | | | | |
| ***Идомаи ҷадвал*** | | | | | | | | | | | |
| **2019-2020** | 9-а,<br>9 б | 11<br>14 | 4 | 18 | 3 | 100 | 4,0 | 88 | 1олӣ | 0,67 | 16,0 |
| **2020-2021** | 9-а,<br>9 б | 10<br>17 | 8 | 17 | 2 | 100 | 4,2 | 92 | 1олӣ | 0,72 | 29,6 |
| **Теъдоди хонандагон** | 9-а<br>9-б | 25<br>27 | 12 | 35 | 5 | 100 | 4,1 | 90 | 1олӣ | 0,70 | 23,0 |
| **2020-2021<br>2021-2022** | 10<br>10 | 17<br>14 | 9<br>10 | 5<br>2 | 3<br>2 | 100 | 4,3<br>4,5 | 82<br>85 | 1олӣ | 0,78<br>0,85 | 52,9<br>71,4 |
| **Теъдоди хонандагон** | 10<br>10 | 17<br>14 | 19 | 7 | 5 | 100 | 4,4 | 84 | 1олӣ | 0,82 | 61,2 |
| **2021-2022** | 11 | 17 | 11 | 6 | | 100 | 4,6 | 100 | 1олӣ | 0,87 | 64,7 |
| **Теъдоди хонандагон** | 11 | 17 | 11 | 6 | | 100 | 4,6 | 100 | 1олӣ | 0,87 | 64,7 |

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки бо азхудкунии 100% нишондиҳандаҳои дониши хонандагон ва самаранокии фаъолияти таълимии омӯзгор аз рӯйи натиҷаи санҷишҳо дар соли 2019 нисбат ба соли 2022 дар

синфи 9 аз 0,67% ба 0,72% афзудааст, ки ин бо натиҷаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ дар озмоиши ниҳоӣ тасдиқи худро ёфтааст. Хонандагон асосан дониши худро тасдиқ кардаанд.

Дар синфҳои 10 (асосан хонандагони синфҳои 9-уми озмоишӣ) самараи фаъолияти таълимии омӯзгор аз 0,77% ба 0,83% расидааст. Аз рӯйи маълумоти кори санҷишӣ дар синфи 9 (соли таҳсили 2021-2022) дар муқоиса ба синфи 10 (соли таҳсили 2020-2021) самаранокии кори омӯзгор аз 0,77% то 0,85% афзоиш ёфтааст. Натиҷаҳои ҳолатҳои назоратӣ ва ҷамъбасти солона тамоюли мусбатро нишон медиҳанд.

Ба далели муттаҳид шудани духтарону писарон (солҳои таҳсили 2020-2021) барои таҳсили муштарак, нишондодҳои фаъолияти омӯзгор ва хонандагони синфҳои 9 ва 10-ро муқоиса кардан номумкин аст. Аз синфи 10 писарон пештар бо дигар омӯзгорон кори техникиро меомӯхтанд. Сарфи назар аз ин, дар ин синфҳо ҳам натиҷаҳо мусбат аст.

Шумораи хонандагони синфҳои дигар, ки дар аттестатсия баҳои *«5»* гирифтаанд, масалан, аз 12 (синфи 9) ба 19 (синфи 10) афзудааст, шумораи умумии хонандагоне, ки ба таври доимӣ баҳои қаноатбахш мегирифтанду баҳои «5» ва «4» гирифтаанд, зиёд шудааст.

Таълим бо истифода аз супоришҳои мураккаб дар дарсҳои технология ба хонандагон имкон дод, ки дар санҷишҳо натиҷаҳои хеле баланди зеринро нишон диҳанд:

– дараҷаи ташаккули дониш ва малакаи политехникии фарҳанги экологӣ;
– мавҷудияти дониш ва малакаи хоҷагидорӣ ва ҳисобкунии буҷети оила;
– дараҷаи огоҳӣ аз сохтор ва фаъолияти истеҳсолот ва хизматрасонии муосир;
– имконияти худмухтор шудан ва малакаи ёфтани роҳҳои инноватсионӣ ва эҷодӣ барои ҳалли мушкилот;
– фароҳам овардани шароит барои шинохти худ, омӯзиши доираи васеи касбҳо ва гузаронидани санҷишҳои касбӣ бо мақсади муайян намудани самти фаъолияти оянда;

– сифатҳои неки тарбиявӣ, аз қабили муҳаббат ба меҳнат, малакаҳои касбӣ, ҳисси коллективӣ, дӯст доштани инсонҳо ва раҳмдилӣ, садоқатмандӣ, виҷдони пок, эҳсоси масъулият ва риояи одоб, ватанпарастӣ, инчунин, фарҳанги баланди муошират ва рафтор. Ин хислатҳо барои ташаккули шахсияти комил мусоидат мекунанд;
– дониши амиқ оид ба принсипҳои бунёдии иқтисоди бозорӣ, менеҷмент ва маркетинг, ҳамчунин малакаи истифодаи онҳо дар таҳияи маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо;
– доштани маҳорати истифодаи маҳсулоти истеъмолӣ ҳамчун воситаи кор ва оро додани онҳо бо назардошти талаботи тарроҳӣ ва ҳунарӣ барои беҳтар кардани қобилияти рақобат дар муомилот ва фурӯш.

Баланд бардоштани шавқу ҳавас ба омӯзиши технология, густариши доираи маърифат ва мустақилият дар омодагӣ ба корҳои назоратӣ, ин ҳама ҷавҳари эҷодкорӣ ва фаъолияти созандаро ифода мекунад.

Маълумоте, ки дар боло дар бораи тағйирёбии ҷанбаи ҳавасмандӣ - маънои фаъолияти эҷодии хонандагон баён шудаанд, ташаккули омодагии хонандагонро дар синфҳои озмоишӣ ба фаъолияти пурмазмуни эҷодӣ тасдиқ мекунанд. Шавқу ҳаваси талабагон ба эҷоди доимӣ меафзояд, майлу хоҳиши ба раванди эчодӣ ҷалб карда шудан ба вуҷуд меояд, сохтори шавқу ҳавас ба машғулиятҳои беруназсинфӣ бо мазмуни гуногуни фаннӣ тағйир меёбад.

Шавқи маърифатӣ, чун дарёе, тамоми манбаъҳо ва фаъолиятҳоро - хоҳ фаннӣ бошанд, хоҳ ғайрифаннӣ дар оғӯш мегирад ва ҷанбаҳои муҳимми вазифаи мукаммали таълимро бо ҳам мепайвандад. Ҳамин тавр, таваҷҷуҳ ва шавқу ҳавас ба фаъолияти лоиҳавӣ зуҳур меёбад, ки қаблан чандон равшан набуд.

Ҳамин тавр, намунаҳои ташхис ва таҳлили онҳо, ки дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №55-и шаҳри Душанбе ва №3-и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шудаанд, чунин нуктаро тасдиқ мекунанд, ки вазифаҳои маҷмуиву мураккабе, ки дар асоси равиши лоиҳавӣ ба таълим коркард шуданд, бо мазмуни худ рушди ҷузъҳои асосии фаъолнокии эҷоди

(шавқу ҳавас ва рағбати маърифатӣ, мустақилӣ, малакаҳои умумитаълимӣ) хонандагонро қонеъ ва таъмин месозанд, амалӣ гардонидани фаъолиятҳои муҳимми бо ҳам алоқаманд метавонад, воситаи муосири рушди фаъолияти эҷодии хонандагон гарданд.

## Хулосаи боби дуюм

Дар давоми ду даҳсолаи охир дар соҳаи маориф бисёр тағйирот ва дигаргуниҳо ба вуқуъ пайваст. Ташкили ҷомеаи нав ва муносибати нав ба ҳаёт дар назди муассиса талабҳои нав мегузорад. Имрӯз мақсади асосии таълим на танҳо аз ҷониби хонанда ҷамъ овардани дониш, малака ва маҳорати муайян, балки омода намудани хонанда ҳамчун субъекти мустақили фаъолияти таълимӣ мебошад. Дар маркази таълими муосир фаъолияти ҳам омӯзгор ва ҳам муҳимтар аз он шогирд аст. Маҳз хамин мақсад - тарбияи шахсияти эҷодкор, фаъол, ки салоҳиятҳои омӯхтан ва мустақилона такмил додани онро дошта, ин салоҳиятҳоро дар ҳаёт истифода бурда тавонад, вазифаи асосии таҳсилоти муосир мебошад.

Дар раванди таълим ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ хусусияти муайянкунандаи таҳсилоти муосир мебошад.

Муносибати инноватсионии таълим ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки раванди таълимро тавре ташкил кунанд, ки дарс барои хонандагон ҳам шавқовар ва ҳам муфид бошад, бе он ки танҳо ба бозӣ ё шуғли дигаре табдил ёбад. Ва шояд, маҳз дар чунин дарс, чунон ки Сисерон гуфтааст: «Чашми шунаванда ва чашми суханвар равшан мешавад».

Таҳқиқоти диссертатсионӣ собит сохт, ки аҳамияти омӯзиши инноватсионӣ дар муқаррароти зерин ифода меёбад:

–рафъи расмиятчигӣ, услуби авторитарӣ дар низоми таълим;

–истифодаи таълими ба хонанда нигаронидашуда;

–ҷустуҷӯйи шароит барои ошкор намудани неруи эҷодии хонанда;

–риояи талаботи иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ.

Ҳадафҳои асосии омӯзиши инноватсионӣ инҳоянд:

–рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, иртиботӣ, забонӣ ва эҷодии хонандагон;

–ташаккули сифатҳои шахсии хонандагон;

–ташаккули малакаҳое, ки роҳро ба сӯи қуллаҳои фаъолияти таълимию маърифатӣ мекушоянд ва заминаи гузариш ба ҷаҳони эҷодиёти истеҳсолиро фароҳам меоранд;

–парвариши гулҳои рангоранги тафаккур;

–парвариши ганҷинаи дониш, санъати маҳорат ва истеъдоди беҳамто;

Ин мақсадҳо ҳамчунин вазифаҳои таълимии навовариро мушаххас менамоянд:

–оптимизатсияи раванди таълим;

–таъмини муҳити мусоиди ҳамкорӣ миёни хонанда ва омӯзгор;

–ба вуҷуд овардани ангезаи мусбати устувор барои омӯзиш;

–ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудани хонандагон;

–интихоби мавод ва усулҳои пешниҳоди он.

Таълими инноватсионӣ ба технологияҳои зерин асос ёфтааст:

–инкишоф додани таълим;

–омӯзиши мушкилот;

–рушди тафаккури интиқодӣ;

–муносибати тафриқавӣ ба таълим;

–ба вуҷуд овардани вазъи муваффақ дар синф.

Принсипҳои асосии омӯзиши инноватсионӣ инҳоянд:

–эҷодкорӣ (тамоюл ба эҷодкорӣ);

–азхудкунии дониш дар система;

–шаклҳои ғайрианъанавии дарс;

–истифодаи визуалӣ.

Дар дарси фанни технология (таълими меҳнат) намоиши техникаи меҳнат, ки ба ташаккули маҳорат ва қобилияти хонандагон нигаронида шудааст, ҷойи махсусро ишғол мекунад. Пеш аз ба амал баровардани ягон амали меҳнатӣ шахс онро руҳан иҷро мекунад, бинобар ин ташаккули малака

аз азхудкунии дониш дар бораи усул ва пайдарпаии амал, ангеза ва мақсадҳои он сар мешавад. Танҳо бо ҳамин равиш хонандагон дар бораи мазмун ва усули иҷрои фаъолияти меҳнатӣ тасаввурот пайдо карда, донишҳоро дар амал иҷро мекунанд.

Дар байни усулҳои фаъолтарини таълим бозиҳои корӣ (расмӣ) хеле таъсирбахшанд. Бозии корӣ ба сохтори анъанавии раванди таълим гуногунранӣ ворид мекунад. Истифодаи бозиҳои корӣ барои коҳиш додани фарқияти байни донишҳои назариявии хонандагон ва татбиқи амалии онҳо мусоидат мекунанд.

Таҳқиқот ошкор сохт, ки таълими проблемавӣ як навъи омӯзиши рушддиҳанда мебошад, ки фаъолияти мунтазами ҷустуҷӯии мустақилонаи хонандагонро бо азхудкунии хулосаҳои тайёри илмӣ муттаҳид мекунад ва низоми таълими проблемавӣ бо дарназардошти ҳадафгузорӣ ва принсипи проблемагузорӣ бунёд шудааст, раванди муошírати байни омӯзгор ва хонандагон ба рушди фардияти хонанда ва иҷтимоишавии шахсияти ӯ нигаронида шудааст.

Мафҳумҳои асосии таълими проблемавӣ «вазъияти проблемавӣ» ва «мушкилоти таълимӣ» мебошанд. Вазъияти проблемавӣ ин:

1. Мураттабсозии пешакии вазифаи ихтироъкорӣ. Тавсифи вазъияти проблемавӣ одатан ҷавоб ба саволҳои зеринро дар бар мегирад: мақсади асосии ҳалли масъала чист. Барои ноил шудан ба ҳадаф чӣ халал мерасонад. Барои рафъи душворӣ омили халалдоркунанда чӣ аст. Ҳалли масъала барои инсон ва ҷамъият чӣ медиҳад. Аҳамияташ дар чӣ аст? Вазъияти проблемавӣ ҷузъи ибтидоии таҳияи вазифаи ихтироъкорӣ мебошад.

2. Агар ҳангоми ба миён гузоштани проблема (ба маънои васеъ) роҳи ҳалли он ва воситаҳои барои ин зарурӣ маълум бошад ва он танҳо барои амалӣ намудани ҳалли он гузошта шуда бошад, пас танҳо як проблемаи хурд вуҷуд дорад. Агар дар вақти гузоштани проблема роҳи ҳалли он номаълум бошад, он гоҳ дар ҳалли вазъияти проблемавӣ мушкилот ба вуҷуд меояд. Вазъияти проблемавӣ ин дарк намудани он аст, ки ҳангоми иҷрои вазифаи

амалӣ ё назариявӣ проблема ба вуҷуд меояд. Бинобар дониши қаблан гирифташуда кифоя нест ва дар фаъолияти мақсадноки маърифатӣ ба вуҷуд омадани талаботи субъективӣ ба донишҳои нав амалӣ мегардад.

Вазъияти проблемавӣ як навъи махсуси таъсири мутақобилаи равонии байни субъект ва объект мебошад. Вазъияти мушкилӣ ҳолати равонии душвориро ифода мекунад, ки дар он фард ниёз ба рафъи монеаи ба вуҷуд омада ва ёфтани роҳи ҳалли онро дарк менамояд.

Вазъияти проблемавӣ шахсро дар шароите мегузорад, ки зарурати интихоб ва қабули қарорҳоро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, таълими проблемавӣ яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани фаъолияти таълимии хонандагон ва дар онҳо рушд ёфтани салоҳиятҳои технологӣ мебошад. Бинобар ин, ба омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) -и МТМУ зарур аст, ки дар ҷараёни таълим аз ҳама бештар аз усули таълими проблемавӣ истифода баранд.

Таҳлили муқоисавии таърихи ташаккули назария ва амалияи таълими лоиҳавӣ ва таҳқиқоти озмоишӣ нишон дод, ки усули лоиҳавӣ ба рушди ҳамаҷонибаи тафаккур, қобилиятҳои эҷодӣ, шавқу ҳавас ва омодасозии хонандагон ба ҳаёти мустақилонаи меҳнатӣ, ба фаъолияти касбӣ ва омӯзиши назария ва амалия дар таълим мусоидат мекунад.

Усули лоиҳавӣ он гоҳ ба кор меояд, ки дар ҷараёни таълим масъалаи таҳқиқотӣ ё эҷодие зуҳур мекунад, ки ҳаллаш аз хонанда дарёфти донишҳои муҷтамеъ аз фанҳои гуногун ва корбасти шеваҳои пажуҳишро тақозо менамояд.

Ҳадафи таълими лоиҳавӣ фароҳам овардани фазоест, ки дар он шогирдон имкон доранд:

–донишҳои зарурииро мустақилона ва бо шавқу рағбати беандоза аз чашмасорони гуногун ҷӯянд ва баҳра баранд;

–дар раванди таълим, хонандагон меомӯзанд, ки чӣ гуна донишҳои андӯхтаашонро барои кушодани гиреҳҳои маърифатӣ ва расидан ба комёбиҳо дар амал самаранок истифода баранд;

–тавассути ҷараёни ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои гуногун, онҳо қобилияти барқарор кардани робитаҳои ҳақиқиро инкишоф медиҳанд;

–малакаҳои таҳқиқотии худро, ки иборатанд аз қобилияти шинохти мушкилот, ҷамъоварии маълумот, мушоҳидаи дақиқ, анҷом додани озмоишҳои санҷишӣ, таҳлили амиқ, таҳияи фарзияҳои асоснок ва ҷамъбасти мунсифона, сайқал диҳед ва рушд диҳед;

–тафаккури системавии худро рушд медиҳанд.

Методикаи таълими лоиҳавӣ ҳамчун технологияи нави педагогӣ ба хонанда нигаронида шудааст, ки принсипҳои асосии муносибати гуманистиро дар таълим инъикос мекунад.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки таълими лоиҳавӣ як низоми дидактикӣ буда, усули лоиҳавӣ бошад, ҷузъи ин низом, ҳамчун технологияи педагогист, ки на танҳо муттаҳидсозии дониш, балки татбиқи технологияҳои муосир ва азхуд кардани донишхои навро таъмин менамояд.

Шароити муосир таҳқиқоти нави педагогиро дар соҳаи методикаи таълим, ҷустуҷӯи воситаҳо, шаклу усулҳои инноватсионии таълиму тарбия вобаста ба таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим тақозо менамояд.

Мутаносибан, «технологияи педагогӣ» чунин сохти фаъолияти омӯзгор аст, ки дар он амалҳои ба он дохилшуда бо тартиби муайян пешниҳод шуда, ба даст овардани натиҷаи пешбинишавандаро пешниҳод мекунанд. Ва «технологияи инноватсионии таълим» маҷмуи се ҷузъи ба ҳам алоқаманд аст: мазмуни муосир; усулҳои муосири таълим ва ҷалби хонандагон ба раванди таълим.

Ҳамин тариқ, таълими лоиҳавии хонандагон ин фаъолияти муштарак ё инфиродии таълимӣ, маърифатӣ, эҷодӣ ё бозӣ мебошад, ки дорои мақсад, усулҳои мувофиқашуда, усулҳои фаъолиятест, ки барои ноил шудан ба натиҷаи пешбинишудаи фаъолият нигаронида шудааст. Барои таҳияи бомуваффақияти лоиҳаи таълимӣ, пеш аз ҳама, доштани тасаввуроти мушаххас оид ба натиҷаҳои дилхоҳи фаъолият, пайдарҳамии марҳилаҳои

тарҳрезӣ (аз қабили таҳияи идея, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои лоиҳа, арзёбии захираҳои мавҷуда ва зарурии лоиҳаи таълимӣ, тартиб додани нақша, барномаҳо ва ташкили чорабиниҳо ҷиҳати амалисозии лоиҳа) ва дар охир, дарки амиқи он ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада зарур аст.

Ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим дар соҳаи таълимии «технология» ба ташаккули шахсияти тафаккури эҷодкор, фаъол ва ба осонӣ мутобиқшаванда ба шароити зудтағйирёбандаи ҳаёт мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таълими лоиҳавӣ бо истифода аз супоришҳои мураккаб дар дарсҳои технология ба хонандагон имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои маърифатӣ, фаъолнокии эҷодӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ, дараҷаи мустақилият ва қобилияти ҳалли масъалаҳои эҷодӣ ва ихтироъкорӣ, имкониятҳои худшиносӣ, омӯзиши касбу ҳунар ва худмуайянкунии касбии худро ташаккул диҳанд.

# ХУЛОСА

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ моро ба таҳия ва ироаи чунин хулоса водор сохт:

1. Тасдиқи мақсади мо, ки ҳамчун фарзия пешниҳод шудааст, собит месозад, ки моҳият ва асли таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон ба ҳавасмандгардонии хонандагон ба фаъолияти таҳқиқоти эҷодӣ, азхудкунии мавод тавассути ҳалли муттасили вазифаҳои таълимӣ, ки дар ҷараёни азхудкунии донишҳои нав ба вуқуъ меоянд ва татбиқи фаврии онҳо, ки ба инкишофи маърифат, мустақилият ва фаъолияти эҷодӣ равона шудааст, мусоидат менамояд. Инчунин, он ба даст овардани малакаи мантиқии алоқаманд сохтан ва муқоисаи маълумоти омӯхташуда бо дигар самтҳои дониш, ташаккули заминаҳои саводнокии технологӣ, фарҳанги технологӣ дар байни хонандагон, тарбияи меҳнатӣ, муносибати эҷодӣ ба ҳалли масъалаҳо, азхудкунии усулҳои гуногуни коркарди мавод ва иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи онҳо дар рафъи мушкилоти гуногун, афзоиши ҳавасмандии мусбат барои омӯзиши технология, роҳнамоии касбӣ ва муайян намудани потенсиали ҳар як хонандаро дар бар мегирад [1-М].

2. Ошкор карда шуд, ки дар натиҷаҳои омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар хонандагон бояд салоҳиятҳои асосӣ ва фаннии зерин ташаккул ёбанд:

–шахсиятӣ, ташаккули ҳавасмандии онҳо ба омӯзиш ва фаъолияти мақсадноки маърифатӣ, низоми муҳими иҷтимоӣ ва байнишахсӣ, муносибатҳои арзишӣ-маъноӣ, мавқеъҳои фаъолият, салоҳиятҳои иҷтимоӣ, ҳисси адолат, қобилият, ҳадафҳо ва таҳияи нақшаҳои ҳаёт, қобилияти фаҳмидани шахс дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ ва ғ.;

–асосӣ ё болоифаннӣ, аз ҷумла танзимкунанда, маърифатӣ, иртиботӣ, қобилияти истифода бурдани онҳо дар таҳияи консепсияҳои байнифаннӣ аз ҷониби хонандагон ва фаъолияти умумии таълимӣ (амалияи таълимӣ, маърифатӣ ва иҷтимоӣ), мустақилият дар банақшагирӣ ва ба амал

баровардани чорабиниҳои таълимӣ, ташкили ҳамкории таълимӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон;

–фаннӣ, аз ҷумла аз ҷониби хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фанҳои таълимӣ азхуд кардани малакаҳои фаннии ба ин мавзуъ хос, ҷараёни касби дониши тоза дар соҳаи фан, корбасти он дар шароитҳои таълимӣ, таълимӣ-эҷодӣ ва иҷтимоӣ-лоиҳавӣ, ташаккули тарзи тафаккури илмӣ, андешаҳои илмӣ дар бораи назарияҳои бунёдӣ, васила ва шаклҳои муносибат, азхудкунии вожаҳои илмӣ, мафҳумҳои калидӣ, роҳу усулҳо ва технологияҳои навин [3-М].

3. Муайян карда шуд, ки сохтор ва муҳтавои фанни технология ба талаботи муосири зерини таълим мувофиқат мекунад:

–фарҳанги технологии истеҳсолот;

–технологияҳои умумии истеҳсолоти муосир;

–фарҳанг ва эстетикаи меҳнат;

–фаъолият бо техника ва технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла қабул, таҳия, ҳифз ва истифодаи онҳо;

–асосҳои расмкашӣ, графика ва дизайн: санъати тасвир, нақш ва офариниши бадеӣ;

–унсурҳои иқтисодиёти хонавода, ҳунарҳои амалӣ ва ҷавҳари соҳибкорӣ;

–шиносоӣ бо олами рангоранги касбу ҳунар, роҳнамоии касбии хонандагон;

–таъсири густариши равандҳои технологӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон, масъалаи доғи рӯз;

–усулҳои фаъолияти техникӣ, эҷодӣ ва лоиҳакашӣ: роҳҳое ба сӯйи офариниши навагорона;

–таърихи пурталотум, дурнамои рангин ва оқибатҳои иҷтимоии рушди техникаву технология: сарнавишти инсоният дар оғӯши дастовардҳо [2-М].

4. Муайян карда шуд, ки бо вуҷуди он ки натиҷаи хуби баҳрабардориро аз василаҳои навини таълим аксарияти омӯзгорони

пешқадам, хонандагон ва волидон фаҳм кардаанд ва қисми бештари омӯзгорон аз унсурҳои пешқадами таълим кор мегиранд, вале, дар гузаронидани машғулиятҳо ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, истифодаи воситаҳои аёнӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, аудио, диску воситаҳои гуногун аз ҷониби баъзе омӯзгорони фанни технология кам ба мушоҳида мерасад ва вобаста ба ин  зарур аст, ки минбаъд маҳорату малакаи омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба истифодаи воситаҳои иттилоотию иртиботӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим такмил дода шавад [6-М].

5. Таҳлили таҷрибаи таърихии технология таълими меҳнат дар Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

–сарнавишти таълими меҳнат барои хонандагон ҳамеша ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, ниёзҳои ҷомеа ва талаботи истеҳсолот ба низоми таҳсилоти умумӣ ва касбӣ вобаста будааст;

–таълими меҳнат барои насли наврас як зарурати воқеӣ ва ногузир аст, ки ҳамчун шарти муҳим дар татбиқи яке аз ҳадафҳои аслии педагогика зуҳур мекунад: фард ҳамчун шахс пеш аз ҳама дар фаъолияти амалӣ ташаккул меёбад. Дарки ин шарти ҳалкунандаи рушди низоми таълими меҳнати хонандагон ба объективона муайян кардани мақсаду шароитҳои татбиқи он вобаста аст. Рушди низоми таълими технологӣ (таълими меҳнат) бо тағйир ёфтани марҳилаҳои болоравӣ ва пастшавӣ, мувофиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият хусусияти даврагӣ дорад. Ҳар як давраи тараққиёти ҷамъият низоми таълими технологии худро дорад, ки онро вазъияти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян мекунад;

–низоми таълими меҳнат (технология)-и хонандагон мувофиқи ҳалли масъалаҳои тараққиёти чамъиятӣ ва қонеъ гардондани талаботи субъектҳои фаъолияти таълимӣ бояд такмил дода шавад. Раванди дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, зарурати рушди объективии низоми таълими технологии хонандагонро муайян мекунад;

–таҷрибаи ислоҳоти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки татбиқи мақсаду вазифаҳои таълими меҳнат дар муассиса ба

имкониятҳои таъминоти илмӣ, методӣ, моддию техникӣ, кадрӣ ва меъёрии он вобаста аст. Ин аз зарурати рушд додани ҳамкории мутақобила ва истифодаи маҷмуии захираҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим шаҳодат медиҳад [5-М].

6. Мушоҳида ва омӯзишҳо собит сохтанд, ки кабинети технология ҳар қадар беҳтар ва гуногунтар таҷҳизонида шавад, азхуд намудани донишҳои назариявӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо ҳамон қадар беҳтар мегардад.

Стандартҳои таълимӣ дар кабинети технология мавҷуд будани маҷмуи пурраи воситаҳои таълимро талаб мекунанд, ки бе онҳо ба хонандагон тамоми дониш ва малакаҳои дар барнома пешбинишударо додан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ҷиҳозонидани устохонаи муассисаро он вақт пурра ҳисобидан лозим меояд, ки дар он василаҳои асосии дарсгузаронӣ муҳаё бошанд.

Собит карда шуд, ки:

–истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва усулҳои фаъолу интерактивӣ дар раванди таълим, фазои рангину пур аз имкониятро барои шукуфоии истеъдодҳои хонандагон фароҳам месозад.

–технологияи коммуникатсионӣ дар раванди таҳсил ба хонанда имконият фароҳам меорад, ки ба умқи мазмуну мундариҷаи фан бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин васила дар ҳаллу фасли мушкилоти пешомади дилхоҳ мавзуъ муваффақ шавад. Афзун бар ин, татбиқи ин унсурҳо дар марҳилаи ибтидоии ҳаёти хонанда ба рушди фаъолияти фикррони ва эҷодӣ, маҳорати зеҳнию технологӣ, маърифатнокии илмию техникии ӯ мусоидат менамояд;

–таълими проблемавӣ воситаи самараноки рушди ҳамаҷонибаи хонандагон буда, онҳо тамоми маводи таълимиро танҳо бо роҳи ҳалли мустақилона ва кашф намудани донишҳои нав меомӯзанд. Дар ин ҷо фаъолияти самараноки хонандагон ва гузоштани вазифаҳо, иҷрои машқҳо чизи асосӣ аст. Дар ташкили раванди таълим принсипи проблемагузорӣ ба роҳ монда шуда, ҳалли муназзами масъалаҳои таълимӣ хусусияти хоси ин

навъи таълим мебошад. Азбаски таълими проблемавӣ ба рушди ҳамаҷонибаи хонанда, қобилиятҳои инфиродии ӯ нигаронида шудааст, он таълими воқеан як навъи рушддиҳанда буда, фаъолияти мунтазами ҷустуҷӯйи мустақилонаи хонандагонро бо азхудкунии хулосаҳои тайёри илмӣ муттаҳид мекунад, ки боиси рушди салоҳиятҳои технологӣ ва иҷтимоӣ-меҳнатии хонандагон мегардад;

–истифодаи усули таълими лоиҳавӣ ва супоришҳои мураккаби таълимӣ (аз ҷумла лоиҳаҳо) ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои фаъолияти эҷодии хонандагон дар дарси технология таъсирнокӣ ва самаранокии худро дар ташаккули фаъолияти эҷодӣ ва салоҳиятҳои технологии хонандагон нишон доданд. Таҳлили муқоисавии тағйироти нишондиҳандаҳо дар байни ГН ва озмоишӣ аз он далолат мекунад, ки самаранокии таъсири вазифаҳои маҷмуи таълим ва супоришҳои мураккаби таълимӣ рушди малакаҳои умумитаълимӣ (маҳоратҳои ташкилӣ ва муоширатӣ) ва умумӣ (маҳоратҳои маърифатӣ)-ро ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти эҷодӣ таъмин сохтанд [4-М].

